**Ш. БОБОМУРОДОВ, С. САБЗАЕВ,**
**С. НАБИЗОДА**

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Барои хонандагони синфи 5-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

**Нашри чорум**

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст**

**ДУШАНБЕ**
**МАОРИФ**
**2018**

**УДК 373. 167. 1**
**ББК-81.2 тоҷик**
**Б-74**

**Б-74.** Бобомуродов Ш., Сабзаев С., Набизода С. **Забони тоҷикӣ**. Китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 5–уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе: Маориф, 2018. – 256 саҳ.

**Хонандагони азиз!**

Китоб манбаи донишу маърифат аст, аз он баҳравар шавед ва онро тоза нигоҳ доред! Кӯшиш кунед, ки соли таҳсили оянда ҳам ин китоб ҳамин гуна зебову ороста дастраси хонандагони дигар гардад ва онҳо низ аз он истифода баранд.

**Ҷадвали истифодаи китоб**

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали сол | Охири сол |
| 1. | | | | | |
| 2. | | | | | |
| 3. | | | | | |
| 4. | | | | | |
| 5. | | | | | |

**©МАОРИФ, 2018**
**Моликияти давлат**

**ISBN 978-99947-1-513-8**




## МУРОҶИАТ БА ХОНАНДА

Шогирди азиз!

Китоб дӯсти мададгор ва «фурӯғи субҳи доноӣ»-и туст. Имрӯзу фардои ту ободу дурахшон аз меҳру муҳаббатат ба китоб, ба ин нерумандтарин сарчашмаи дониш аст. Ба тавассути ҳамдамӣ бо китоб ту ба қуллаи мурод мерасӣ ва дар ҷодаи зиндагӣ комёб мешавӣ.

Чун китоб ба даст гирифтӣ, «зи ҳар сатраш равон магзар чу хома, ба ҳар ҳарфаш фурӯ рав чун сиёҳӣ». Китоб барои инсони комил ва фозил шуданат ёрӣ расонида, туро суханвару забондон месозад. Бидон, ки неку донистани забони давлатӣ ва бузургдошти он волотарин фазилати ҳар инсони бомаърифат аст.

Китобро эҳтиёт намо, тозаю озода нигоҳ дор, то соли дигар низ хонандагон аз он истифода бурда тавонанд ва ба ту арзи сипос намоянд.



## ЗАБОН ВА СУХАН

Калимаи «забон» дар луғатҳо ба маъноҳои зиёде шарҳ ёфтааст. Агар мазмуни ҳамаи онҳоро дар маҷмӯъ бигирем, як маъно бармеояд: воситаи муҳимтарини алоқаи байни одамон. Дар олам зиёда аз 2000 забон мавҷуд аст. Ин забонҳо ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, то дараҷае миёни ҳам хешутаборӣ доранд. Забони тоҷикии мо ба гурӯҳи забонҳои эронӣ мансуб буда, доираи истеъмоли он васеъ аст. Онро дар Эрон забони форсӣ, дар Афғонистон дарӣ ва дар Тоҷикистон тоҷикӣ мегӯянд.

Забон ҳамчун воситаи алоқа ва мубодилаи афкор ба ҳамаи аъзои ҷамъият ва синфҳо баробар хизмат мекунад, бинобар ин забон хусусияти синфӣ надорад. Он ҳодисаи умумиҷамъиятӣ мебошад.

***Носирҷон Маъсумӣ***

Забон рукни асосии миллат аст. Ҳар кӣ ба қадри забон нарасад, ба қадри ҳеҷ чиз ва ҳеҷ кас намерасад. Охир, забон модар аст, забон таърих аст, забон маданият аст, забон так-

дир аст. Касе, ки забону маданияти миллати худро намедонад, шахси маданӣ буда наметавонад.

*Шарофиддин Рустамов*

Забон дирӯз, имрӯз ва фардои халқ, шиносномаи миллат дар масири таърих буда ва ҳаст.

*Лоиқ Шералӣ*

Марги миллат аз марги забон сар мешавад.

*Гулрухсор*

Миллате, ки забони модариашро тавоно намесозад, пос намедорад ва азиз намешуморад, маҳкум ба завол ва пастист.

*Ардамеҳр*

Забони мо ҳоло ба талаботи имрӯзу фардо бояд ҷавоб гӯяд, хостаҳои дирӯзу парерӯз, суннатҳои ҳазорсоларо низ бояд фаромӯш накунем.

Зебоиву равонӣ, тавоноӣ ва матонати забони адабиёти классикӣ бояд ҳамеша намунаи ибрати мо бошад. Робитаи мо ба забони халқ ва адабиёти классикӣ ҳар чӣ бештар бошад, пояҳои халқии забони адабии имрӯза ба ҳамон андоза устувор хоҳад буд.

*Муҳаммадҷон Шакурӣ*

Маданияти забон дар заминаи хуб донистани забони модарӣ инкишоф меёбад.

*Абдуқодир Маниёзов*

## ЛУҒАТ

**завол** – поён, интиҳо
**масир** – роҳи рафт, равиш
**маҳкум** – ба ҳукм айбдоршуда
**суннат** – урфу одат, расму қоида
**хоста** – чизи талаб кардашуда

# I. ТАКРОРИ МАВЗӮЪҲОИ СИНФҲОИ I - IV

## § 1. КАЛИМА. ҲИССАҲОИ НУТҚ

***1. Ин шеърро ифоданок қироат кунед ва мазмунашро шарҳ диҳед.***

Оҷ гум карду забонро гум накард,
Тоҷ гум карду забонро гум накард,
Тахт гум карду забонро гум накард,
Рахт гум карду забонро гум накард,
Бахт гум карду забонро гум накард.

* * *

Дар ҳадду сарҳадшиносии ҷаҳон
Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст,
То забон дорад, ватандор аст ӯ,
То забондор аст, бисёр аст ӯ.

***Бозор Собир***

**ЛУҒАТ**

**оҷ** – 1. устухони фил, дандони фил; 2. сафед (тахти шоҳӣ аз оҷ сохта мешуд)
**рахт** – 1. коло, асбобу анҷом; 2. ҷома ва дигар пӯшокворӣ

**САВОЛ ВА СУПОРИШ**

1. Муайян кунед, ки калимаи ***«забон»*** аз чанд ҳарфу чанд овоз иборат аст.
2. Кадом шеърҳоро дар бораи забон аз ёд медонед? Ин шеърро аз ёд кунед.
3. Зарбулмасал ё мақолеро, ки дар он калимаи ***«забон»*** истифода шуда бошад, ба ёд оред.
4. Таассуроти худро аз таътили тобистона шифоҳӣ (дар синф) ва хаттӣ (дар хона) баён кунед.

***2. Ба расмҳо диққат кунед. Муайян кунед, ки нутқи шифоҳӣ кадом асту нутқи хаттӣ кадом. Фарқи байни онҳоро шарҳ диҳед.***

## НУТҚ



мегӯем ва мешунавем



менависем ва мехонем

***3. Ба ҷойи нуқтаҳо ҳамсадоҳои мувофиқ гузошта, зарбулмасалҳоро нависед.***

1. Авва… ҳа…соя, ба…д хо…а. 2. Ага… гуфта… сим ас.., хо…ӯ…ӣ зар аст. 3. …гар се…ад за…бо… до…ӣ, фу… ун не…т. 4. Аё…ро чӣ ҳо…ат ба баё…? 5. Аз да…лати шо…ӣ кӯ…мак о… мехӯра…

## САВОЛ ВА СУПОРИШ:

1. Ба калимаҳои ҷумлаи аввал савол гузошта, кадом ҳиссаи нутқ будани онҳоро муайян кунед.

2. Мақоли ***«Бо сухани ширин мор аз хонааш мебарояд»*** чӣ маънӣ дорад?

***4. Ба расмҳо диққат карда, ашёи тасвиршударо номбар кунед. Бо он калимаҳо якҷумлаӣ нависед.***




***5. Матнро бодиққат хонда, мазмунашро нақл кунед.***

Занак ба писар либоси мактабӣ пӯшонд ва рӯ ба рӯяш сари по нишаста, ба оғӯш кашида бӯсиду бархоста, «Рафтем» гуфт.

Писарак ҷаҳида аз остона берун баромад ва баргашта:

– Китобҳо монданд, – гуфт.

– Имрӯз бе китоб меравед, бо муаллимҳо ва талабаҳои синфи ёздаҳ шинос мешавед, – фаҳмонд занак.

Писарак завқ карда хандид ва бо даст даҳонашро дошт, ки ҷойи дандони ғалтидааш намоён нашавад.

– Бибиҷон, гӯед, чӣ хел мешавад?

– Равем, худатон мебинед. Сабр кун, як даста гул гирем, ба муаллимаат медиҳӣ.

Писарак дар дасти росташ гулдаста ва бо дасти чап дасти бибиашро дошта мерафт. Зудтар ба мактаб расидан мехост.

– Бибиҷон, ҳоло мактаб дур аст?

– Не, ҳо-о мебинӣ, бачаҳо рафта истодаанд.

Саҳни мактаб хеле оро дода шудааст. Гирдогирд курсӣ гузоштаанд. Дар курсиҳо падару модарон нишастаанд. Онҳо як-як омада, бачаҳояшонро ба муаллим нишон медиҳанд ва гузашта менишинанд. Дар байн талабаҳои синфи даҳ қатор андар қаторанд. Дар рӯ ба рӯйи майдон дар паси мизҳои бо алвон пӯшида  муаллимон нишастаанд. Дуртар аз онҳо дастаи навозандагон «Занги аввал» ном мусиқиро

менавозанд. Муаллимон навмактабиёнро як-як ба саф мемонанд. Онҳо нооромананд.

***Сорбон***

## ЛУҒАТ

**алвон** – матои якранги сурх

## САВОЛ ВА СУПОРИШ:

1. Ба матн кадом ном мувофиқ аст?
2. Сархати охиринро навишта, муайян кунед, ки кадом калимаҳо маънои мустақил доранд, кадомашон не.
3. Рӯзи аввали ба мактаб омаданатонро ба хотир оварда метавонед? Мухтасар нақл кунед.

***6. Ҷумлаҳоро нависед ва ба имлои калимаҳои ишорашуда диққат диҳед.***

1. Забони порсиро **Рӯдакӣ** бо ашъори пурҳикмат, **Фирдавсӣ** бо **«Шоҳнома», Хайём** бо рубоиёт, **Ҳофиз** бо ғазалиёт, **Мавлавӣ** бо **«Маснавии маънавӣ», Саъдӣ** бо **«Гулистон»**-у **Ҷомӣ** бо **«Баҳористон»** сиккаи безаволӣ зада. З-ин рӯ, ҳеҷ тӯфоне онро маҳв натавонад кард.

Зиҳӣ, забони ҷовидони ман!

***Абдурауф Илёспур***

2. **Одина** худро хушбахт ҳис кард, даме ки ӯро барои ҳунарнамоӣ ба кишварҳои **Шарқ** даъват карданд. Орзуи деринаи ҳофиз ҷомаи амал пӯшид. Ӯ дар **Эрон, Афғонистон, Покистон, Арабистон, Ҳиндустон** ва бисёр кишварҳои дигар фалакхонӣ карда, шуҳрати тоҷиконро ба оламиён расонд...

***Маҷид Салим***

## САВОЛҲО

1. Гуфта метавонед, ки чаро калимаҳои ишорашуда бо ҳарфи калон навишта шудаанд?
2. ***«Ҷомаи амал пӯшидан»*** чӣ маънӣ дорад?
3. Тоҷикистон ба кишварҳои Шарқ дохил мешавад ё ба кишварҳои Ғарб?

**7. Чистонҳои зеринро хонед ва ҷавоби онҳоро муайян кунед.**

Хона пури марворид,
Марворида кӣ корид?

Хона аз пушти хона
Рӯйи оҳан равона.
Оҳан чӣ гуна оҳан?
Хона чӣ гуна хона?
**(Д...н ва д...н, п...д)**

***Убайд Раҷаб***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Аз рӯйи оҳанг фарқи ҷумлаҳои саволӣ ва хабариро муайян намоед.
2. Дар чистони якум ***«хона»*** гуфта, чиро дар назар доранд?
3. Шоир чиро ба ***«марворид»*** монанд кардааст?
4. «***Оҳан»*** ишора ба чист?

**8. Аз рӯйи расм амали ин шахсонро ифода кунед.**





**9. Сифати калимаҳои зеринро ёфта нависед. *Намуна:*** *дӯст – дӯсти бовафо…*

Дӯст, гул, китоб, об, тирамоҳ, ронанда, бародар.

***10. Матнро хонед ва ба он ном гузоред. Феълҳоро ёфта, шахсу шумора ва замони онҳоро муайян кунед.***

Як рӯз як китобчаи барои худам хеле муҳимро дар ин мадраса ба даст даровардам: дар он мадраса мулло Абдулҳаким ном кӯлобӣ буд, ки дар рӯзҳои таътил ба бозори китоб рафта, китобҷаллобӣ мекард. Рӯзе ӯ чанд китобро аз бозор оварда, дар пеши дарвозаи мадраса ба муллоҳо муҳим ва пурқимат будани онҳоро таъриф карда нишон медод. Дар миёнаи он китобҳо як ҷузъ барин китобчаи чопи сангин буд, ки ба вай аҳамият надода, ба каноре монд. Ман онро гирифта кушода дидам. Як китобчаи шеър будааст ба тарзи байтбарак, дар ҳар ҳарфи алифбои араб як ғазал дорад ва ғазалҳояш сода ва равон аст.

Ин китобчаро ман бисёр писандидам. Ба болои ин ки ғазалҳояш ба фаҳми ман наздик буданд, ин китоб маро дар байтбарак ба ароқҳои ғолибшаванда мусаллаҳ мекард.

***Садриддин Айнӣ***

## ЛУҒАТ

**мадраса** – ҷойи дарсхонӣ, мактаби олии мусалмонӣ
**ғазал** – як навъи шеъри лирикӣ буда, аз 5 – 11 байт иборат аст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Шакли дигари ифодаи калимаи ***«писандидам»***-ро гӯед. Замони ин феълро муайян карда метавонед?
2. Шумо дар синфатон байтбарак ташкил мекунед?
3. Нависанда ***«ароқҳои ғолибшаванда»*** гуфта, чиро дар назар дорад?

***11. Матни зеринро хонед ва ба мазмуни он диққат диҳед.***

Як қатор чистонҳои халқӣ ба гулҳои гуногуни хушрангу бӯй бахшида шудаанд. Гул рамзи дӯстӣ ва ишқу муҳаббати инсонист. Он ба ҳусну латофати табиати хуррам ҳусну таровати тоза бахшида, машоми ошиқону маъшуқони дилдодаро муаттар месозад. Шояд мардум дар баҳорон гулро

чида, бӯйида, дар сар зада, сипас чистони зеринро офарида бошанд.

*Гар даҳонаш во шавад,*
*Бӯйи хуше пайдо шавад. (Гул)*

***Асадулло Сӯфиев***

## ЛУҒАТ

**ғизол** – оҳу
**машом** – димоғ, бинӣ
**муаттар** – атрнок, хушбӯ
**рамз** – сухани пӯшида, имо, ишорат

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Даҳ калимаи мураккабе гӯед, ки яке аз ҷузъҳояшон ***«гул»*** бошад.
2. Кадом гулҳо номи занонаро ифода мекунанд?
3. Таркиби калимаи ***«чистон»***-ро муайян кунед.





***12. Ду феълро интихоб карда, онҳоро дар шакли замони гузашта ва оянда тасриф намоед.***

***Намуна:*** *тасрифи феъли **«хондан»** дар замони ҳозира*

| Шахс | Шумора | |
|---|---|---|
| | **танҳо** | **ҷамъ** |
| 1. | хонда истодаам | хонда истодаем |
| 2. | хонда истодаӣ | хонда истодаед |
| 3. | хонда истодааст | хонда истодаанд |

## §2. ИБОРА. ҶУМЛА. МУБТАДО ВА ХАБАР

***13. Агар калимаҳоро ҷо ба ҷо гузоред, ҷумла ташкил мешавад.***

а) Тобистон, мо, расид, охир, ба, таътил.

б) Гулдаста, рӯзи, тақдим, ман, сентябр, кардам, муаллима, якуми, ба.

***14. Хонед ва ҷумлаҳоро аз рӯйи оҳанг ва мақсади ифодаи фикр шарҳ диҳед.***

**ФАРОҒАТ**

Баробари фарорасии таътили тобистона вақтгузаронӣ дар ин давра пеши назар меояд. Он чӣ гуна ва дар куҷо мегузарад? Табиист, ки беҳтарин таассурот барои бачаҳо истироҳат дар фароғатгоҳҳои тобистона аст. Истироҳат дар ин фароғатгоҳҳо сол то сол шароити хубтар пайдо мекунад. Масалан, беҳтарин шароит дар истироҳатгоҳи кӯдаконаи «Чайка» дар дараи Варзоб муҳайёст. Он соли 2017 85-сола шуд. Барои ба фароғатгоҳҳо рафтани бачаҳо роҳбарони мактабҳо ғамхорӣ мекунанд. Хусусан барои онҳое, ки соли хонишро бо баҳои хубу аъло ба анҷом мерасонанд, инчунин барои бачаҳои ятим ва оилаҳои камбизоат низ имтиёз ҳаст. Дар фароғатгоҳ саҳару бегоҳ зери садои шайпур ва нақора чунин нидоҳоро мешунавем: «Бачаҳо, саф кашед!», «Шиори мо: «Барои ҳифзи Ватан доимо тайёрем!»…

Дар фароғатгоҳ бачаҳо бо рақсу сурудхонӣ, оббозӣ, футболу волейбол, теннису шоҳмотбозӣ машғул шуда, бо шоирону ҳунармандон вохӯриҳо мегузаронанд. Кас аз фароғатгоҳ бо рӯҳияи болида бармегардад.

*Саидҷони Умед*

***15. Матнро нависед ва ба зери ибораҳои он хат кашед.***

**ИБНИ СИНО**

Ҳама кӯшиши ӯро дар ҷустуҷӯи китоб, иштиёқи ӯро ба мутолиа таъриф мекарданд. Ӯ барои ба даст овардани китоби ба худаш даркорӣ ба ҳар кӯю дар сар мезад, дуру наздик

нагуфта мерафт. Китобро, ки дар он замон хеле камчин ва гарон буд, ба ҳар нарх мехарид, ба ҳар навъе ки бошад, ба даст медаровард. Фақат ба хондан ва шинос шудани рӯякӣ қонеъ нашуда, ба навиштаҳои ҳар китоб бо назари танқидӣ менигарист.

***Раҳим Ҳошим***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Дар бораи Ибни Сино чӣ медонед?
2. Шарҳ диҳед, ки ***«камчин»*** чӣ маънӣ дорад ва онро дар маҳалли шумо чӣ мегӯянд.

***16. Шеърро ифоданок қироат кунед ва ибораҳои онро муайян намоед.***

**Дилоройӣ, Душанбе**

Аҷаб шаҳри дилороӣ, Душанбе,
Хаёлам зеби дунёӣ, Душанбе.
Шудам сарсабз дар оғӯши меҳрат,
Чу дил дар синаам ҷойӣ, Душанбе.
Ба гирдат ҳалқа баста кӯҳсорон,
Туро гардида ҳомию нигаҳбон.
Ҳамеша то ки бошӣ сабзу хуррам,
Зи дил ҷорӣ намуда чашмасорон.
Аҷаб шаҳри дилороӣ, Душанбе,
Хаёлам зеби дунёӣ, Душанбе.

***Боқӣ Раҳимзода***



## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Мисраъҳо бо кадом оҳанг ифода ёфтаанд?
2. Душанбе чӣ хел шаҳр аст?
3. Кадом рӯз Рӯзи пойтахт аст?
4. Шеърро аз ёд кунед.

***17. Аз калимаҳои зерин ибора созед.***

| | |
|---|---|
| устод | калон |
| бозор | сахтгир |
| боғ | баланд |
| кӯҳ | сермағал |
| базм | хуррам |
| мактаб | дӯстӣ |

***18. Зарбулмасалу мақолҳоро хонед ва ба мазмуни онҳо диққат диҳед.***

1. Аввал андеша, баъд гуфтор.
2. Бингар, ки чӣ мегӯяд, мангар, ки кӣ мегӯяд.
3. Доно донаду пурсад, нодон надонаду напурсад.
4. Забон дар ҷойи худ истад, забон аст, агар андак бурун ояд, зиён аст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Ҷумлаҳо аз ҷиҳати сохт дар ин ҳикматҳо чӣ гунаанд?
2. Ҳикмати дуюмро шарҳ диҳед.
3.Дар талаффузи калимаҳои ***«бино»*** (бинои мактаб) ва ***«бино»*** (одами бино) чӣ тафовутро мушоҳида мекунед?

# II. ОВОШИНОСӢ (ФОНЕТИКА), ИМЛО ВА ТАЛАФФУЗ

## §3. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ОВОШИНОСӢ (ФОНЕТИКА)

***19. Матнро хонед ва гӯед, ки дар кадом вақт бештар аз чунин матн истифода мебаранд. Ба имлои ҳарфҳо ва талаффузи овозҳои калимаҳои ишорашуда диққат диҳед.***

Дӯсти азизам, Сорбон!

Туро ба фарорасии ***зодрӯзат*** аз таҳти дил муборакбод мегӯям. Бароят ***сиҳатмандӣ, хушбахтӣ*** ва ***рӯзгор***и обод орзу дорам. Бошад, ки умри ҳамешабаҳор ва рӯзгори ботаровати ҳамсафари ҳаётиат гардад!

Дӯстат Шаҳром.

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Шумо то ин вақт табрикнома навишта будед?
2. Гӯед, ки дар навиштани матни табрикнома чиро ба назар гирифтан шарт аст.

**Мо ҳангоми чизеро ба касе фаҳмондан андешаю фикрамонро ба воситаи ҷумла ифода менамоем. Ҷумлаҳо аз калимаҳо, калимаҳо аз ҳиҷоҳо ва ҳиҷоҳо аз овозҳо иборатанд.** Масалан, ҷумлаи **«Падарам омаданд»** аз ду калимаи бо ҳам алоқаманд (падарам, омаданд) ташкил шудааст. Ин калимаҳо ба ҳиҷоҳои **па-да-рам о-ма-данд** ҷудо шуда, овозҳои **п, а, д, а, р, а, м о, м, а, д, а, н,** д-ро дар бар мегиранд.

***20. Калимаҳоро бурро хонед. Онҳоро ба ҳиҷоҳо ва ҳиҷоҳоро ба овозҳо ҷудо кунед. Муайян кунед, ки ҳар калима аз чанд ҳиҷо ва чанд овоз иборат аст.***

Даст, даста, гулдаста, модаркалон, навиштан, ҳамсоя, паҳлавон, хок, хона, додар, қадбаланд, кӯча, кӯҳистон, бом, дидан.

***Овошиносӣ (фонетика)*** **як соҳаи илми забоншиносӣ буда, *ҷиҳати овозии нутқро* меомӯзад. Ҷиҳати овозии забонро *овозҳои нутқ, ҳиҷо, зада* ва *оҳанг* ташкил медиҳанд. (Фонетика аз калимаи юнонии *фоне* – овоз гирифта шудааст.)**

***Имло*** **қоидаҳои дуруст навиштани калимаҳоро меомӯзад.**

***21. Калимаҳои ҷуфтро бодиққат талаффуз карда фаҳмонед, ки онҳо бо кадом овозҳояшон аз ҳамдигар фарқ мекунанд.***

| | | |
|---|---|---|
| зард - сард | васл - фасл | ҷой - чой |
| мард - марг | дор - тор | гӯл - гул |
| нам - кам | ҳам - хам | шир - шер |
| шод - шуд | дар - зар | хуб - хоб |

***22. Аз «Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ» барои овозҳои зерин ҷуфтҳои муносиби калимаҳоро пайдо кунед.***

**з-с, ж-ш, ғ-х, б-п, ҷ-ч, у-ӯ, а-о Намуна**: з-с *(зар - сар).*

***23. Ҳар касе, ки бештар калима медонад, дар бозии «Сирри ҳарф» ғолиб меояд.***

Дар забони рангину шевои модарии мо бисёр калимаҳои аҷоибе ҳастанд. Ба онҳо агар як ҳарф илова кунед, ё як ҳарфи онро гиред, маънии тамоман дигаре ҳосил мешавад. Бовар намекунед? Биёед, якҷоя бозӣ мекунем. Калимаи *«себ»*-ро мегирем. Пеш аз калима ҳарфи «о» гузорем, *«осеб»* мешавад. Ё худ *«сар»*. Пеш аз калима «а» гузорем, *«асар»* мешавад, баъди калима *«сара»*. Ку, бинем, бо ин тарз кӣ аз ҳама зиёд чунин калима месозад?

***Латофат Кенҷаева***

## СУПОРИШ

• Калимаҳои ишорашударо ба ҳиҷоҳо ва ҳиҷоҳоро ба овозҳо ҷудо кунед.

***24. Тезгӯякҳоро бурро талаффуз кунед ва онҳоро нависед.***

1. Як мушт писта ба бист мушт писта.
2. Чумчуқ «чӣ-чӣ» мегӯяд,
   Медонӣ, чӣ мегӯяд?
   «Дар мактаби чумчуқҳо
   Ман аълочӣ», – мегӯяд.

**САВОЛ ВА СУПОРИШ**

1. Сабаби душвор талаффуз кардани тезгӯякҳои боло дар чист?
2. Ҳарфҳо ва овозҳои тезгӯяки аввалро муайян кунед.

## §4. ДАСТГОҲИ ГУФТОР ВА ВАЗИФАҲОИ ОН. ОВОЗ ВА ҲАРФ

***25. Аввал овозҳои** а, о, и, у, э, ӯ **ва баъд овозҳои** к, п, т, ч, **ъ-ро якчанд маротиба талаффуз кунед ва зеҳн монед, ки дар талаффузи онҳо чӣ фарқ ба мушоҳида мерасад.***

***26. Аз калимаҳои зерин овозҳоеро ёбед, ки дар талаффузи онҳо лабҳо ва забон бештар иштирок кунанд.***

Мактаб, давидан, дору, банд, синф, овоз, фасл, сим, намак, нон, зону, тирамоҳ.

**Овозҳо ҳангоми талаффуз дар натиҷаи ҳаракати узвҳои нутқ ҳосил мешаванд.**

**Ҳамаи узвҳои нутқ**: гулу, *садопардаҳо, шуш, нойи нафас, коми мулоим бо забонча, ҳалқ, холигии даҳон, забон, лабҳо, дандонҳо, холигии бинӣ (димоғ)* дар якҷоягӣ **дастгоҳи гуфторро** ташкил мекунанд.

***27. Аз рӯйи расм дастгоҳи гуфторро муайян кунед.** 1) шуш; 2) нойи нафас; 3) гулу ва садопардаҳо; 4) холигии даҳон; 5) забон; 6) лабҳо; 7) дандонҳо; 8) холигии бинӣ.*




***28. Овозҳои д, б, л, ш, р, с-ро талаффуз кунед ва гӯед, ки онҳо бо иштироки кадом узвҳои нутқ ҳосил мешаванд.***

***29. Калимаҳои зеринро хонед ва аз онҳо овозҳоеро, ки ба воситаи лабҳо, забон ва ҳалқ талаффуз мешаванд, муайян кунед.***

1) Кӯча, пода, ҳавлӣ, харак, бозу;
2) Панир, фонус, чанг, ҷома, шуъла;
3) Деҳа, ҳезум, ҳунар, вафо, жола.

***30. Шеърро ифоданок хонед ва гӯед, ки дар талаффузи овозҳои т, к, м, н, д, з, о, а, й, г, л кадом узвҳои овозсоз иштирок мекунанд.***

**Дуои хайр**

Дуои хайр мехоҳам, аё модар,
Дуои хайр мехоҳам!
«Ниҳол аз обу Инсон аз дуо ёбад камоли умр»
Шунидам аз забони ту,
Дуоям деҳ, набинам то заволи умр.
Аз он рӯзе, ки худро мешиносам ман,
Агар болида бошам, аз дуои хайр болидам,
Агар нолида бошам, бо дареғ аз саркашии хеш нолидам.

*Ҳақназар Ғоиб*

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Аз модар дуои хайр хостани шоир танҳо хоҳиши ӯ аст?
2. Чаро мисраи сеюм дар дохили аломати нохунак навишта шудааст? Шарҳ диҳед.
3. Чӣ гуна одамро *саркаш* мегӯянд?

**Овозҳоро талаффуз мекунем ва мешунавем**. Масалан, мо дар калимаи *«модар»* овозҳои **м, о, д, а, р**-ро талаффуз мекунем.

**Овозҳоро бо ҳарфҳо ифода менамоем.** Овозҳои калимаи *«модар»*-ро бо воситаи ҳарфҳои **м, о, д, а, р** менависем. Ҳарфҳоро мебинем ва менависем.

**Дар давраҳои қадим хат набуд ва одамон фақат аз нутқи шифоҳӣ истифода мебурданд.**

***31. Байтро хонда, калимаҳои онро аз ҷиҳати иштироки овозҳо ва ҳарфҳо шарҳ диҳед.***

Ҳусни хат беҳ зи ҳусни дилдор аст,
Ҳамчу моҳе, ки дар шаби тор аст.

***Миралии Хаттот***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Иштироки кадом пайвандакро дар ин байт мушоҳида мекунед?
2. Мафҳуми ибораи «***Моҳи шаби тор***»-ро маънидод кунед.

***32. Миқдори овозу ҳарфҳои калимаҳои зерро муайян кунед. Гӯед, ки чаро миқдори овозҳо ба миқдори ҳарфҳо баробар нест.***

Шаҳло, гиря, дарё, чоряк, сеяк, Юсуф, Юнус, мебарояд, биёед.

**Талаффузи баъзе калимаҳо аз навишташон фарқ мекунад:**

| *Талаффуз* | *Навишт* |
|---|---|
| *ойэд*<br>*баройэд*<br>*бийойэд* | *оед*<br>*бароед*<br>*биёед* |

***33. Матнро ифоданок хонед ва аз он ҳарфҳоеро ёбед, ки аз ду овоз таркиб ёфтаанд.***

**ПОНЗДАҲСОЛА**

Писарбачае бисёр шӯх буд ва модараш қарор дод, ки ӯро ба деҳа, ба назди бобову бибияш фиристад. Баъди як моҳ аз деҳа ба чунин мазмун мактуб омад: «Ҷалолиддин бачаи нағз, аммо шӯх, гӯед, ки ӯро кай фиристем?»

«Вақте ки понздаҳсола шавад,»- навишт дар мактуби ҷавобӣ модар ба хешовандонаш.

*Аз маҷаллаи «Истиқбол»*

**САВОЛ ВА СУПОРИШ**

1. Муайян кунед, ки калимаи ***«баъд»*** аз чанд ҳарфу анд овоз иборат аст.
2. Ҷавоби модарро чӣ тавр мефаҳмед?

***Ҳарфҳо*** **аломатҳои шартие мебошанд, ки овозҳоро ифода мекунанд.** ***Овозҳоро*** **дарозу кӯтоҳ, баланду паст талаффуз карда метавонем, аммо ҳарфҳо чунин хусусият надоранд. Онҳо хурду калон, чопиву дастӣ мешаванд.**

***34. Овозҳои а, б, э, с, и, ӯ, у, ф-ро равшан талаффуз кунед ва онҳоро дар сохтани калимаҳо истифода баред.***

***35. Чанд калимае нависед, ки дар онҳо миқдори овозҳову ҳарфҳо бо ҳам баробар бошанд.***

# §5. АЛИФБО. ОВОЗҲОИ САДОНОК ВА ҲАМСАДО

## Алифбо ва номи ҳарфҳо

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Чопӣ | Аа | Бб | Вв | Гг | Ғғ | Дд | Ее |
| Дастӣ | *Аа* | *Бб* | *Вв* | *Гг* | *Ғғ* | *Дд* | *Ее* |
| Номи ҳарф | а | бэ | вэ | гэ | ғэ | дэ | йэ |
| Чопӣ | Ёё | Жж | Зз | Ии | ӣ | Йй | Кк |
| Дастӣ | *Ёё* | *Жж* | *Зз* | *Ии* | *Ӣ* | *Йй* | *Кк* |
| Номи ҳарф | йо | жэ | зэ | и | (и-и дароз) | йот | ка |
| Чопӣ | Ққ | Лл | Мм | Нн | Оо | Пп | Рр |
| Дастӣ | *Ққ* | *Лл* | *Мм* | *Нн* | *Оо* | *Пп* | *Рр* |
| Номи ҳарф | қэ | эл | эм | эн | о | пэ | эр |
| Чопӣ | Сс | Тт | Уу | Ӯӯ | Фф | Хх | Ҳҳ |
| Дастӣ | *Сс* | *Тт* | *Уу* | *Ӯӯ* | *Фф* | *Хх* | *Ҳҳ* |
| Номи ҳарф | эс | тэ | у | (у-и дароз) | эф | ха | ҳэ |
| Чопӣ | Чч | Ҷҷ | Шш | ъ | Ээ | Юю | Яя |
| Дастӣ | *Чч* | *Ҷҷ* | *Шш* | *ъ* | *Ээ* | *Юю* | *Яя* |
| Номи ҳарф | чэ | ҷэ | ша | сакта | э | йу | йа |

**Бо тартиби муайян навиштан ва номбар кардани ҳарфҳо алифбо ном дорад. Калимаи «алифбо» аз номи ҳарфҳои аввали алифбои арабӣ** ***алиф*** **ва** ***бе*** **ташкил ёфтааст**.

**Алифбои имрӯзаи тоҷикӣ** аз **35 ҳарф** иборат аст. **Калимаҳо** дар луғатҳо, рӯйхатҳо, журнали синф, китоби рақами телефонҳо **аз рӯйи тартиби ҳарфҳо** оварда мешаванд.

***36. Ному насаби адибонро бо риояи тартиби ҳарфҳои алифбои тоҷикӣ нависед.***

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абушакури Балхӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Сотим Улуғзода, Мирсаид Миршакар, Абдураҳмони Ҷомӣ, Лоиқ Шералӣ, Мирзо Турсунзода, Умари Хайём, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ.

***37. Шеърро ифоданок хонед ва калимаҳои онро мувофиқи тартиби алифбо нависед.***

Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,
Дар ғамкадаи замона ғамхоре нест.
Ҳар лаҳза аз ӯ ба гӯшаи танҳоӣ,
Сад роҳате ҳасту ҳаргиз озоре нест.

***Абдураҳмони Ҷомӣ***

**ЛУҒАТ**

**ғамкада** – ғамхона, хонаи ғам

**СУПОРИШ**

1. Аз ҷадвали алифбо ҳарфҳои ҳамшакл ва монандро нависед.
2. Шеърро аз ёд кунед.

***38. Овозҳои*** *б, о, у, и, д, б, ҷ, а****-ро талаффуз кунед ва гӯед, ки дар талаффузи кадом овозҳо ҳавои аз шуш бароянда озод мебарояд ва дар талаффузи кадоме ба монеа дучор мешавад.***

**Вобаста ба тарзи талаффуз овозҳои нутқ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:** ***садонокҳо ва ҳамсадоҳо.***

***39. Шеърро ифоданок қироат кунед. Аз мисраъҳои охир овозҳои садоноку ҳамсадоро ёфта, онҳоро дар сатрҳои алоҳида нависед.***

**Тоҷикистон**

Офтобат шуълаафшон,
Осмонат ахтаристон.
Ахтари ман дар фазоят.
Тоҷикистон, Тоҷикистон.

Мазраи сарсабзи деҳқон,
Хоки зархези Зарафшон.

Сарзамини родмардон,
Тоҷикистон, Тоҷикистон.
Кӯҳҳоят сар ба афлок,
Рӯдҳоят шӯху бебок.

Мардумат дар мардумӣ тоқ,
Тоҷикистон, Тоҷикистон.

Зери шаҳболи ту растам,
Дил ба дунёи ту бастам.

То ту ҳастӣ, бо ту ҳастам,
Тоҷикистон, Тоҷикистон.

***Баҳринисо***

## ЛУҒАТ

**ахтаристон** – ситоразор
**мазраъ** – замини корам, киштзор

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. *«Ахтаристон»* аз чанд ҳарфу чанд овоз иборат аст?
2. Мухотабро дар шеър муайян кунед.
3. Шеърро аз ёд кунед.

***40. Матнро нависед. Овозҳои садоноку ҳамсадои ҷумлаи авваларо муайян кунед.***

Дӯсти азизам, Фараҳноз!

Туро ба муносибати зодрӯзат самимона муборакбод мегӯям. Дар ин рӯзи нек бароят тани сиҳат, дили шод, рӯзгори обод ва таҳсили хубу аъло таманно дорам.

***Бо самимият, Ситора***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Чунин матнро чӣ меноманд ва онро кай истифода мебаранд?
2. Бо истифода аз ифодаҳои ***«дар ин рӯзи саид, фирӯз, тансиҳатӣ, некбахтӣ ва дарозумрӣ»*** ягон дӯсти наздикатонро табрик намоед.

***41. Ба ҷойи нуқтаҳо овозҳои мувофиқи садоноку ҳамсадоро гузоред.***

А…р, а…оба, к…ча, за…д, ни…ол, …дгор, …одар, ма…б, х…на, …иёҳ, ра…қ, му…им, о…оз, д…ст, к…д.

***42. Шеърро ифоданок хонед ва нависед. Ба зери овозҳое, ки ҳангоми талаффузи онҳо ҳаво бе монеа аз шуш мебарояд, хат кашед.***

Тоҷикистон, сари ҳар санги ту бар ман Ватан аст,
Бари ҳар буттаи хори ту бароям чаман аст.
Заррае некам агар, дарси ту аз бар кардам,
Заррае хубам агар, ҳусни ту мероси ман аст.

***Гулрухсор***

***43. Аз рӯйи расм нақл тартиб диҳед.***



***Садонокҳо*** **овозҳое мебошанд, ки ҳангоми талаффуз ҳавои аз шуш бароянда ба монеа дучор намешавад.** Садонокҳо ҳиҷосоз буда, шаштоанд: **а, и, о, у, э, ӯ**.

**Садонокҳо аз якдигар фарқ мекунанд.** Дар талаффузи садонокҳои **о, у, ӯ** лабҳо иштирок мекунанд. Садонокҳои **и, э, а** бе иштироки лабҳо талаффуз мешаванд, яъне ғайрилабӣ мебошанд. Даҳон дар талаффузи баъзе садонокҳо (**а, э, о**) кушодатар бошад, дар талаффузи садонокҳои дигар (**и, у, ӯ**) тангтар аст. Ин садонокҳо лабӣ мебошанд.

***44. Садонокҳои а-у, э-и, о-у-ро аввал дар алоҳидагӣ, баъд дар таркиби калимаҳои дар-дур, се-сӣ, боз-буз талаффуз намоед. Гӯед, ки дар талаффузи кадоми онҳо даҳон калонтар кушода мешавад.***

***45. Матнро бодиққат хонда, муайян кунед, ки дар матн бештар кадом садонокҳо ба кор рафтаанд.***

Падарҷони азизам!

Шуморо ба ифтихори Рӯзи Артиши миллӣ самимона шодбош мегӯям. Бароятон дар ин рӯзи фирӯз хушбахтӣ ва сарсабзӣ таманно дорам. Орзуманди онам, ки ҳамеша неруманду қавӣ ва дар зиндагӣ сарбаланд бошед.

Бо муҳаббати бепоён, фарзандатон Акрам.

23.02.2018

## САВОЛ

• Рӯзи Артиши миллӣ кадом аст? Барои чӣ онро ҷашн мегирем?

***46. Тез ва бурро хондани тезгӯякро бо риояи талаффузи равшану дарози садоноки*** "ӯ" ***машқ кунед.***

Чӯҷа дар ҷӯча,
Ҷӯҷа дар кӯча.

## СУПОРИШ

• Калимаҳои тезгӯякро ба ҳиҷоҳо, ҳиҷоҳоро ба ҳамсадоҳо ва садонокҳо ҷудо намоед.

***47. Овозҳои*** *б, д, г, к, в, ф, л, й, ҷ, ч****-ро дар муқоиса бо овозҳои*** *а, и, у, э* ***талаффуз намоед ва фарқиятро шарҳ диҳед.***

**Овозҳое, ки дар талаффузи онҳо ҳавои аз шуш бароянда ба монеа дучор мешавад, ҳамсадо ном доранд.**

Ҳамсадоҳо бисту чортоанд: **б, в, г, ғ, д, ж, з, й, к, қ, л, м, н, п, р, с, т, ф, х, ҳ, ч, ҷ, ш, ъ.**

***48. Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Сархати охирро нависед. Ба зери овозҳои ҳамсадо, ки бо ёрии лабҳо талаффуз мешаванд, хат кашед.***

## МОДАР

Дарди ҷонкоҳе домони модарро сахт гирифта, аз зӯрии он аъзои баданаш суп-сурх гаштаву ҷисмаш ба ларза омада буд. Рӯйи ҷогаҳ хобида буду хешу ақрабо дар атрофаш. Бидуни нолише дандон ба дандон монда, алорағми дард истодагарӣ мекард. Вале ногоҳ хастаҳолона ба сӯйи дар нигарис та, дар андомаш нишони ташвише падид омад ва зӯр зада мекӯшид, ки чизе гӯяд. Назди дар тифли хурдсолаш азми берун баромадан дошт. Модар чӣ мехост, касе намефаҳмид. Пас аз лаҳзае аз ҳуш рафт ӯ.

Баъди кӯшишҳои зиёди табибон ва ҳазору як дорую дармон модар шифо ёфта, ба по хест. Рӯзе духтари калонияш ёди он лаҳзаҳо намуда, аз модар суол кард:

– Модарҷон, ҳамон вақт, ки дарди ҷонкоҳу беамон доштеду ҳатто ба лаб кушодан маҷолатон набуд, сӯйи дар нигариста, чӣ гуфтан мехостед?

– Ҳа, дар ёдам ҳаст, духтаракам, – посух дод модар, – он вақт ҳис кардам, ки додарчаат аз дар баромадан мехост, вале дар тан танҳо куртаи нимостине дошту берун хунук. Шамол хӯрда, касал шуда, азоб кашиданаш яқин буд. Ман аз ҳамин ҷиҳат ташвиш доштам.

*Абдурауф Муродӣ*

## ЛУҒАТ

**ақрабо** – хешу табор
**алорағми** – бар хилофи, баръакси
**маҷол** – қудрат, қувват

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Овозҳои садонок ва ҳамсадои ҷумлаи аввали матнро шуморед. Гӯед, ки кадоме аз овозҳо бештар истифода шудаанд.

2. Феъли ***«суол кард»***-ро боз чӣ тавр ифода кардан мумкин аст?

3. Мазмуни байти зеринро шарҳ диҳед:

*Ҷаннат, ки ризои мо дар он аст,*
*Дар зери қудуми модарон аст.*

**Дар талаффузи овозҳои ҳамсадо лабҳо, забон, забонча ва ҳалқ иштирок мекунанд.** Аз ин рӯ, ҳамсадоҳоро ба **лабӣ (б, п, м, в, ф),** пеши**забонӣ (д, т, з, с, ж, ш, ҷ, ч, н, л, р, й, г, к), забончагӣ (ғ, х, қ)** ва **ҳалқӣ (ҳ, ъ)** ҷудо мекунанд. Ҳангоми талаффузи овозҳои ***м, н*** як қисми ҳаво аз холигии бинӣ ба берун мебарояд. Онҳоро **ҳамсадои димоғӣ** низ меноманд.

***49. Порчаҳои шеъриро хонед ва онҳоро аз ҷиҳати мазмун шарҳ диҳед. Ба зери ҳамсадоҳои димоғӣ хат кашед.***

Ватан гар бимирад, шавӣ номурод,
Шавӣ рӯсияҳ дар ҷаҳон умрбод!

Ватан нури чашму ватан обрӯст,
Ватан модар асту зи ҳар чӣ накуст.

***С. Мирализода***

## СУПОРИШ

• Дар бораи Ватан якҷумлаӣ гӯед.

***50 Аз ин калимаҳо ҳамсадоҳоро ҷудо кунед ва ба тартиби зайл нависед: лабӣ, пешизабонӣ, байнизабонӣ, бехизабонӣ, забончагӣ, ҳалқӣ.***

Зиндагӣ, хонадон, омӯзгор, Тоҷикистон, кӯҳсор, кокул, ҷовидон, муҳаббат, модарҷон, қасам, ғусса.

***51. Ба яке аз наздиконатон табрикномае навишта, миқдори ҳарф ва овозҳои калимаҳои як ҷумлаи онро муайян намоед.***

## §6. ҲАМСАДОҲОИ ҶАРАНГДОР ВА БЕҶАРАНГ

***52. Гӯшҳоятонро бо кафи дастҳоятон пӯшонида, ҳамсадоҳои** б-п, д-т, г-к, ҷ-ч, ғ-х-**ро чанд бор равшану бурро талаффуз кунед. Чиро мушоҳида кардед? Гӯед, ки талаффузи кадом овозҳо шунавотару ҷарангдортар аст.***

***53. Ҷуфти калимаҳоро бодиққат талаффуз карда, фарқи онҳоро гӯед.***

банд - панд　　　васл - фасл
дор - тор　　　　зард - сард
ганда - канда　　ҷой - чой

**Ҳамсадоҳоро аз рӯйи иштироки садо ва шавшув ба *ҷарангдору беҷаранг* ҷудо мекунанд.**

**Ҳамсадоҳои ҷарангдор *бо лаҳн* (оҳанг) ва ҳамсадоҳои беҷаранг *бе лаҳн* (оҳанг) талаффуз мешаванд. Лаҳнро лаппиши мураттаби садопардаҳо ба вуҷуд меоварад.**

Ҳамсаҳои **ҷарангдор** сездаҳтоянд: **б, в, г, ғ,д, ж, з, й, л, м, н, р, ҷ.**

Ҳамсадоҳои **беҷаранг** ёздаҳтоянд: **к, қ,п, с, т,ф, х, ҳ, ч, ш, ъ.**

**Ҷадвали ҳамсадоҳои ҷарангдору беҷаранг**

| **Ҳамсадоҳои ҷарангдор ва ҷуфти беҷаранги онҳо** | | | | | | | | **Ҳамсадоҳое, ки ҷуфт надоранд** | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | **беҷаранг** | | | **ҷарангдор** | | | | |
| б | д | г | ҷ | з | ж | ғ | в | қ | ҳ | ъ | р | л | м | н | й |
| п | т | к | ч | с | ш | х | ф | | | | | | | | |

***54. Ҳамсадоҳои аввали калимаҳои зеринро бо ҷуфтҳои ҷарангдор ё беҷарангашон иваз намоед. Намуна:** банд-панд…*

| | | | |
|---|---|---|---|
| банд – | фаҳм – | дор – | сер – |
| бар – | фасл – | забт – | хор – |
| бас – | канда – | зар – | хайр – |
| баст – | коҳ – | зард – | чанг – |

***55. Матнро нависед. Ба зери ҳамсадоҳои ҷарангдор як хат ва ба зери ҳамсадоҳои беҷаранг ду хат кашед.***

**МАКТАБИ МО**

Мактаби мо дар бинои калони сафед ҷой гирифта, синфҳо равшан ва озода, фаршҳо ҳама тахтагин, дар ҳар синф ду қатор партаҳои сиёҳ гузошта шуда буд. Мактаби деҳаи мо, ки дар анбори як дараҷа таъмиршуда ҷой гирифта буд, бо мактаби намунаи Тӯс асло баробар шуда наметавонист. Рӯйи ҳавлии калони мактаб ҳамеша об зада рӯфтагӣ, аз байнаш ҷӯйи об равон, он тарафи ҷӯй боғ буд. Дар саҳни мактаб мо дарси гимнастика мегузаронидем. Дар боғ бошад, дар вақти танаффус бозӣ мекардем.

***Сотим Улуғзода***

**САВОЛ ВА СУПОРИШ**

1. Дар талаффузи калимаи ***«анбор»*** чиро мушоҳида кардед?
2. Ҳамсадоҳои ҷарангдор ва беҷарангро дар матн муайян намоед.

**Дар охири баъзе калимаҳои забони тоҷикӣ ҳамсадоҳои ҷарангдор чун ҷуфти беҷарангашон талаффуз мешаванд:**

| | |
|---|---|
| **касб (касп)** | **санҷид (санҷит)** |
| **кабуд (кабут)** | **калид (калит)** |
| **лагад (лағат)** | **сабад (сабат)** |

## §7. ЙОТБАРСАРҲО ВА ИМЛОИ ОНҲО

***56. Калимаҳои зеринро бо нишон додани тарзи талаффузашон дар қавсайн нависед. Намуна:*** *Ёдгор (Йодгор).*

Юсуф, Юнус, ёсуман, Яҳё, ятим, ях, Есенин.

**СУПОРИШ**

• Миқдори овозҳоро бо ҳарфҳо муқоиса кунед.

**Ҳарфҳои "*е, ё, ю, я*" дар забони тоҷикӣ ду овозро ифода мекунанд. Ин овозҳо аз ҳамсадои *й* ва садонокҳои *э, о, у, а* таркиб меёбанд: й+э, й+о, й+у, й+а.** Ин ҳарфҳоро ***йотбарсар*** меноманд.

***57. Калимаҳои ҳарфи йотбарсардоштаро нависед ва муайян кунед, ки онҳо аз кадом овозҳо таркиб ёфтаанд.***

**ОБИ ТОЗА**

Қисмати зиёди оламро об ташкил мекунад. Аммо ҳамаи он обҳо барои истеъмол мувофиқ нестанд. Масалан, оби баҳру уқёнусҳоро истеъмол кардан мумкин нест, зеро онҳо аз моддаҳои кимиёвӣ пур буда, барои саломатии одам зараровaранд. Одам асосан аз обе, ки пиряххо ва чашмасорон ҳадяаш меоваранд, истифода мебарад. Аммо дар миқёси ҷаҳон ин навъи об фаровон нест. Ин аст, ки баъзе кишварҳо аз оби нӯшокӣ танқисӣ мекашанд. Онҳо обро аз кишварҳое, ки оби нӯшокии зиёд доранд, бо нархи гарон харида, барои шустушӯ ва дигар зарурат оби баҳру уқёнусро кор мефармоянд. Оби нӯшокӣ бойигарии бузург аст. Дар сурате ки шумораи одамон сол ба сол меафзояд, эҳтиёткорона сарф кардани оби тоза зарурати бештар пайдо мекунад.

***Эҳсони Хушбахт***

**ЛУҒАТ**

**танқисӣ** – камӣ, норасоӣ

**САВОЛ ВА СУПОРИШ**

1. Гӯед, ки калимаи «***эҳтиёткорона***» аз чанд ҳарфу чанд овоз иборат аст.
2. Барои чӣ ***«Обро сарфакорона истифода баред»*** мегӯянд?
3. Мазмуни ҳикматҳои ***«Об рӯшноист», «Обу ободонӣ», «Обу ҳаёт»***-ро шарҳ диҳед.

## §8. ИМЛОИ "У" ВА "Ӯ"

***58. Калимаҳоро хонед, ба талаффузи овозҳои "у" ва "ӯ" зеҳн монед. Гӯед, ки кадоме аз ин садонокҳо андаке кӯтоҳтар талаффуз мешаванду кадомашон равшантару кашишноктар.***

| | |
|---|---|
| одами гӯл | гули садбарг |
| даҳ рӯз | суми асп |
| ошро хӯрд | Комрон ҳанӯз хурд аст |
| ба хондан кӯш | каждумро куш |

**Садонокҳои "*у*" ва "*ӯ*" овозҳои гуногун буда, дар аввал, байн ва охири калима меоянд:** усто, устувор, бузург, дурустӣ, бону, дору, орзу, олу…; ӯмоч, зӯр, дӯстӣ, абру, обрӯ…

**Фарқи садонокҳои "*у*" ва "*ӯ*" чунин аст: дар ҳиҷои беззада садоноки *у* моили ихтисоршавӣ аст, аммо садоноки *ӯ* ихтисор намешавад ва равшан талаффуз меёбад. Муқоиса кунед:**

| | | | |
|---|---|---|---|
| Шӯриш | чӯбин | кӯза | тӯфон |
| Шутур | чунон | кушод | курта |

***59. Зарбулмасалу мақолҳоро хонед ва мазмуни онҳоро шарҳ диҳед. Ба талаффузи калимаҳои «ӯ»-дор бештар диққат диҳед.***

1. Оҳанро дар гармиаш мекӯбанд. 2. Давидани гӯсола то кахдон. 3. Он чӣ гум кардаӣ, маҷӯй. 4. Обро бину мӯза каш, ҳаворо бину ғӯза каш. 5. Илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ мебояд. 6. Ангурро хӯру боғашро напурс. 7. Аз дӯст як ишора, аз мо ба сар давидан.

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. ***Мӯза, ғӯза, рӯза***… боз чӣ?

2. Калимаи «гӯё»-ро бо тағйири ҷойи зада тарзе талаффуз кунед, ки ду маъноро ифода кунад.

***60. Матнро бодиққат  хонед ва ба ҷойи нуқтаҳо садонокҳои мувофиқро нависед.***

Муаллимаи азиз  Раъно Шарифзода!

Шумо ва дар ш…хсияти Шумо тамоми аҳли х…надон…тонро ба м…нос…бати ҷашни байн…лмил…ли… Навр…з аз самими дил м…боракб…д мегӯем. Ба Шумо дар ар…фаи ин иди ф…йзбор танс…ҳатив… сарс…бзӣ ва хона…бод…там…нно дорем.

Бигзор, ин ид дар ҳаёти Шумо ва аҳли хонадонатон фир…зӣ ва бар…кат… зиёд ворид намояд!

Ид муборак, муаллимаи азиз!

Бо эҳтиром,
хонандагони синфи 5-а
21.03.2018

## САВОЛ

• Агар шумо муаллимаатонро табрик карданӣ шавед, чӣ мегӯед?

***61. Ҷузъи дуюми таркиби ҷуфтҳои зерини калимаҳоро ёбед ва нависед. Ба тарзи талаффузи у ва ӯ диққат диҳед.***

***Намуна: мӯру малах***

Мӯру …, ҷӯшу…, шабу…, сӯзу …, чӯбу …, арӯсу …, гӯшту …., дӯғу …, калӯшу …, тӯю …, хариду …, чӯлу …, гӯшу …, шӯру …

**Дар баъзе калимаҳои арабӣ пеш аз ҳамсадои "ҳ" ва "ъ" "ӯ" навишта намешавад.** Чунончи, дар калимаҳои *буҳтон, буҳрон, туҳфа, таваҷҷуҳ, зуҳд, куҳл, туҳмат, уҳда, шуҳрат* ва дар калимаҳое, ки бо ҳиҷои «муҳ-» ва «муъ-» сар мешаванд, ба мисли *муҳтарам, муҳлат, муҳтоҷ, муътабар, муъмин* ва ғайра.

***62. 5 калимае нависед, ки ҳарфи ӯ пеш аз ҳамсадоҳои ҳ, й ва ҳарфи ъ омада бошад. Намуна:*** *рӯҳбаланд…*

***63. Шеърро хонед. Ба оҳанги талаффузи садоноки ӯ диққат диҳед.***

**Обаки шӯх**

Обаки **шӯхе** чу тифли беқарор,
Мешитобад аз миёни **кӯҳсор.**
Аз баландӣ меравад ғул-ғулкунон
**Ӯ** ба мисли **кӯдаки** ширинзабон.
Бо раҳи пурсанг поён меравад,
Гоҳ ғалтон, гоҳ хезон меравад;
**Гӯйӣ,** аз чизе гурезон гаштааст,
Дар канори Панҷ пинҳон гаштааст.
Ҳамчу тифле ёд ояд бар сараш,
Медарояд дар канори модараш.

***Муъмин Қаноат***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Гӯед, ки дар калимаи ***«обак» -ак*** маънои калимаро дигар кардааст ё не.
2. Аз мазмуни шеър кадом манзара ба хотиратон омад?
3. Чаро шоир обро шӯх (обаки шӯх) гуфтааст?

***64. Табрикномае нависед, ки дар калимаҳои он овозҳои у ва ӯ зиёд истифода шуда бошанд. Ба мисли муборак,*** *зодрӯз, туҳфа, обрӯмандӣ, рӯзгор, муаттар* ***ва ғ.***

# §9. ИМЛОИ "И" ВА "Ӣ"

***65. Матнро ифоданок хонда, калимаҳои бо ҳарфҳои*** *и* ***ва*** *ӣ* ***тамомшударо дар ду сутун нависед ва имлои онҳоро дар хотир нигоҳ доред.***

**САРДОР ВА ДАСТЁРИ ОИЛА**

Ман он сол дар оилаамон ҳам ба ҷойи падар, ҳам ба ҷойи модар ва ҳам ба ҷойи дастёр кор мекардам. Азбаски акаам ҳанӯз нимбемор ва додаронам хурдсоли аз бемориӣ нав халосшуда буданд, ба ҳеҷ кор ёрӣ дода наметавонистанд.

Модарам бинобар бемориаш он сол шиннии тут пухта натавониста, як ҷуволча тутмавиз карда монда буд. Як зани ҳамсоя ба ман аз тутмавиз ҳалвои тар пухтанро ёд дод, ки ҳар ҳафта ду бор ҳалвоитар мепухтам ва ин дар тамоми ҳафта барои мо нонхӯриш мешуд. Ба осиё ҷуворӣ бурда, орд карда меовардам. Зани Иброҳимхоҷа ҳар ҳафта зағора пухта медод. Бештарини хӯроки мо он зимистон ҳалвоитари ордиҷуворигӣ бо зағора буд. Ҳафтае як бор шӯрбо ва оши кашк ҳам мекардем. Ман бозоргардӣ, ошпазӣ ва ҷомашӯӣ мекардам, ҳам чоку пораи либосҳоямонро медӯхтам…

***Садриддин Айнӣ***

## ЛУҒАТ

**кашк** – оши обакие, ки бо ярма, ҷав ё ҷуворӣ пухта, ба он қурут ҳамроҳ мекунанд.

**зағора** – як навъи нон

**шиннӣ** – ширинӣ

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. ***«Беморӣ»*** ба кадом савол ҷавоб мешавад? ***«Бемор»*** чӣ?
2. Шумо бештар ба кадом ҳунарҳо таваҷҷуҳ доред?
3. Мазмуни зарбулмасали ***«Гандум ҳама ҷо, пазанда ҷо-ҷо»***-ро шарҳ диҳед.

***66. Калимаҳоро бурро талаффуз карда, ҷойи задаро бо аломати ˊ ишора намоед. Ба мавқеи ҳарфи ӣ бодиққат таваҷҷуҳ намоед.***

Водӣ, бозӣ, дӯстӣ, кӯҳӣ, пастӣ, баландӣ, хушбахтӣ, шолӣ, зиндагӣ, некӣ, сурхӣ, хонагӣ, омӯзгорӣ, нармӣ, тӯтӣ, деҳқонӣ, ширинӣ, озодӣ, вахшӣ, даштӣ, деҳқонӣ, зардӣ, дӯзандагӣ, нурӣ, дастӣ, ободӣ.

Садоноки ***и*** ду тарзи навишт дорад: ***и*** ва ***ӣ.*** Ҳарфи ***и*** дар мавридҳои зерин навишта мешавад: а) **дар аввал ва мобайни калима**: ин, илм, инсон, давидан, китоб, дирӯз, Амриддин, шоҳин;

б) **дар охири пешоянд, пайвандак ва ҳиссачаҳо**: ки, чи, аз сабаби, ҳангоми, мисли, балки, азбаски, кошки, вақте ки, зеро ки;

в) **дар охири калимаи муайяншаванда чун бандаки изофӣ**: забон**и** модарӣ, китоб**и** шавқовар, хона**и** калон.

Бандаки изофӣ бе зада талаффуз мешавад.

**Ҳарфи *ӣ* танҳо дар охири калима ва дар мавридҳои зерин навишта мешавад:**

а) **дар охири калимаҳои решагӣ**: моҳӣ, тутӣ, олӣ, водӣ, шолӣ;

б) **ҳамчун пасванд дар охири исмҳои сохта ва сифатҳои нисбӣ**: кӯҳӣ, бадӣ, зебоӣ;

в) **ҳамчун бандаки феълӣ** (рафтӣ, навиштӣ) **ва бандаки хабарии шахси дуюми шумораи танҳо** (рафтаӣ, нозанинӣ).

***67. Порчаҳои шеъриро хонед ва вазифаи ҳарфҳои "и" ва "ӣ"-ро дар калимаю ибораҳои ишорашуда шарҳ диҳед.***

**МОДАРИ ҶОНАМ**

Шуҳрату шонам,
Пораи ҷонам,
Набзи замонам,
Фахри ҷаҳонам,
Модари ҷонам,
Модари ҷонам.
Ахтари мо***ӣ***,
Гавҳари мо***ӣ***,
Сарвари мо***ӣ***,
Ёвари мо***ӣ***,
Модари ҷонам,
Модари ҷонам.
Рамзи баҳор***ӣ***,
Зеби диёр***ӣ***,
Сулҳшиор***ӣ***,
Муъҷизакор***ӣ***.
Модари ҷонам,
Модари ҷонам.

***С. Мирализода***

## ЛУҒАТ

**ахгар** – оташпора, лахча
**гавҳар** – марворид, санги қиматбаҳо
**ёвар** – ёридиҳанда, мададгор

## СУПОРИШ

• Шеърро маънидод ва аз ёд кунед.

***68. Калимаҳоеро, ки дар онҳо «ӣ» ҳамчун пасванд истифода шудааст, ҷудо кунед.***

Шодӣ, қаҳрамонӣ, некӣ, хунукӣ, алафдаравӣ, баландӣ, хиштрезӣ, моҳӣ, далерӣ, шолӣ, танҳоӣ, шиноварӣ, омӯзгорӣ, доимӣ, нодонӣ, ватандӯстӣ.

***69. Даҳ калимае созед, ки ҳарфи ӣ дар онҳо чун бандаки феълӣ ва хабарӣ омада бошад.***

> *Дар охири баъзе калимаҳо ҳарфи "ӣ" навишта шавад ҳам, зада намегирад. Чунончи:*
>
> Ту *шоирӣ. Шоирӣ* ҳунари ҳар кас нест.
>
> Ту *деҳқонӣ. Деҳқонӣ* касби пурбаракат аст.
>
> *Дар калимаҳои сутуни якум "ӣ" ҳамчун бандаки хабарӣ бе зада талаффуз мешавад. Дар калимаҳои сутуни дуюм* ***ӣ*** *пасванд аст ва заданок талаффуз мешавад.*

***70. Дар байти зерин тарзи талаффузи калимаи «мардӣ»-ро дар ҳар ду мисраъ шарҳ диҳед.***

*Мардӣ набувад фитодаро пой задан,*
*Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.*

**Рӯдакӣ**

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Мазмуни калимаи ***«фитода»***-ро чӣ тавр мефаҳмед?
2. Шеърро бе ғалат ва бурро хонда, маънидод кунед.

***71. Иборахои хар ду сутунро хонда, фарки калимахои ишорашударо аз чихати имло (навишт) ва талаффуз гӯед.***

1. Кори **синфӣ** — **Синфи** калон
2. Рӯзномаи **деворӣ** — **Девори** баланд
3. Қувваи **дӯстӣ** — **Дӯсти** ман

***72. Аз калимаҳо ба воситаи бандаки изофӣ (-и) ибораҳои ду-секалимагӣ созед ва ба талаффузу навишти бандаки изофӣ зеҳн монед.***

**Намуна:** *гули сурх, гули сурхи хушбӯй.*

Писар, вазифа, хона, мард, модар, ватан, синф, дандон, тут, курта, қалам, Фотима, Ҷамшед, дил, боғ, раҳ, асар, шаҳр, дарё, ҷумҳурӣ, ноҳия.

Бандаки изофӣ (и) зада намегирад ва ба ҷойи он ҳарфи "ӣ" навиштан хатост. Ҳангоми калимасозӣ "ӣ" ба "и" иваз мешавад.

*бозӣ – бозича* — *дӯстӣ – дӯстии ягона*

*бибӣ – бибиҷон* — *ҳавлӣ – ҳавлиамон*

***Ба ҷадвали зерин диққат диҳед ва мушоҳидаатонро баён кунед.***

| Навишти калима | Талаффузи калима |
|---|---|
| афзоиш | афзойиш |
| доим | дойим |
| фармоиш | фармойиш |

***73. Ба ҷойи нуқтаҳо ҳарфҳои "и" ва "ӣ"-ро гузошта, матни табрикномаро нависед.***

Муаллимаҷони азизу меҳрубон!

Рӯз… Дониш, рӯзи якум… сол… нав… таҳсилро барояатон муборакбод менамоем. Умедвор… сиҳатманд…, хушбахт… ва сарбаландии ҳамешаги… Шумоем. Дар соли нави

таҳсил ба Шумо неру… нав… кор…, фароғати беинтиҳои зиндаг… ва р…зқи фаровон орзу менамоем.

Аз забони шоир мегӯем:
*Сано бар қалби ҷӯшони муаллим,*
*Ба паймону ба эҳсони муаллим.*
*Чу субҳи босафо бинам ҳамеша*
*Рӯхи тобону хандони муаллим.*

*Бо эҳтиром ва самимият: шогирдонатон Сарвиноз ва Рустам.*

*1.09.2017*

**СУПОРИШ**

Шеърро аз ёд кунед.

## §10. ИМЛОИ "Э" ВА "Е"

***74. Калимаҳоро нависед. Ба талаффузи овозҳои "е" ва "э" таваҷҷуҳ намуда, фарқи талаффуз ва мавриди истифодаи онҳоро шарҳ диҳед.***

Себ, беда, шанбе, се, эзоҳ, элак, эҳтиёт, эълон, эҳсон, деҳқон, сер, шер, эҳтиром, меҳр, сеҳр, деҳқон.

**Садоноки "*э*" дар баъзе ҳолатҳо ба шакли "е" навишта мешавад.**

1. Дар забони тоҷикӣ ҳарфи "*э*" дар аввал (**эшон, эълон**), ҳарфи "**е**" дар мобайн (**себ, дер, шер**) ва охири калима (**се, шанбе**) меоянд.

2. **Дар баъзе калимаҳои иқтибосӣ ҳарфҳои "*э*" ва "*е*" дар аввал ва дохили калима низ меоянд**: Ереван, Есенин, дуэт, аэропорт.

3. **Ҳарфи "*е*" пас аз садонокҳо йотбарсар (*йе)* талаффуз карда мешавад:**

| **Навишт** | **Талаффуз** |
|---|---|
| моҳие | моҳийе |
| олуе | олуйе |
| доруе | доруйе |

***75. Шеърро ифоданок хонед ва мазмунашро нақл кунед. Имло ва талаффузи калимаҳои ишорашударо шарҳ диҳед.***

**Бардор ниқоб**

**Эй** шамс, зи рӯйи шаб бардор ниқоб имрӯз,
Эй субҳи **саҳархезон**, боре бишитоб имрӯз.
Аз мӯрии ин зулмат як панҷаи нур афшон,
Эй лутфи Худо, **боре** бар мо ту битоб имрӯз.
Ин зиндагии чун шаб шояд ки саҳар гардад,
**Хуршедсифат бархез** аз бистари хоб имрӯз.
Эй миллати раҳбаста, оинаи бишкаста,
Сад **резаи** аксатро бардору биёб имрӯз...

***Камол Насрулло***

**ЛУҒАТ**

**шамс** – офтоб, хуршед

**САВОЛ ВА СУПОРИШ**

1. «***Поёни шаби сияҳ сафед аст***»-ро чӣ тавр мефаҳмед?

2. Фарқи талаффузи "***е***"-ро дар калимаҳои «***меравем***» ва «***меоем***» шарҳ диҳед.

3. Бо истифода аз калимаҳои «***эҳтиром, эҳсон, беназир, менамоем***» табрикнома нависед.

## §11. ИМЛОИ ҲАРФИ Ъ

***76. Ба талаффуз ва навишти калимаҳои «ъ»-дор зеҳн монед. Гӯед, ки аз набудани ин ҳарф дар калимаҳо чӣ тағйироте ба амал меояд.***

1. **Санъат**у маҳорати Мирзо Турсунзода аз шеър ба **шеър** такомул меёбад. (Ю. Бобоев) 2. Пайраҳаи байни теппаҳо аввал рӯ ба боло мерафт, **баъд** ба поён майл кард. (Ҷалол Икромӣ) 3. **Аълам** дар ҳаяҷон афтод ва баъд аз қадаре ором гирифтан ӯ аз ман пурсид. (С. Айнӣ) 4. Вай одат кардааст, ки ҳар **навъ** карда ҳамеша ва дар ҳама ҷо гапи худро гузаронад… (Фотеҳ Ниёзӣ)

**Ҳарфи "*ъ*" дар забони тоҷикӣ ифодаи овозӣ надошта, ду вазифаро иҷро мекунад:**

**1. Ҳамсадои ҳалқиро ишора мекунад: аъло, раъд, маъруф, нафъ.**

**2. Дар баъзе калимаҳо барои ҷудо кардани ҳиҷоҳо хизмат мекунад: санъ-ат, машъ-ал, масъ-ул.**

**Он дар байни ҳамсадо ва садонок ояд, дар навишт нигоҳ дошта мешавад**: байъи кор, ҷамъи мардум, рафъи мушкилот, навъи харбуза, шамъу парвона, табъу нашр.

**Ғайр аз калимаҳои *фаъол* ва *таъйин* дар байни ду садонок ҳарфи *ъ* навишта намешавад**: *мавзӯъ-мавзӯи дарс, тулӯъ - тулӯи офтоб, манбаъ-манбаи дониш.*

***77. Нависед. Вазифа ва мавридҳои истифодаи ҳарфи «ъ»-ро шарҳ диҳед.***

| а) | б) | в) |
|---|---|---|
| навъ - нав | инъикос | мисраъ - мисраъҳои шеър |
| аъло - ало | баръак | шамъ - шамъу парвона |
| баъд - бад | анъана | тулӯъ - тулӯи офтоб |
| шеър - шер | инъом | шурӯъ - шурӯи кор |
| шуъла - шӯла | масъуда | мавзӯъ - мавзӯи дарс |

***78. Ба ҷойи нуқтаҳо ҳарфҳои даркориро гузоред. Онҳоро дуруст талаффуз кунед.***

| | |
|---|---|
| ба…д - бад | ма…данӣ - маданӣ |
| да…во - даво | ра…д - рад |
| сур…ат - сурат | ман… - ман |

***79. Ҷумлаҳоро нависед ва калимаҳоеро, ки ҳарфи "ъ" доранд, ба ҳиссаҳо ҷудо кунед.***

1. Саъдии Шерозӣ муаллифи асарҳои «Бӯстон» ва «Гулистон» мебошад. 2. Падарам котиби масъули рӯзномаи вилоятист. 3. Аввал андеша, баъд гуфтор. 4. Раъно аълохони синфи мост. 5. Маънои калимаи **инъом** *туҳфа, армуғон, ҳадия* аст. 6. Ваъда кардӣ, вафо кун. 7. Баъзан як қадам ё амали қатъӣ тақдиру сарнавишти инсонро ҳал мекунад.

## §12. ҲОДИСАҲОИ ФОНЕТИКӢ

**Нутқи мо мисли занҷири овозӣ буда, дар он овозҳо чун ҳалқаҳо ба ҳам пайвастанд. Ин чунин маънӣ дорад, ки дар калима талаффузи як овоз ба охир нарасида, дастгоҳи гуфтори мо барои талаффузи овози дигар омода мешавад. Дар натиҷа овозҳои ҳампаҳлу (ҳамсоя) ба тағйироти гуногун дучор мешаванд, ки мо онҳоро ҳодисаҳои овозӣ меномем.**

***80. Ҷуфти калимаҳои*** *қуфл-қулф, кифт-китф, сурфа-суфра, маҳсӣ-масҳӣ* ***– ро талаффуз карда, муайян кунед, ки кадоме аз онҳо осон ва кадомашон душворталаффузанд.***

***Ҷойивазкунӣ хоси ҳамсадоҳо буда, ҳодисаи овозиест, ки барои осон шудани талаффуз ду овози ҳампаҳлу ҷой иваз мекунанд. Чунончи, дар калимаи китф (кифт) овози "т" ба "ф", дар калимаи қулф (қуфл) овози "л" ба ҷойи "ф" ҷой иваз кардаанд. Навишти ҳар ду шакли калимаҳо дуруст аст.***

**СУПОРИШ**

• Баъзан калимаи «**ҳалво**»-ро бо *ҳавло,* «**дарё**»-ро бо *дайро*, «**ҷумъа**»-ро бо *ҷуъма*, «**ҷамъ**»-ро ба *ҷаъм* иваз мекунанд. Бо истифодаи фарҳанги имло навишти дурусти ин калимаҳоро муайян кунед

**Овозҳои нутқ аз ягон ҷиҳат ба ҳамдигар монанд мешаванд. Масалан, дар таркиби овозии *(нб)* дар калимаҳои *шанбе, занбӯр, занбар* ҳамсадои лабии "*б*" ҳамсадои нешизабонии "*н*" -ро ба худ монанд мекунад. Яъне дар талаффуз зери таъсири ҳамсадои лабии "б" ҳамсадои "*н*" бо ҳамсадои лабии "*м*" иваз мешавад: *анбур амбур. Бо "н" навиштани ин калимаҳо дуруст аст.***

***Инро дар забон монандшавии овозҳо мегӯянд.***

***81. Калимаҳоро нависед. Ба тарзи талаффузи онҳо диққат кунед, фарқи талаффузи онҳоро аз навишт шарҳ диҳед.***

Занбӯр, занбар, чанбар, шанбе, ҷунбидан, сунбула, анбӯҳ, танбал, анбор, дунбол, дунбул, танбеҳ, танбӯр.

### ЛУҒАТ

**дунбул** – дони ғаллае, ки ҳанӯз напухтааст.

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Калимаҳои ***«танбӯр»*** ва ***«дунбул»***-ро талаффуз кунед. Чиро мушоҳида кардед?
2. Бо истифодаи чунин калимаҳо 4 ҷумла нависед.

## §13. ИМЛОИ ҲАМСАДОҲОИ "Д, Т, Ҳ"

***82. Нависед, ба талаффуз ва имлои калимаҳо зеҳн монед.***

Пагоҳ, бегоҳ, зардча, даҳ, баъдтар, Сафармоҳ, бистсола, деҳ, хиштгар, кордча.

**Ҳамсадоҳои *"д, т, ҳ"* дар баъзе калимаҳо равшан ё тамоман талаффуз намешаванд. Масалан, дар калимаи *баландтар* ҳамсадои *"д"* ва дар калимаи *пасттар* ҳамсадои *"т"*-и *дувум* талаффуз намешаванд ва зӯр зада талаффуз кардани онҳо низ шарт нест.**

***83. Ба талаффузи калимаҳои*** *“баландтар, пасттар, бегоҳ, роҳ”* ***зеҳн монед ва онҳоро ба ҳиссаҳои маънодор ҷудо кунед.Талаффузи*** *баландтар - баландӣ, пасттар - пастӣ, бегоҳ - бегоҳӣ, роҳ - роҳӣ*-***ро муқоиса намуда гӯед, ки дар кадом калимаҳо ҳамсадоҳои*** *д, т, ҳ* ***равшан талаффуз мешаванд.***

***84. Нависед, дар зери ҳамсадоҳои талаффузнашаванда хат кашед.***

1. Ба пирони забун кун дастгирӣ,
Ки дар пирӣ бидонӣ қадри пирӣ.

***Носири Хусрав***

*2.* Касе, к-ӯ боварии халқро арзанда мегардад,
Ба ҳар кас дӯстрӯ, ҳар хонаро зебанда мегардад.

***Мирзо Турсунзода***

*3.* Агар хоҳӣ накухоҳӣ, наку бош,
Ҳамеша росткору ростгӯ бош.

***Хусрави Деҳлавӣ***

**ЛУҒАТ**

**забун** – нотавон, суст, заиф

**СУПОРИШ**

Мазмуни байтҳоро шарҳ диҳед ва онҳоро аз ёд кунед.

## §14. ИМЛОИ ҲАМСАДОҲОИ ШАДДА (ТАКРОР) ДАР КАЛИМА

***85. Нависед, ба талаффуз ва имлои калимаҳо диққат диҳед.***

Аввал, албатта, аммо, ғалла, ғусса, диққат, қассоб, қуттӣ, шадда, Макка, муаллиф, мунаҷҷим, табассум, муаллим, мураббӣ, таваккал, хаттот.

**ЛУҒАТ**

**мунаҷҷим** – ситорашинос
**хаттот** – хушнавис

**Дар баъзе калимаҳои решагӣ (сода) як ҳамсадо ду бор такрор меёбад:** *қувва, латта, ташаккур.*

**Пайиҳам омадани ду ҳамсадои якхеларо *ташдид* меноманд**: *муддат, рассом, албатта, ҳаммом, арра, барра.*

**Ташдиди таърихии ҳамсадоҳои анҷоми калимаҳои иқтибосии арабии навъи *дур, син, фан, кул, хат, ҳад* ва ғ. дар калимасозию калимабандӣ дубора барқарор мешавад:** *кулли мардум, дурри ноёб, синну сол, кори хаттӣ…*

**Калима агар йот ташдид дошта бошад, якҷоя ба ҳарфҳои йотбарсар чунин навишта мешавад:** *айём, тайёр, муҳайё…*

***Талаффуз ва имлои калимаҳоро дар хотир нигоҳ доред.***

| | | |
|---|---|---|
| тилло | тонна | пур-пурра |
| таваллуд | килограмм | маҳал- маҳаллӣ |
| мубаддал | фонограмма | фан-фанни забон |
| арра | грамматика | хат-кори хаттӣ |
| маҳалла | троллейбус | зид-бар зидди |
| мураккаб | миллиард | рад-раддия, радду бадал |

**Калимаҳои ташдиддорро шинохтан лозим аст. Масалан, дар гурӯҳи калимаҳои *росттар, ёддошт, кайҳоннавард* такрори ҳарф нест. Калимаи *росттар* аз решаи *«рост»* ва пасванди *«-тар», ёддошт* аз ду реша: *«ёд»* ва *«дошт», кайҳоннавард* низ ҳамин хел, аз ду реша *«кайҳон»* ва *«навард»* иборатанд. Ташдид доштан хоси калимаҳои решагӣ (сода) аст.**

***86. Нависед, имлои калимаҳои ишорашударо дар муқоиса шарҳ диҳед.***

| | |
|---|---|
| 1. Ба рафтани хоҳарам **зид ҳастам.** | 1. Вай **бар зидди** душманон қаҳрамонона мубориза бурд. |
| 2. Масъаларо тез **ҳал** кардам. | 2. Дар **ҳалли** масъала душворӣ накашидам. |
| 3. Ба ман ин **фан** маъқул аст. | 3. **Фанни** математика бағоят шавқовар аст. |
| 4. Наргис хат менависад. | 4. Ӯ кори **хаттиро** нағз иҷро кард. |

**Калимаҳои *«зинат, қимат, киса»*-ро нодуруст ташдиднок талаффуз мекунанд. Садоноки "*и*"-и ин калимаҳо андаке кашидатару дарозтар талаффуз шавад, ташдид барҳам мехӯрад:** зи:нат, қи:мат, ки:са.

**Ҷадвали ғалатҳои машҳур:**

| Шакли дуруст | Шакли нодуруст |
|---|---|
| авом | аввом |
| ақаллан | аққалан |
| гоҳо | гоҳҳо |
| зинат | зиннат |
| киса | кисса |
| қимат | қиммат |
| маза | мазза |
| одӣ | оддӣ |

***87. Талаффузи калимаҳои ҳар ду сутунро муқоиса кунед.***

| | |
|---|---|
| хуррам | дара |
| палла | лола |
| ҳаммом | камон |
| қувват | навад |
| шаффоф | сафо |
| лаззат | тоза |

***88. Ба талаффуз ва имлои исмҳои хос зеҳн монда, онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кунед: номҳои одамон ва номҳои ҷуғрофӣ.***

Аббос, Бадриддин, Байтулмуқаддас, Ҷалолиддин, Фаттоҳ, Зиддӣ, Муслиҳиддин, Калкутта, Лиссабон, Хайём, Фаррух, Мовароуннаҳр, Садриддин, Зебуннисо.

***89. Калимаву ибора ва таркибҳои зеринро дар ҷумлаҳо истифода баред.***

| | |
|---|---|
| пур | ҷумлаи пурра |
| хат | кори хаттӣ |
| син | синну сол |
| зид | бар зидди душманон |

## §15. ҲИҶО ВА ХЕЛҲОИ ОН

***90. Ин байтро навишта маънидод кунед. Калимаҳои ду ва сеҳиҷоии онро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.***

*Косаи чинӣ, ки садо мекунад,*
*Худ сифати хеш адо мекунад.*

***Саъдӣ***

***Калимаҳо дар талаффуз ба ҳиссаҳо ҷудо мешаванд.*** Масалан, калимаи **«тобистон»** ба ҳиссаҳои *то-бис-тон* ҷудо мешавад. Чунин ҳиссаҳои калима ***ҳиҷо*** ном доранд.

***91. Калимаҳоро ба воситаи аломати нимтире (-) ба ҳиссаҳо ҷудо кунед. Гӯед, ки онҳо аз кадом овозҳо иборатанд.***

Хонанда, бисёр, модаркалон, қадбаланд, дусад, баъзе, шукуфтан, ҷавонмардӣ, афсона, қисса, Умеда, Рустам.

***92. Матнро бодиққат хонда, хулосаатонро нависед. Калимаҳои ҷумлаи якумро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.***

**ФОИДАИ ҚИССАХОНӢ**

Бидон, ки қисса хондан ва қисса шунидан фоидаи бисёр дорад. Аввал, аз аҳволи гузаштагон хабардор шавад. Дуюм, чун ғароибу аҷоиб шунавад, назари ӯ кушода гардад. Сеюм, чун меҳнат ва шиддати гузаштагон шунавад, донад, ки ҳеҷ кас аз банди меҳнат озод набудааст, ӯро тасалло бошад. Чаҳорум, чун заволи молу мулки салотини гузашта шунавад, дил аз моли дунё бардорад ва донад, ки ба касе вафо накарда ва нахоҳад кард. Панҷум, ибрати бисёр ва таҷрибаи бешуморе ӯро ҳосилояд. Пас, маълум шуд, ки дар қиссаҳои гузаштагон фоидае ҳаст, агар воқеӣ бошад ва бар он ваҷҳ, ки вуҷуд дошта бошад, хонда шавад, хонандаву гӯяндаву шунавандаро аз он фоидае расад.

*Нагӯянд аз сари бозича ҳарфе,*
*К-аз он панде нагирад соҳиби ҳуш*
*В-агар сад дафтари ҳикмат ба аблаҳ*
*Бихонӣ, оядаш бозича дар гӯш.*

***Ҳусайн Воизи Кошифӣ***

## ЛУҒАТ

**вачҳ** – рӯй, тартиб; сабаб, боис
**ғароиб** – чизи тааҷҷубовар, чизи аҷоиб ва нодир
**завол** – охир, поён, интиҳо
**салотин** – шакли ҷамъи султон (подшоҳ)

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Миқдори ҳиҷоҳоро дар калимаҳои ***«банд»*** ва ***«агар»*** муайян кунед.
2. Мазмуни ифодаи ***«дил аз моли дунё бардоштан»***-ро шарҳ диҳед.
3. Шумо кадом қиссаҳоро медонед?

**Садонокҳо воситаи асосии ҳиҷосозанд. Онҳо алоҳида ё якҷоя бо ҳамсадоҳо хелҳои ҳиҷоро месозанд. Бинобар ин дар забони тоҷикӣ миқдори ҳиҷоҳои калима ба миқдори садонокҳои он баробар аст.**

***93. Пандҳои зеринро хонед ва ба мазмуни онҳо диққат диҳед. Калимаҳои онро ба ҳиҷоҳо ҷудо намоед.***

1. Шунидан кай бувад монанди дидан. 2. Асои пир ба ҷойи пир. 3. Некиро завол нест. 4. Салом аз хурду калом аз калон. 5. Пур дону кам гӯй.

**Ҳиҷо хелҳои гуногун дорад. Агар ҳиҷо *бо садонок* тамом шавад (бо-бо, хо-ла), *кушода* ва агар *бо ҳамсадо* тамом шавад (сад-барг, ан-гушт, мак-таб), *баста* аст.**

***94. Матнро хонед. Калимаҳои ишорашударо ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед ва хелҳои ҳиҷоҳоро муайян созед.***

## ҲАЁТИ ДЕҲОТ

**Очаву бача** дар як коса шир нон реза карда хӯрданд. Сипас вай кӯрпаро берун баровард... Либосҳои **ношустаро** дар айвон ғун овард. Як ғарам шуд. Се роҳ ду сатил ба даст об овард. Обро оварда ба **тағора** мерехту боз рафта об меовард. **Ҳезум** шикаст, алов даргиронд, об андохта тар кард ва аз болояш собуни ордак пошид. Радиочаи айвон **бетанаффус** гап мезад. Ҳоло кадом шахсе бо овози **баланд** ва начандон форам ба маданияти деҳот айб мегирифт. «Сатҳи маданият дар деҳот аз талаботи рӯз хеле қафо мондааст, – мегуфт ӯ. – Мардум нисбат ба маданияти **рӯзгорашон** хеле **бепарво** ҳастанд. Ҳавлиҳо хеле бенуранд. Ашёҳо дар рӯйи ҳавлиҳо **бетартиб** партофта шудаанд. Пастии **маданияти** деҳот дар ғамхорӣ ба **бачаҳо** хеле равшан зоҳир мешавад. Ақаллан дилашон намешавад, ки барои дарс тайёр кардани **фарзандони** худашон мизу курсӣ харанд...»

***Ӯрун Кӯҳзод***



## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Чаро миқдори ҳиҷоҳо дар калимаҳои ***«бача»*** ва ***«хурд»*** фарқ мекунад?

2. Муайян кунед, ки дар кадоме аз ин калимаҳо ташдид ҳаст: ***бетанаффус, мондааст, шудаанд, оббозӣ, муҳаббат.***

3. Оё шумо ба тартиб ва тозагии хона ва синфатон диққат медиҳед?

4. Дар хона ба муносибати зодрӯзи додарчаатон табрикнома нависед, калимаҳои ҷумлаи аввалро ба ҳиҷоҳо ҷудо намоед.

## §16. БА САТРИ ДИГАР КӮЧОНИДАНИ ҲИССАИ КАЛИМА

***95. Калимаҳоро аз рӯйи ба сатри дигар кӯчонидан ба ҳиссаҳо ҷудо кунед. Намуна:*** *омӯз-гор, аро-ба.*

Омӯзгор, ароба, масъала, баъдтар, таваллуд, аввал, муваффақият, қадбаланд, Дилафрӯз, бародар, тобистон, ариза, сандуқча, китобхона, Маҳина.

**Ба сатри дигар кӯчонидани ҳиссаи калима аз рӯйи қоидаи зер воқеъ мегардад:**

**1) Ҳангоми кӯчонидани ҳиссаи калима яклухтии ҳиҷо нигоҳ дошта мешавад:** бод-бон, ба-ро-дар, дӯс-тӣ, та-бас-сум, лаъ-лӣ.

2) **Як ҳарф ҳиҷоро ташкил кунад ҳам, ба сатри дигар кӯчонида намешавад:** а-роба не, балки аро-ба, о-ромӣ не, балки оро-мӣ.

Дар мавриде ки садонок пеш аз ҳарфи сакта (ъ) ояд, ҳиҷои дуюми он ба сатри дигар кӯчонида мешавад: аъ-ло, эъ-лон.

***96. Чистонҳоро бодиққат хонед ва ба ҷавобҳои онҳо аҳамият диҳед. Калимаҳои ишорашударо аз рӯйи яклухтии ҳиҷо (аз як сатр ба сатри дигар гузарондан) ба ҳиссаҳо ҷудо кунед.***

Аҷаб як шиша, ки дорад ду ранг об,
Надорад вай ба **гармию** хунук тоб:
Бибандад ях зи сармои зимистон,
Ҳам аз **гармии** оташҳои сӯзон. (Тухми мурғ)

* * *

**Миёни** «а» ва «р» се ҳарфи дигар
Бимонӣ, меҳӯрӣ ду **меваи** тар. (Ангур ва анҷир)

* * *

Ҳаст як паҳлавони ғулғуланок,
**Оҳанинҷисму оҳанинпӯшок.**

Асп нею ба тохтан чаққон,
Ҳам шутур нею лек боркашон.
**Гов нею** замин меронад,
**Чист номаш**? Канӣ, кӣ медонад? (Трактор)

* * *

**Аспе** дорам беозор,
**Хушсурату** хушрафтор.
Монда намешавад ҳеҷ,
Доим ба гаштан **тайёр**.
Хӯрокаш обу бензин,
Поҳош **бошанд** аз резин. (Автомобил)

***97. Калимаҳоро аввал аз рӯйи иштироки садонокҳо, баъд аз рӯйи аз як сатр ба сатри дигар кӯчонидан ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.*** *Намуна: О-ри-ё-но; Ориё-но*

Паранда, тирамоҳ, сӯзан, садаф, сӯхтор, азоб, дору, бурёкӯбон, деҳқонӣ, тағйир, обёрӣ, Сайёра, Муҳайё, дилсӯзӣ, хубӣ, овардан, Осиё, Ориёно, биё, оро.

## СУПОРИШ

1. Миқдори ҳарф ва овозҳоро дар калимаи *«Муҳайё»* муайян кунед. Маънои ин калимаро ба хотир оред ва бо он як ҷумла тартиб диҳед.
2. Бо истифодаи калимаҳои боло ҷумла тартиб диҳед.

## §17. ЗАДА ВА МАВҚЕИ ОН ДАР КАЛИМА

***98. Ибора ва ҷумлаҳоро нависед. Гӯед, ки талаффузи калимаҳои** «бозгашт, гузашт, сӯзон» **аз ҳам чӣ фарқ доранд ва кадом ҳиҷои ин калимаҳо равшантар талаффуз карда мешавад.***

| | |
|---|---|
| Ӯ бозгашт. | бозгашти мо |
| Ӯ аз ин ҷо гузашт. | гузашти рӯзгор |
| Алафро сӯзон. | офтоби сӯзон |

**Равшантару сахттар садо додани яке аз ҳиҷоҳои калимаро *зада* меноманд. Дар таҳлил ҳиҷои заданок ба воситаи аломати ( ´ ) нишон дода мешавад: *хона́, ди́рӯз, о́мад, фу́ромад, дуса́д, хонда́н.***

***99. Шеърро бурро ва ифоданок хонед. Ҷойи задаро дар калимаҳо нишон диҳед.***

***Намуна:*** *кӯзагар - зада дар ҳиҷои охир.*

Бар коргаҳи кӯзагаре рафтам дӯш,
Дидам ду ҳазор **кӯза** гӯёву хамӯш.
Ногоҳ яке кӯза баровард хурӯш:
«Ку кӯзагару кӯзахару кӯзафурӯш?»

***Умари Хайём***

**СУПОРИШ**

• Калимаҳои ҳамрешаи рубоиро ёбед.

**Дар забони тоҷикӣ зада бештар дар ҳиҷои охири калимаҳо меояд:** *саҳро́, донишҷӯ́, сафе́д, қадбала́нд, мардона́, беру́н, оҳиста́…*

**Дар шаклҳои тасрифии феъл, баъзе ҷонишинҳо, зарфҳо, пайвандаку ҳиссачаҳо зада дар ҳиҷои аввал меояд:** *ги́рифтам, ме́хондам, хо́нед, и́мрӯз, зе́ро ки, о́ре, ҳа́рчанд.*

***100. Матнро нависед. Ҳиҷои заданоки калимаҳоро бо аломат нишон диҳед. Калимаҳои ҷумлаи аввал ва охирро аз рӯйи ҷойи зада ба гурӯҳҳо ҷудо карда нависед.***

Устоди азизу меҳрубон, Нуралӣ Айюбзод!

Шуморо ба ифтихори Рӯзи Омӯзгор аз самими қалб табрику таҳният мегӯем. Дар ин рӯзи нек бароятон, пеш аз ҳама, саломатӣ, рӯзгори осуда ва хушбахтӣ орзу менамоем.

Ид муборак, устоди азиз!

Бо самимият: шогирдонатон Соҷида, Тобон, Санавбар,

Ёдгора, Шамсия, Суман

2.10.2018

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Чаро баъзе калимаҳо бо ҳарфи калон навишта шудаанд?
2. Бахшида ба Рӯзи Омӯзгор шумо ҳам дар хона ба устодатон табрикнома нависед.

**Бандакҳои *изофӣ* (китоби нав), *феълӣ* (омадам), *хабарӣ* (ту деҳқонӣ), *бандакҷонишинҳо* (китобам) *зада намегиранд.***

***101. Матнро хонед. Ҷойи задаро дар калимаҳои ишорашуда муайян кунед.***

Рашидов ҳис мекард, ки дар вокзал як **хурсандӣ** ва **фараҳ** ҳукмрон аст. Вай дар симои ҳар кас як шодмонӣ, як табассуми **мамнунонаро** медид. Худаш ҳам хурсанд буд, аз ҳад зиёд хурсанд буд. Охир, давлат ба вай **бовар** карда, эътимод намуда, сафарбарӣ кардааст. Ба кори масъул, ба кори муҳим **мефиристад.** Акнун ӯ **метавонад** ҳамаи он назарияҳоеро, ки аз худ кардааст, дар амал татбиқ **намояд.**

***Ҷалол Икромӣ***

## ЛУҒАТ

**мамнунона** – миннатдорона
**эътимод** – боварӣ ба чизе, такя
**татбиқ** – ба ҳам муқоиса кардани ду чиз, мутобиқ кардан

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Калимаи ***«вокзал»***-ро ба тоҷикӣ чӣ гуфтан мумкин аст?

2. Чаро кас аз боварии дигарон ба худ хурсанд мешавад?

3. Муайян кунед, ки дар калимаҳои забони тоҷикӣ зада бештар дар куҷо меояд.

***102. Шеърро бо риояи задаи калимаҳо қироат намоед.***

Яктост ба мо замину яктост само,
Яктост ба зиндагонӣ хуршед ба мо.
Моҳ аст агар ягона бар чархи фалак,
Монанди Ватан, ба мост модар якто.

***Ҳақназар Ғоиб***

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Чаро дар шеър калимаи ***«якто»*** бисёр кор фармуда шудааст?

2. Дар калимаи ***«яктост»*** кадом ҳодисаи фонетикиро мушоҳида мекунед?

3. Шеърро аз ёд кунед.

## §18. НАМУНАИ ТАҲЛИЛИ ФОНЕТИКӢ

### ТОЗАГӢ ГАРАВИ САЛОМАТИСТ

Ин ҷумла аз се калима иборат аст: **тозагӣ, гарав, саломатист**. Калимаи **тозагӣ** аз 3 ҳиҷо: **то-за-гӣ,** 3 ҳамсадо (**т, з, г**) ва се садонок (**о, а, ӣ**) иборат аст. Ҳамаи ҳиҷоҳо кушода (**то-за-гӣ**) мебошанд. Зада дар ҳиҷои сеюм.

**т** – ҳамсадои беҷаранг, ҷуфти ҷарангдораш – д, пешизабонӣ.

**о** – садонок, лабӣ.

**з** – ҳамсадои ҷарангдор, ҷуфти беҷарангаш – с, пешизабонӣ.

**а** – садонок.

**г** – ҳамсадои ҷарангдор, ҷуфти беҷарангаш – к, забонӣ.

**ӣ** – садонок, ғайрилабӣ.

Калимаи **гарав** аз ҳиҷоҳои **га-рав** иборат аст. Ҳиҷои якум **кушода**, ҳиҷои дуюм **баста**. Зада дар ҳиҷои дуюм.

**г** – ҳамсадои ҷарангдор, ҷуфти беҷарангаш – к, пасизабонӣ.

**а** – садонок, ғайрилабӣ

**р** – ҳамсадои ҷарангдор, пешизабонӣ.

**а** – садонок, ғайрилабӣ.

**в** – ҳамсадои ҷарангдор, ҷуфти беҷарангаш – ф, лабӣ.

Калимаи **саломатист** аз 4 ҳиҷо (**са-ло-ма-тист**), 6 ҳамсадо (**с, л, м, т, с, т**), 4 садонок (**а, о, а, и**) иборат аст. Зада дар ҳиҷои охир меояд. Се ҳиҷои аввал кушода (**са-ло-ма**) ва ҳиҷои охир баста (**тист**) аст. Дар калимаи охирин бандаки хабарии «**-аст**» ихтисор шудааст. Муқоиса кунед: *саломатист - саломатӣ аст, кист - кӣ аст, чист - чӣ аст; аз мост, ки бар мост (аз мо аст бар мо аст).*

## §19. ТАКРОРИ БОБИ «ОВОШИНОСӢ (ФОНЕТИКА), ИМЛО ВА ТАЛАФФУЗ»

**Дониши худро аз рӯйи саволнома муайян намоед:**

**1.Овошиносӣ (фонетика) чиро меомӯзад?**

А) Ҳиссаҳои нутқ;

В) Ибора ва ҷумла;

С) Калима;

D) Овоз, ҳарф, ҳиҷо, зада;

Е) Таъбирҳо.

**2.Овозҳои нутқро ба кадом гурӯҳҳо ҷудо мекунанд?**

А) Садонокҳо ва ҳамсадоҳои ҷарангнок;

В) Ҳамсадоҳо ва йотбарсарҳо;

С) Ҳамсадоҳои ҷарангдор ва беҷаранг;

D) Садонокҳо ва ҳамсадоҳо;

Е) Садонокҳо ва йотбарсарҳо.

**3. Садонокҳо чӣ гуна ҳосил мешаванд?**

А) Ҳангоми талаффуз ҳавои аз шуш бароянда ба монеа дучор мешавад;

В) Ҳавои аз шуш бароянда бе монеа мебарояд;

C) Танҳо тавассути лабҳо ҳосил мешаванд;
D) Ҳангоми талаффуз даҳон кушода мешавад;
E) Дар талаффуз лабҳо иштирок намекунанд.

**4. Кадоме аз ин овозҳо ҳиҷо месозанд?**

A) Овозҳои садонок;
B) Овозҳои ҳамсадо;
C) Ҳамсадоҳои ҷарангнок;
D) Ҳамсадоҳои беҷаранг;
E) Садонокҳои ғайрилабӣ.

**5. Кадоме аз ин ҳарфҳо бо ду овоз талаффуз мешаванд?**

A) А, о, у, и;
B) П, р, с, т;
C) Б, в, г, д;
D) Ё, ю, я, е;
E) Ч, ҷ, ф, ш.

**6. Ба ҳиссаҳо ҷудошавии калимаҳоро чӣ меноманд?**

A) Зада;
Б) Бандак;
C) Асос;
D) Ҳиҷо;
E) Пасванд.

**7. Дар забони тоҷикӣ чанд ҳарф аст?**

A) 34;
B) 37;
C) 32;
D) 35;
E) 38.

**8. Садонокҳои забони тоҷикӣ кадомҳоянд?**

A) Б,в,г,д,ж;
B) М,н,п,р,а;
C) С,т,ф,х, о;
D) А,у,и,о,ӯ,э;
E) И, ж, з, к, е.

**9. Дар калимаҳои тоҷикӣ зада асосан дар куҷо меояд?**

A) Дар аввал;

B) Дар охир;

C) Дар мобайн;

D) Баъди ҳиҷои якум;

E) Дар ҳиҷои кушода.

**10. Ифодаи «Як мушт писта дар бист мушт писта...» чӣ ном дорад?**

A) Зарбулмасал;

B)Чистон;

C) Латифа;

D) Тезгӯяк;

E) Мақол.

**11. Зарбулмасалро дар кадоме аз ин жанрҳо истифода бурдан мумкин аст?**

A) Ариза;

B) Забонхат;

C) Латифа;

D) Эълон;

E) Хабар.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Узвҳои нутқро номбар кунед.
2. Мавридҳои истеъмоли **«и-й, э-е»**-ро бо мисолҳо фаҳмонед.
3. Ҳамсадоҳои ҷарангдор ва беҷаранг аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд? Бо мисолҳо шарҳ диҳед.
4. Кадом қоидаҳои имлои «ӯ»-ро медонед?
5. Ҳарфҳои йотбарсар кадом овозҳоро ифода мекунанд?
6. Ташдид чист?
7. Мавридҳои истифодаи ҳарфи **«ъ»**-ро бо мисолҳо шарҳ диҳед.
8. Ҳангоми ба сатри дигар гузаронидани ҳиссаи калима чиро ба эътибор мегиранд?
9. Зада чист? Талаффузи ҳиҷои заданок аз ҳиҷои безада чӣ фарқ дорад?
10. Кадом ҳодисаҳои овозиро медонед?

***103. Матни табрикномаро нависед ва задаро дар калимаҳо муайян кунед.***

Модарҷони азиз!

Имрӯзи саидро, ки ҳамагон Рӯзи Модараш меноманд, бароятон муборакбод мегӯям. Таманнои онро дорам, ки ба ивази меҳрубонӣ, ғамхорӣ ва фидокориятон Худованд ба Шумо саломатӣ, осудагӣ ва баракати рӯзгор ато намояд.

Идатон муборак, модарҷони азизам!

Бо самимият, духтаратон Нӯшин.

8.03.2018

## САВОЛ

Падаратонро дар кадом рӯз табрик кардан мехоҳед?

***104. Шеърҳоро қироат карда, мазмуни онҳоро шарҳ диҳед. Ба талаффузи овозҳои "ӣ" ва "ӯ" диққат диҳед.***

Хари Исо одамӣ нахоҳад шуд,
Гарчи дар пои минбаре бошад.
В-одамеро, ки тарбият накунанд,
То ба садсолагӣ харе бошад.

Ҳар он тифл, к-ӯ ҷабри омӯзгор
Набинад, ҷафо бинад аз рӯзгор.

***Саъдии Шерозӣ***

Магӯ, аз суҳбати доно зиён аст,
Агар донӣ, зи умрат ҳосил он аст.

***Носири Хусрав***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Оҳанги ифодаи байти охирро шарҳ диҳед.
2. Ба фикри шумо, барои хушахлоқ тарбия ёфтани кӯдак чӣ кор кардан лозим аст?

***105. Чистонҳоро хонед, ҷавобҳояшонро ёбед. Ҳиҷо ва задаи калимаҳоро муайян намоед.***

1. Дорад даҳану забон надорад,
   Сад чӯб занӣ, фиғон надорад.

2. Худаш калону соя надорад.

3. Худаш дар кӯҳ, овозаш дар деҳ.

***(М...ӣ, о...б, х...с)***

***4.*** Чист он ходими *камарбаста*,
   Як тане сад *ҳазор* дорад.
   Ҳар кӣ ӯро *гирад* ба хонаи хеш,
   Хоки пояш ба дида *бардорад*.

***(Ч...б)***

## СУПОРИШ

• Аз чистони охирин калимаҳои ишорашударо ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед ва ҷойи задаро дар онҳо муайян намоед.

***106. Нависед, имлои и ва ӣ- ро дар ҷумла ва тезгӯякҳо шарҳ диҳед.***

1.Дар хона ба чӣ корҳо машғул мешавед?

2. Чи дар мактаб ва чи дар хона Самандар боинтизом аст.

3. Чи тавре ки гуфтем, ҳамон тавр амал кунед.

4. Аҳвол чӣ хел? Кору зиндагӣ чӣ тавр?

5. Содиқ шодӣ кард, Соҳиб - шӯхӣ.

6. Шаст сада шинондем, сӣ шафтолу.

# III. НАҲВ (СИНТАКСИС) ВА АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ

## §20. МАВЗӮИ БАҲСИ НАҲВ (СИНТАКСИС). ИБОРА

***Наҳв (синтаксис) қоидаҳои ибора ва ҷумласозиро меомӯзад.***

***Дар ҷумла аломатҳои гуногуни китобат –нуқта (•), вергул (,), савол (?), хитоб (!), нохунак («»), баён (:), нуқтавергул (;), тире (–), нимтире (-), қавс (()) истифода мешаванд.***

***107. Исмҳои зеринро бо нишон додани ягон аломаташон нависед. Намуна:*** *рафиқи меҳрубон, девори хиштин.*

Ангур, об, осмон, офтоб, мард, шаҳр, кӯҳ, қалам, сароянда.

***108. Матнро хонед, ба ифодаҳои ишорашуда диққат диҳед.***

Бачагӣ **вақти беғамӣ, айёми ширин** ва болаззат, **давраи аҷоиби зиндагии инсон** аст. Ин **навбаҳори умр**и кас чунон пурнашъа, чунон гуворо ва чунон фараҳбор аст, ки одам, ҳатто онро ёд карда истода шоду беғам мегардад. Ҳоло ки синну соли ман ба як ҷо рафта мондааст, баъзан агар аз чизе хафа шуда, **бори гарон**и ғамро аз худ дур карда натавонам, **айёми ҷавони**ро ба ёд меорам. Ҳамин ки аз **пардаи хаёл**ам **нақши дилкаш**и он айём гузашт, сабук ва беғам мешавам.

***Ҷалол Икромӣ***

### ЛУҒАТ

**гуворо** – форам

**пурнашъа** – кайфиятбахш, саршори хушҳолӣ

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Аз рӯйи ифода ***«вақт»*** аз ***«вақти беғамӣ»*** чӣ фарқ дорад?

2. Мазмуни ибораи ***«пардаи хаёл»*** - ро шарҳ диҳед.

***Ду ва ё зиёда калимаҳои мустақилмаънои ба ҳам алоқамандро ибора меноманд. Дар ибора як калима (ҷузъ) асосӣ ва дигаре тобеъ аст. Савол ҳамеша дар калимаи асосӣ меафтад: китоби*** *хуб,* ***бинои*** *мактаб, аз кор баргаштан, беҳтарин* ***талаба,*** *хона* ***рӯфтан,*** *зуд* ***баргаштан,*** *хело* ***зиёд.***

***109. Шеърро ифоданок хонед ва мазмунашро шарҳ диҳед.***

**ШОНИ МУАЛЛИМ**

Баланд аст аз фалак шони муаллим,
Бувад ҷонбахши мо ҷони муаллим.
Набошад неъмате дар ҳар ду олам,
Ҳалол аз пораи нони муаллим.
Бидон инро, ки виҷдони ҳама халқ
Бувад аз рӯйи виҷдони муаллим.
Агар фардои меҳанро биҷӯӣ,
Биёб аз файзи эҳсони муаллим.
Агар армони меҳанро бихоҳӣ,
Бидон аввал ту армони муаллим.
Каму беши замонро рост кардан
Тавон танҳо ба мизони муаллим.
Ягон ҳосил ба хоки мазраи таб
Магар рӯйида бе дони муаллим?
Бидон парвозгоҳи миллати мо
Бувад дар рӯйи дастони муаллим.

***Камол Насрулло***

**ЛУҒАТ**

**армон** – орзу
**мизон** – тарозу
**мазраъ** – киштгоҳ
**эҳсон** – некӣ кардан

## СУПОРИШ

1. Ибораҳоро аз шеър ёфта, калимаҳои асосӣ ва тобеи онро муайян кунед.

2. Мазмуни ибораи ***«миллати мо»***-ро маънидод кунед.

3. Дар хона дар бораи қадри устод иншо нависед.

4. Шеърро аз ёд кунед.

***110. Аз Суруди миллии Тоҷикистон ибораҳоеро, ки дар таркибашон калимаҳои*** *«арҷманд, сар, озод, ҷаҳон, саодат»* ***мавҷуданд, ёбед. Гӯед, ки*** *«арҷманд»* ***чӣ маъно дорад? Бо калимаи*** *«озод»* ***боз чӣ хел ибораҳо сохтан мумкин аст?***

**Агар дар ибора калимаи асосӣ *феъл* бошад, калимаи тобеъ ба он *ба воситаи пешоянду пасояндҳо ё тартиби калима* алоқаманд мешавад: ба** мактаб **рафтан**, иншо **навиштан**, калонсолон**ро ҳурмат кардан**...

***111. Аз ифодаҳои зерин ибораҳоро ҷудо намоед.***

Инсони комил, барои хондан, аз мактаб, омӯзгорӣ, мактабхонӣ, дар мактаб хондан, мактаби нав, оби тоза, ин китоб, баландтарин кӯҳ, панҷ нафар духтар, нилуфари обӣ, панҷа, дар пеши падар, дар бораи сулҳ.

***112. Матни хабари зеринро хонед ва нависед, ибораҳояшро ёбед, воситаҳои алоқаи онҳоро муайян намоед.***

Ба наздикӣ дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Фестивали китоби наврасон барпо гардид. Дар он шоирону нависандагони шинохта ва омӯзгорону мактаббачагони пойтахт иштирок намуданд. Фестивал муддати се рӯз тавонист ба воситаи вохӯрию суҳбатҳо ҳадафи худро ҳосил созад. Аз ҷумла дар доираи он барои ҷалби наврасон ба китоб суҳбатҳои шавқовари адибони шинохта баргузор гардид.

Бачаҳо аз наздик бо аҳли адаб шинос шуда, аз осори онҳо пораҳо қироат намуданд. Дар охир адибон аз китобҳои худ ба бачаҳо тухфа карданд.

***Насриддин Охунзода***

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Ибораҳои матнро аз рӯйи воситаи алоқа дар ду сутун нависед.

2. Шумо дар мактабатон бо шоирон вохӯрӣ гузарондаед?

## §21. ҶУМЛА

***113. Матнро хонед ва муайян кунед, ки он аз чанд ҷумла иборат аст.***

Меҳрубон аз мактаб баргашт. Боз ҳамон хонаи танҳоюю сард. Гурусна монда буд. Нон набуд. Мазаи хӯроки гармро кайҳо начашидааст. Падараш бошад, аз шаб гум. Ҳамин хел одат доштааст… Меҳрубон пеш аз омадан ҳеҷ гоҳ дар хона танҳо нахуфта буд. Модаркалон ҳамроҳаш буд. Аммо аз рӯзи аз ӯ ҷудо шудан танҳоӣ мекашад…

***Кароматулло Мирзоев***

### САВОЛ

• Ин порча аз кадом асар аст?

**Гурӯҳи калимаҳои ба ҳам алоқаманд, ки фикри тамомшударо ифода мекунанд, ҷумла номида мешаванд:** Тоҷикистон давлати соҳибистиқлол аст.

**Ҷумлаҳо аз рӯйи сохт ду хел мешаванд: ҷумлаи сода ва мураккаб. Ҷумлаи сода фақат аз як фикри том иборат аст:** Дар кушода шуд. Мо даромадем.

**Ҷумлаи мураккаб аз алоқамандии ду ва ё зиёда ҷумлаҳои сода ташкил меёбад:** *Дар кушода шуд ва мо даромадем.*

## §22. ҶУМЛАИ СОДА ВА НАВЪҲОИ ОН АЗ РӮЙИ ОҲАНГ. ҶУМЛАИ ХАБАРӢ

***114. Матни зеринро бо риояи оҳанги ҷумлаҳо хонед ва хулосаатонро гӯед.***

## ҒОЛИБОНИ ОЗМУНИ КИТОБХОНӢ

Имрӯзҳо таваҷҷуҳи давлат ба масъалаи китоб, китобхона ва китобхонӣ зиёд шуда истодааст. Гимназияи рақами 1-и ш. Душанбе барои диққати мактаббачагонро ба ин мавзӯи муҳим ҷалб кардан миёни хонандагони синфҳои 8 - 11 озмуни "Китобхони беҳтарин"-ро гузаронид. Дар он хонандагони синфи 9-уми "А" миёни синфҳо ва хонандаи синфи 10-уми "Б" Азиз Раҳимзода миёни хонандагон ҷойи аввалро соҳиб шуданд. Суҳбати мо дар ин хусус бо раиси созмонҳои талабагӣ Нигина Собириён.

**– Гимназияи шумо барои ҷалби хонандагон ба китобхонӣ чӣ чораҳо мебинад?**

– Дар гимназияи мо китобхонаи хуб фаъолият мекунад. Дар гимназия робитаи омӯзгорону хонандагон бо китобхона зич аст. Фаъолияти аъзои китобхона аз тарафи мудирияти он махсус қайд карда мешавад. Дар маҷлисҳои умумии мактабӣ ба фаъолон ифтихорнома тақдим мегардад. Инчунин ташкили озмунҳои гуногун теъдоди хонандагони китобхонро зиёд мегардонад.

***– Дар бораи шароит ва фаъолияти китобхонаи гимназия чӣ гуфта метавонед?***

– Китобхонаи гимназия дорои 2 толор аст. Дар яке аз толорҳо ҷевону рафҳои пури китоб ҷойгир мебошад. Толори дуюм барои хониши хонандагон ҷудо шудааст. Дар ин ҷо хонандагони хоҳишманд метавонанд баъди дарс ба китобхонӣ ва дарстайёркунӣ машғул шаванд. Гимназия барои қонеъ гардондани талаботи хонандагон ба толори калонтар эҳтиёҷ дорад.

***– Озмуни "Китобхони беҳтарин" чӣ гуна шартҳо дошт ва ғолибони он чӣ тавр қадрдонӣ гаштанд?***

– Ин озмун дар баробари чанд озмуни дигар бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии хонандагон баргузор шуд. Дар он хонандагони синфҳои 8 - 11 иштирок намуданд. Озмун чунин шартҳо дошт: теъдоди китобҳои хондашуда, таҳлили мазмуну муҳтавои китобҳои хондашуда аз

рӯйи саволҳои ҳайати ҳакамон. Ба ғолибон ифтихорномаи маъмурияти гимназия ва тухфаҳои хотиравӣ тақдим гардид.

– ***Оянда чӣ нақшаҳо доред?***

– Мехоҳем чунин озмунҳоро дар доираи васеътар баргузор намоем.

***Мусоҳиб Наҷибаи Ҳақназар***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Дар хона гуфтугӯ бо рафиқатонро нависед ва дар он ба оҳангнокии ҷумлаҳо эътибор диҳед.

2. Шумо ба ҷойи мусоҳиб кадом саволро додан мехостед?

***115. Матнро хонед ва мазмунашро шарҳ диҳед.***

### ҶАМШЕД

Ӯ ҳукмдори ғаюр ва тавоное буд, ихтироъкории василаҳои беҳбудии ҳаёти мардумонро давом дод. Ба онҳо риштабофӣ, матоъбофӣ, либосдӯзӣ омӯзонд. Иморат кардан, ҳаммом сохтанро ҳам Ҷамшед бунёд кард. Нахуст ӯ аз оҳан зиреҳ, ҷавшан, хӯд ва дигар олатҳои ҷанг сохт. Киштирониро ҳам аввал ӯ сар кард.

Вақте ки ин ҳама корҳои нек анҷом ёфта, кишвар ба ниҳояти ободию оростагӣ расид, Ҷамшед ба бузургӣ ва тавоноӣ дар ҷаҳон овоза шуд. Он гоҳ вай худро дар ҷаҳон ягона ва беҳамто донист ва мағрур шуд, бори шуҳратро бардошта натавонист. Бузургони мамлакатро гирд оварда гуфт: «Дар ҷаҳон ғайр аз ман подшоҳе нест. Ин ҳама ҳунарҳоро кӣ эҷод кард? Ман! Хӯроку пӯшок ва осудагии шумоён аз куҷост? Аз ман, аз қудрати ман! Пас, шумо бояд маро Худо донед ва ҷаҳонофарин гӯед».

Заҳҳок чун шунид, ки мардумон аз Ҷамшед рӯй гардонидаанд, ба қасди гирифтани мамлакати ӯ ба Эронзамин лашкар кашид.

***Сотим Улуғзода***

## ЛУҒАТ

**хӯд** – кулоҳи ҷангие, ки аз филиз сохта мешавад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Дар матн чанд ҷумла ҳаст?
2. Хелҳои ҷумлаҳоро аз рӯйи оҳанг муайян кунед.
3. Аз рӯйи мазмуни матн шумо ба Ҷамшед чӣ баҳо медиҳед?
4. Кадом ҷашни миллиро ба давраи Ҷамшед нисбат медиҳанд?
5. Чаро Заҳҳок ба Эронзамин лашкар кашид?

**Ҷумлаҳои сода аз ҷиҳати марому мақсад ва оҳанг *хабарӣ, саволӣ, амрӣ ва хитобӣ* мешаванд. Оҳанги ин ҷумлаҳо дар хат ба воситаи аломатҳои *нуқта (.), савол (?), хитоб (!) ва вергул (,)* ишора меёбанд. Мисол: 1. Шайх Саъдӣ ғазалу таронаи зиёде навиштааст. (хабарӣ) 2. Оё ту дар бораи ориёиҳо маълумоте дорӣ? (саволӣ) 3. Истиқлол муборак бошад! (хитобӣ) 4. Марҳамат, чой нӯшед. (амрӣ)**

***116. Ҷумлаҳоро хонед, оҳанги хониши онҳоро муайян кунед.***

Он рӯзҳо ниҳолон аз гармо гулу шона партофта, як ҳолати тараҳҳумовар доштанд. Агар чораҳои фаврӣ андешида намешуд, ҳосили пахтазорро талаф додан аз эҳтимол дур набуд.

***Бобо Насриддинов***

**Ҷумлае, ки дар он фикр ба тариқи хабар ифода меёбад, *хабарӣ* ном дорад. Оҳанг дар охири ҷумлаи хабарӣ пастрав аст. Дар охири он аломати нуқта гузошта мешавад:**

Шаҳрчаи Ғарм дафъаи гузашта ҳам ба ман хеле маъқул шуда буд. Ин ҷо ҳатто аз Навобод ҳам ба ман маъқултар аст. Шаҳрчаи сердарахт, боғзор ва хушманзара аст.

***Ҷ. Икромӣ, А. Одинсов***

***117. Матнро хонда, аз сархати сеюм ҷумлаҳои хабарии онро муайян кунед.***

Аз ҳама гармтарин моҳ кадом аст? Моҳи июл. Деҳқонон моҳи июлро моҳи асад меноманд. Дар ҳамин моҳ ҳамаи меваҳо мепазанд. Дар деҳаи Лаклакон бачагон чунин месароянд:

***Дар моҳи асад***
***Олу мепазад.***
***Мечинам аз он***
***Ман сабад-сабад.***

Аммо ин суруд ба Асад, ки ҳоло шашсола аст, тамоман маъқул нест. Ба фикри ӯ, бачаҳо гӯё инро барои масхара кардани вай месароянд. Фақат Самад, ки ҳамсоли Асад аст, ин сурудро намехонад. Бинобар ин ҷӯраҳо ҳама вақт ҳамроҳ бозӣ мекунанд. Асаду Самад бачаҳои хеле қобил ва дидадаро мебошанд ва онҳоро ҳамеша падару модарони бачаҳои шӯху якрав ба фарзандони худ намуна нишон медиҳанд.

Имрӯз аз пагоҳ ҳаво хеле гарм буд. Дар ҳавои гарм аз ҳама бозии беҳтар чист? Албатта, оббозӣ! Самад монанди ҳаррӯза ба ҳавлии Асадино омад. Аммо дар ҷӯй об набуд. Бинобар ин онҳо дар болои қуми нами ҷӯй нишаста, ба бозӣ машғул шуданд. Дар болои қум кӯчаҳои нав, каналу ҷӯйборҳои нав месохтанд.

Сагчаи гӯшбуридаи Асад, ки номаш ҳам Калта буд, ба бозии бачаҳо нигоҳ карда, гӯё дилаш танг мешуд ва ҳар бор ҷастухез карда, онҳоро ба даводавӣ даъват мекард. Аз байн қариб як соат гузашт. Ногоҳ шилдир-шилдири об ба гӯш расид. Асаду Самад беихтиёр ба қафо нигоҳ карданд.

– Урра! Об омад! –хурсандона фарёд карданд онҳо ва зуд куртаҳои худро кашида, дарун-даруни об давидан гирифтанд.

Ба Калта ин кори бачаҳо маъқул шуд.

***Аминҷон Шукӯҳӣ***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Фарқи калимаи *«Асад»*- **ро аз** *«асад»* гӯед.

2. Калимаи *«Калта»*-ро маънидод кунед. Чаро он бо ҳарфи калон навишта шудааст?

3. Оё оббозӣ карда тавонистан шарт аст?

4. *«Намуна нишон додан»,* яъне чӣ?

***118. Порчаи шеърии зеринро хонед ва хели ҷумлаҳоро аз рӯйи оҳанг муайян кунед.***

Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон,
Бартар аз дидори рӯйи дӯстон.
Ҳеҷ талхӣ нест бар дил талхтар,
Аз фироқи дӯстони пурҳунар.

***Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Порчаи шеърро ба наср баргардонед ва гӯед, ки он аз чанд ҷумла иборат аст.

2. Дар ин шеър калимаи ***«шодӣ»*** ба калимаи ***«талхӣ»*** ва калимаи ***«дидор»*** ба калимаи ***«фироқ»*** аз рӯйи маъно чӣ муносибат доранд?

***119. Бо калимаҳои зерин ҷумлаҳои хабарӣ созед.***

1. Дӯст, мо, китоб, медорем, хондан.
2. Ва, Ватан, мебошанд, Модар, ҳаммаъно.
3. Ёрӣ, хона, мо, ба, мерасонем, корҳо.
4. Нафиса, мо, синф, мебошад, аълохон.
5. Аст, мо, Ватан, Тоҷикистон.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Гӯед, ки дар калимаи ***«ёрӣ»*** чанд ҳарфу чанд овоз аст?

2. Чаро баъзе калимаҳо бо ҳарфи калон навишта шудаанд?

## §23. ҶУМЛАИ САВОЛӢ

***120. Гӯед, ки дар матни зерин ҷумлаҳо бештар бо кадом оҳанг қироат мешаванд.***

### ВАРЗИШ БА ХОТИРИ САЛОМАТӢ

Дар мактаби бачагонаи варзишии ноҳияи Рӯдакӣ миёни хонандагони мактабҳои миёна озмуни «Шоҳмотбозон» баргузор гардид. Оид ба мавзӯъ мо бо директори марказ Шаҳбози Абдулло суҳбате доштем.

**– Устоди азиз, мегуфтед, ки шоҳмотбозӣ чӣ манфиате дорад.**

– Ҳама гуна навъи варзиш барои ҳифзи саломатӣ манфиатовар аст. Шоҳмотбозӣ таърихи дерина дорад. Он варзиши ақл аст, варзиши зеҳн. Маркази варзишии бачагонаи ноҳияи мо бачагонро дар бахшҳои гуногуни варзиш гирд оварда, бо онҳо машқ мегузаронад. Аз ҷумла, бачагонеро, ки дар шоҳмотбозӣ лаёқат доранд, ҷамъ оварда, соле ду маротиба миёни онҳо мусобиқа ташкил мекунад.

**– Озмуни навбатӣ чанд нафарро гирд овард ва он чӣ тарз сурат гирифт?**

– Дар ин озмун 100 нафар аз тамоми мактабҳои ноҳия иштирок намуданд. Озмун дар се давр гузашт. Даври якум дар мактабҳо ва даврҳои дуюму сеюм дар марказ. Дар озмун аз миёни дастаҳо дастаи мактаби рақами 54 ҷойи аввалро соҳиб шуд. Миёни довталабон Бахтовари Ҳайдар – хонандаи синфи 11-уми «А»-и мактаби рақами 16 ғолиби мутлақ гардид.

**– Ғолибон бо чӣ хел туҳфаҳо сарфароз гардиданд?**

– Ғолибон бо ҷоми раиси ноҳия, ифтихорномаи Маркази варзишии бачагона ва туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонда шуданд.

**– Маркази варзишии бачагона дар баробари муваффақиятҳо мушкилӣ ҳам дорад?**

– Бале. Маркази мо танҳо соли гузашта 50 медал ба даст овард... Бо вуҷуди ин мушкилӣ ҳам дорем, ки бартараф намудани он ба мо вобаста нест. Мушкилӣ, асосан, танг будани майдони варзиш ва норасоии толори варзишӣ аст. Барои ин мо ба ҳукумати ноҳия муроҷиат кардем ва бовар дорем, дар давоми сол мушкили мо ҳал шавад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Дар мактаби шумо барои баргузории дарсҳои варзиш шароит муҳайё аст ё не?
2. Ба кадом навъи варзиш бештар майл доред?
3. Бо ягон дӯстатон дар бораи иштирокаш дар озмуне суҳбат кунед.

***121. Матнро ифоданок хонед ва гӯед, ки чаро дар охири баъзе ҷумлаҳо аломати савол гузошта шудааст.***

Бинокорон ба кунҷковии ӯ нигариста ҳазл мекарданд:

– Ҳой духтар, ба тамошои сирк омадӣ?

Духтар ҳарфе назад, пайваста ба хамуростшавии чангаки хартуми кран менигарист. Як ҷавон аз рӯйи девори ошёнаи сеюм бо овози баланд кранчидухтаракро чеғ зад:

– Лида, ба шогирдӣ мегирӣ? – ва ба поён ишора кард.

Лида сарашро аз кабина баровარда духтаракро дид.

– О-о, чӣ хел духтараки нағз, лӯхтакча барин.

Духтарак шарм дошт.

– Номат чӣ?

– Ҷумъагул.

– Мехоҳӣ?

Духтарак сар ҷунбонд.

– Наметарсӣ?

– Не!..

*Бобо Насриддинов*

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Ҷумлаҳоеро, ки пурсишро ифода мекунанд, муайян намоед.

2. Ҳангоми ба саволҳо ҷавоб гардондан ҷумлаҳо чӣ хел оҳанг пайдо мекунанд?

3. ***«Ҳарф назадан»*** чӣ маънӣ дорад?

4. Шумо ба ҷуръати Ҷумъагул чӣ тавр баҳо медиҳед?

**Ҷумлае, ки пурсишро мефаҳмонад, ҷумлаи *саволӣ* ном дорад. Оҳанг дар охири ҷумлаи саволӣ баланд мешавад. Дар охири ҷумлаи саволӣ *аломати савол (?)* гузошта мешавад**: Чаро кишоварзони мисрӣ заминро мепарастиданд? («Таърихи дунёи қадим») Магар онҳо ба ин кори ту розӣ мешаванд? (С.Айнӣ) Ба меҳмон кӣ хизмат мекунад? (Ф. Муҳаммадиев)

**Ҷумлаҳои саволӣ ҳиссиёту ҳаяҷонро ҳам ифода мекунанд. Дар ин маврид дар охири ҷумла ҳам аломати савол ва ҳам аломати хитоб гузошта мешавад:** Ин чӣ хел шӯхӣ, ҷаноб?! Оё бо ин хел коғазҳо шӯхӣ кардан мумкин аст?! (Ю. Акобиров)

*Ин чӣ найранг аст, ки дар зери боғи дилписанд,*
*Дар халиҷи Бомбай байроқи Америко баланд?!*

***М.Турсунзода***

***122. Шеърро ифоданок хонед ва ҷумлаҳоро аз рӯйи оҳанг шарҳ диҳед.***

Писарҳои ҷинояткори Берлин!
Куҷо ин сон ҳаросон мешитобед?
Куҷо!
Пеши зану фарзанд? Ҳайҳот!
Шумоҳо ҳам зану фарзанд доред?
Куҷо шуд зарбаҳои «барқовар»?
Ватанро ёд кардед?
Эҳтимол аст,

Ки мехоҳед дидан рӯйи модар?
Хаёли хуш! Вале амри маҳол аст.

***Ҳабиб Юсуфӣ***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Ин шеър чанд ҷумлаи саволӣ дорад?
2. Гӯед, калимаи ***«барқовар»*** чӣ маъно дорад ва чаро дар нохунак гирифта шудааст.
3. Мазмуни ибораҳои ***«хаёли хуш»*** ва ***«амри маҳол»***-ро шарҳ диҳед.

***123. Матнро бо риояи оҳанги ҷумлаҳо хонед ва нависед.***

Оё гуфтан мумкин аст, ки шумо халқи худатонро хуб медонед? Дар беҳтарин сурат шумо деҳаи худатон ё якчанд деҳаро хуб медонед. Лекин, охир, халқи тоҷик на дар як деҳа ё якчанд деҳа, балки дар як кишвари калон зиндагӣ мекунад. Зиндагонии ин халқ пештар чӣ гуна будааст? Чӣ гуна ҳунару санъат дорад? Чӣ гуна афсонаҳо, урфу одатҳо, маросимҳо, таронаҳо дорад ва онҳо хубанд ё бад? Шумо бояд ҳамаи инро таҳқиқ кунед ва донед. Агар одам халқи худро нағз нашиносад, ба вай нағз хизмат ҳам карда наметавонад.

***Сотим Улуғзода***

## ЛУҒАТ

**таҳқиқ** – ҳақиқат кардан, тафтиш намудан

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Гӯед, ки калимаи ***«сурат»*** дар ин матн ба кадом маънӣ омадааст.
2. ***«Халқи худро шинохтан»*** чӣ маънӣ дорад?
3. Барои халқи худро хуб донистан чӣ бояд кард? Шумо дар оянда ба халқи худ чӣ тарз хизмат расонданиед?

***124. Дар мавзӯи дилхоҳ бо дӯстатон мусоҳиба ташкил кунед ва онро нависед.***

## §24. ҶУМЛАИ АМРӢ

***125. Ба оҳанги ҷумлаҳо диққат диҳед.***

1. Ҳозир ба ин ҷо баргард. (С. Улуғзода) 2. – Ҳа, гап занед, муаллим, ман аз шумо миннатпазир, ташаккур. (К. Мирзоев) 3. Шумоён ҳам бароед, ба ҳайвонҳо хӯрок диҳед. Қулф задани дарвозаро аз хотир набароред. (С. Айнӣ) 4.Табару теша бигир. Теғ ба даст бигир. Аз золим қасос бигир. (С. Улуғзода) 6. Хоҳарҷон, гиря накун. (Р. Ҷалил)

**Ҷумлае, ки даъвату фармон ва ё хоҳишу илтимосро ифода мекунад, ҷумлаи *амрӣ* ном дорад. Дар охири ҷумлаи амрӣ *аломати нуқта* гузошта мешавад.**

Эҳ, хоҳар, ташвиши зиндагӣ ҳеҷ вақт тамомӣ надорад. Гиред, гиред, ин хел накунед. Ҳа, Ҷӯрабой, дуторро гирифта, барои хоҳарам Лола ягон суруд хон. ***(М.Ҳакимова)***

***126. Гӯед, ки ҷумлаҳои амрии зерин ба кадом шахс нигаронида шудаанд.***

Дарё, маро бубахш,
Дарё, маро бубахш, агар модарам туӣ.
В-ар на бигӯй, модари ман аз табори кист?
Ман мавҷи рондаам, ки зи ту дур мондаам,
Дарё, маро бигир,
Дарё, маро бибар,
Ин шоири ғариб писарандари ту нест.

Эй бод, бигӯ қиссаи ман дар дунё,
Эй хок, бикун обу гиламро эҳё.
Эй ҷазба, бикаш зарраи ман бар хуршед,
Эй рӯд, бибар ишқи маро бар дарё.

***Аскар Ҳаким***

### ЛУҒАТ

**табор** – хонадон, хешовандон
**ҷазба** – ба худ кашидан, кашиш
**эҳё** – аз нав зинда гардондан

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Бигӯед, ки шоир ба чиҳо мурочиат кардааст.

2. Иловаи пешванди "би-" ба калимаҳои ***«бахш, гӯ»*** ва монанди инҳо чӣ тобиши маънои додааст?

3. Калимаҳои ҳаммаънои ***«хуршед»***-ро номбар кунед.

***127. Бо истифодаи феълҳои зерин ҷумлаҳо тартиб дода, маънои онҳоро шарҳ диҳед.***

Хонед, диҳед, суруд хонед, нигоҳ кун, озод кунед, шин, баро, гир, гиред, шинетон.

***128. Ҷумлаҳои амрии матнро муайян кунед ва гӯед, ки онҳо аз забони кӣ ифода ёфтаанд.***

Имрӯз падар аз вай як хоҳиш кард:

– Гапамро гир, бачам.

– Чӣ гап?

– Хонаи Карими магазинчӣ рав, пул пурс, аз як кас қарздор шудам. Пагоҳ надиҳам, вай маро лат мекунад, мезанад. Бехунирӯ, номард аст, қабурғаҳоямро мешиканад, гӯй, дусад сӯм пул диҳад, дусад сӯм!

– Намедиҳад, вай рӯз хонаи Муроди шофир ҳам равон карда будед. Гуфт, ки пулаш дар роҳ намондааст, ки ба мо диҳад… Пул диҳам, – мегӯяд, – падарат шароб мехӯрад, кори хайр намешавад.

– Як бало кун, бачам… Хонаи Карими магазинчӣ рав, гӯй, ки бибиам омаданд, модарам ҳам омаданд, дар хонаамон сулҳу салоҳ шуд.

– Гапи дурӯғ.

– Дурӯғи сулҳомез, бачам, ин хел дурӯғгӯиҳо фоида дорад.

…Ноилоҷ монда буд Меҳрубон. Гапи падарашро гардондан намехост, вале хонаи амаки Карим даромада «пул диҳед» гуфта наметавонад, забонаш намегардад, пояш намекашад, намеравад.

***Кароматулло Мирзоев***

### ЛУҒАТ

**бехунирӯ** – одами берӯ, беандеша

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Чаро дар матн ***«ронанда»*** **шофир** навишта шудааст? «Магазинчӣ» гуфтан дуруст аст?

2. Маъно ва таркиби ифодаи ***«сулҳу салоҳ»***-ро шарҳ диҳед.

3. Ин порча аз кадом асар аст? Ба рафтори падар шумо чӣ хел баҳо медиҳед?

4. ***«Дурӯғи маслиҳатомез»*** чиро мефаҳмонад?

5. Дар хона дар бораи май, тамоку ва зарари онҳо иншо нависед.

## §25. ҶУМЛАИ ХИТОБӢ

***129. Матнро хонед, ба мазмуни он диққат дода, оҳанги ҷумлаҳоро муайян кунед.***

...Гиря накун! Мард бош! Мисли падарат шав, ки одами сахтибардор аст...

Бемор чашмонашро кушода, аввал ба ман нигоҳ кард ва баъд аз он ба амакам нигоҳ карда:

– Зиёдтар об диҳед! – гуфт. Ба ман ишора карда ба гап даромад:

– Хон, дар чӣ гуна душворӣ бошад ҳам, хон, одам шав, лекин қозӣ, раис ва имом нашав! Агар мударрис шавӣ, майлат, – гуфту чашмонашро пӯшид.

***Садриддин Айнӣ***

### ЛУҒАТ

**имом** – пешво, пешрав, роҳбар

**қозӣ** – раиси суд дар замони пеш, ки мушкилоти мардумро аз рӯйи қонунҳои шариат ҳал мекард, пешвои дин дар замони ҳозира (муфтӣ)

**мударрис** – дарсдиҳанда, муаллими мадраса

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Мазмуни калимаи ***«сахтибардор»***-ро шарҳ диҳед.

2. Чаро падараш ба Айнӣ танҳо мударрис шуданро таъкид кард?

3. Ба шумо падаратон чӣ маслиҳат медиҳад?

**Ҷумлае, ки ҳаяҷон ва ҳиссиётро ифода менамояд, ҷумлаи *хитобӣ* ном дорад. Оҳанги талаффуз дар ҷумлаи хитобӣ баланд ва шиддатнок аст. Дар охири он *аломати хитоб* гузошта мешавад.**

Ёдгори Айниву ин кӯҳсорон зинда бод!
Шеъри Турсунзодаву ин обшорон зинда бод!

**Лоиқ**

Восеъ! Аз тарафи Кангурт сарбози бисёре омада истодааст! **(С. Улуғзода)**

***130. Матнро ифоданок хонед. Ҷумлаҳои хитобиашро муайян кунед. Гӯед, ки гӯянда чаро ба ҳаяҷон омада, бо ҳиссиёти баланд сухан мегӯяд.***

Дар баъзе ҷоҳо хониши форами чаковакон гӯшҳоро навозиш медод. Ин мурғаки хушсадои беғам ба қадри даҳ-понздаҳ метр баланд парвоз карда мебаромаду дар як ҷой бол афшонда истода нағмасароӣ мекард. Ин чаҳ-чаҳи форами чаковак дар айёми зимистон аз нағмаи булбули баҳорӣ хам форамтар ба гӯш мерасид. Вай осудагӣ, хуррамӣ, шодмониро тараннум мекард. Мегуфт, ки чӣ хуш ин дунё, ин дунёи зебо, ин дунёи офтобӣ! Ман ҳаётро дӯст медорам, ман офтобро мепарастам, ман осудагӣ ва шодмониро тараннум мекунам!

Зиндаю шодмон бош, эй мурғаки сулҳпарвар, амонихоҳ ва дилнишин! Саро, нағма саро, ба васфи дунёи зебои мо, ба васфи ҳаёти осуда, ба васфи рӯзи офтобӣ ғазал хон! Бошад, ки дигар садои пурдаҳшати милтиқ туро натарсонад! Бошад, ки ин дунё мисли ҳамин рӯз ором, осуда ва бетаҳлука монад!

***Ҷалол Икромӣ***

## ЛУҒАТ

**чаковак** – сӯфитурғай
**таҳлука** – ҳалокат, азоби сахт, тарс

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Калимаҳои «*осуда, хуррам, шодмон*» аз ҷиҳати маънӣ аз «*осудагӣ, хуррамӣ, шодмонӣ*» чӣ фарқ доранд?

2. Дар матн хониши чаковакон ба садои чӣ муқобил гузошта шудааст?

3. Ин матн манзараи кадом фаслро пеши рӯ меорад? Кадом фасл ба шумо маъқул аст ва чаро?

4. Дар бораи баҳори деҳа ё шаҳри худ лавҳа нависед.

***131. Ҷумлаҳоро нависед ва аломатҳои китобати мувофиқро дар ҷояшон гузоред.***

Зинда бод дӯстии халқҳои ҷаҳон Диққат Хонандагоне ки ба саёҳати баҳри Норак рафтан мехоҳанд пагоҳ соати ҳашт дар саҳни мактаб ҳозир шаванд Бачаҳоро бе назорат нагузоред Шумо пагоҳ ҳатман ба шаҳр меравед Ана бинед ҳавопаймо чӣ хел баланд мепарад Ба қоидаҳои ҳаракати роҳ риоя кунед Наврӯз муборак бод

***132. Ҷумлаҳоро ба риояи оҳанг қироат кунед.***

1. Мо ба хонаи амакам расидем. 2. Фарзона, ба мурғон дон деҳ. 3. Гулистон, ту пагоҳ ба мактаб меравӣ. 4. Иброҳим, падарат аз Америка омаданд? 5. Соҷида ба лагер меравад.

**Ҷумлаҳои хабарӣ, саволӣ ва амрӣ бо ҳиссиёту ҳаяҷон талаффуз шаванд, ба ҷумлаи хитобӣ табдил меёбанд:**

Дар таги қалъа мактаб кушода шуд? (С.Улуғзода).
Дар таги қалъа мактаб кушода шуд!
Амакҷон, ақаллан як пиёла чой нӯшед. (Р.Ҷалил).
Амакҷон, ақаллан як пиёла чой нӯшед!

## §26. АЪЗОҲОИ ҶУМЛА

***133. Ҷумлаҳоро нависед. Калимаҳои онро ба ин гурӯҳҳо ҷудо кунед:***

1. Калимаҳое, ки амалу ҳолатро мефаҳмонанд;
2. Калимаҳое, ки дар ҷумла сухан дар бораи онҳо меравад.

***Намуна:*** *Гул шукуфт. –**“шукуфт”** амалу ҳолатро мефаҳмонад. Дар ҷумла сухан дар бораи **“гул”** меравад.*

Лутфия менависад. Хоҳарам гуфт. Борон борид. Ҳаво торик шуд. Офтоб баромад. Дарс сар шуд. Душанбе зебо аст.

***134. Ҷумлаҳоро хонед. Ба калимаҳо аз рӯйи ин нишонаҳояшон савол гузоред:***

1. Аломати ашёро фаҳмонанд; 2. Аломати амалро муайян кунанд; 3. Муносибати предметро ба амал нишон диҳанд.

***Намуна:*** *Шарофат бо дугонааш ба китобхонаи шаҳрӣ рафт. Чӣ кор кард? –Рафт. Кӣ рафт? – Шарофат. Ба куҷо рафт? – Ба китобхона. Ба кадом китобхона? – Шаҳрӣ. Бо кӣ рафт?– Бо дугонааш.*

1. Падарам нони гарми ҷаззадорро railиписанданд. 2. Дилшод бо мардонагӣ ба роҳи пурхатар қадам гузошт. 3. Саодат ба духтараш дар бораи Темурмалик нақлҳои шавқовар мекард. 4. Дар мактаб ҷамъомади бошукӯҳе доир гашт.

**Ҳар калимае, ки дар ҷумла ба савол ҷавоб мешавад, *аъзои ҷумла* шуда метавонад. Аъзоҳои ҷумла ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумла.**

***Мубтадо ва хабар*** **сараъзоҳои ҷумла, *пуркунанда, муайянкунанда, ҳол* аъзоҳои пайрави ҷумлаанд.**

***135. Матнро хонед. Аз рӯйи маълумоти доштаатон ба аъзоҳои ҷумла саволҳо гузоред.***

### ТАҲМУРАС

Баъд аз Ҳушанг писараш Таҳмурас подшоҳ шуд. Дар замони вай одамон пашми гӯсфанд тарошидан, аз пашм либосворӣ ва намад тайёр карданро ёд гирифтанд. Аз даррандагон - юз ва сиёҳгӯш, аз парандагон боз ва шоҳинро барои шикор дастомӯз карданд.

Таҳмурас девҳоро дар банд андохт, девҳо гуфтанд, ки агар подшоҳ онҳоро накушад, онҳо ба вай як ҳунари нав ёд медиҳанд. Сипас ба ӯ навиштанро ёд доданд. Девҳо хатти балхӣ, порсӣ, тозӣ, суғдӣ, чинӣ, паҳлавӣ ва ғайраро медонистанд, ҳамаро ба Таҳмурас ёд доданд ва Таҳмурас ба дигарон ёд дод. Ба ин тариқ, аз рӯйи ривояти қадима, дар подшоҳии Таҳмурас хатту савод падид омадааст.

Баъд аз Таҳмурас подшоҳӣ ба писараш Ҷамшед гузашт.

***Сотим Улуғзода***

### ЛУҒАТ

**юз** – саги шикорӣ

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Кадом аъзоҳои ҷумларо муайян карда тавонистед?
2. Дар калимаҳои «***балхӣ, порсӣ, тозӣ, суғдӣ, чинӣ, паҳлавӣ***» ҳарфи ***ӣ*** чӣ вазифаро иҷро кардааст?
3. Мазмуни матнро шарҳ диҳед.

## §27. САРАЪЗОҲОИ ҶУМЛА

***136. Ҷумлаҳоро хонед, амал ва иҷрокунандаи амалро ба воситаи саволҳо муайян кунед. Намуна:*** *Бобоям дар деҳа зиндагӣ мекунанд. Чӣ кор мекунанд? –Зиндагӣ мекунанд(амал). Кӣ зиндагӣ мекунанд? – Бобоям (иҷрокунандаи амал).*

### ДАР БОҒ

Бобои ман дар деҳа зиндагӣ мекунанд. Мардуми деҳа он касро бо эҳтиром «Назарбобо» мегӯянд. Бобоям дар ҳама пастию баландии рӯзгори мардум маслиҳатгар ҳастанд.

Бобоям боғи хубе доранд. Дар боғи он кас зиёда аз панҷоҳ дарахти мевадор мавҷуд аст. Боғи бобоямро одамон «биҳишт барин аст» мегӯянд. Чунки аз боғи он кас ҳар гуна мева ёфтан мумкин аст. Ҳамин ки ба таътил баромадем, мо ба деҳа меравем. Шодиву хурсандии мо бештар барои истироҳат дар боғ аст. Мо дар боғи бобоямон мевахӯрӣ мекунем. Аз мевахӯрӣ ва даводаву паропари мо бобоям ба ваҷд меоянд. Маро бобоям ҳамеша «мағзи донак» мегӯянд.

***Саидаи Фазл***



**Сараъзоҳои ҷумла**

Мубтадо | Хабар

**Аъзоҳои пайрави ҷумла**

пуркунанда | ҳол | муайянкунанда

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Мазмуни ҷумлаи «***То чашмамон сер шудан мевахӯрӣ мекунем***»-ро шарҳ диҳед.

2. Барои чӣ набераро «***мағзи донак***» мегӯянд?

3. Чаро боғ ба биҳишт монанд карда шудааст?

4. **Бобо** шумораи танҳо аст, вале муаллиф амали ӯро дар шакли ҷамъ ифода кардааст, чаро?

5. Калимаҳоеро, ки ба саволҳои ***кӣ? чӣ? чӣ кор кард? чӣ шуд?*** ҷавоб мешаванд, нависед.

**Хабар ва мубтадо асоси ҷумларо ташкил медиҳанд**. Барои ҳамин онҳоро **сараъзоҳои ҷумла** меноманд. Мисол: *Устод насиҳат кард.* Чӣ кор кард? - *Насиҳат кард* (хабар); кӣ? *–устод* (мубтадо). *Хондан хуб аст. Хондан* – мубтадо, *хуб аст* – хабар.

**Ба зери мубтадо як хат ва ба зери хабар ду хат кашидан лозим аст**.

***137. Матнро нависед, ба зери мубтадо ва хабари ҷумлаҳо хат кашед.***

Нурҳои гарми офтоб ва садоҳои хуши парандагон моро аз хоб бедор карданд. Рӯз аллакай нисф шуда буд. Дарахтзоре, ки дар торикии шаб фарқ карда натавонистам, себзоре будааст. Гирду атрофи шохаҳои онҳо занбӯрҳо парвоз доштанд. Гулҳои сурху сафед ва баргҳои сабзи шохаҳои дарахтон якҷоя бо лолаҳои шукуфону майсаҳо чаманзореро мемонданд. Аз кучое овози форами булбулон ба гӯш мерасид. Он рӯз гулу булбул ҳам ҷанги хонумонсӯзро фаромӯш карда буданд.

***Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Маънии ибораҳои «***садоҳои хуши парандагон***» ва «***овози форами булбулон***»-ро шарҳ диҳед.

2. Дар матн кадом фасли сол тасвир шудааст?

## §28. ХАБАР

***138. Матнро хонед ва амалҳои онро муайян кунед.***

Онҳо вақти намози аср ба Басра расиданд. Офтоб ба ғуруб рафта буд, аммо шуоъҳои он ҳанӯз осмонро ба ранги зарди сурхомез равшан мекард. Падар кӯчаву бозор ва сароҳои тиҷоративу пунбафурӯшии шаҳрро хуб медонист: борҳо ба ин шаҳр пунбаҳои ҳаллоҷикардаашро бо шариконаш ба фурӯш оварда буд. Дар яке аз саройҳои пунбафурӯшӣ, ки дар миёнаи шаҳр – пеши бозори калон воқеъ гашта буд, манзил гузиданд. Мизоҷони падар он шаб ӯро ба меҳмонӣ бурданд. Мансур дар ҳуҷраи тангу торик монд. Порае нон ва косае мост хӯрда, хобиданӣ шуд, аммо танҳоӣ, торикӣ ва бегонагӣ дар ин шаҳр дар дили ӯ эҳсоси ногуворе барангехтанд. Ӯ хоб карда натавонист. Ба саҳни сарой баромад. Ҳама ҷо хомӯш буд. Аз ягон ҳуҷра садои касе ва рӯшноии чароғе берун намеомад. Садои мавҷҳои дарё аз наздик ба гӯш мерасид. Ин садоҳо ба ӯ ноошно буданд, аммо бузургворона ва афсонамонанд ба гӯш мерасиданд.

***Расул Ҳодизода***

### ЛУҒАТ

**барангехтан** – ба ҷунбиш овардан, ба ҳаяҷон овардан
**гузидан –** интихоб кардан, хоста гирифтан, хуш кардан
**мизоҷ –** муштарӣ, харидор, талабгор
**мост –** ҷурғот
**ҳаллоҷӣ –** дастгоҳи қадима, ки пахтаро аз пунбаҳо ҷудо мекунад, пахтатозакунак

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Калимаҳоеро, ки ба саволҳои ***чӣ кор кард?, чӣ шуд?*** ҷавоб мешаванд, нависед.
2. Гӯед, ки кадом ҳиссаҳои нутқ ба вазифаи мубтадо ва хабар омадаанд.
3. Мазмуни калимаи “***аср***” -ро шарҳ диҳед.
4. Ифодаҳои “***ба ғуруб рафтан***” ва “***садои ноошно***” чӣ маънӣ доранд?

**Хабар сараъзои ҷумла буда, амалу ҳолати мубтадоро мефаҳмонад. Хабар ба саволҳои (предмет) чӣ кор мекунад?, чӣ мешавад?, чӣ шуд?, чӣ хел аст?, кист?, чист? ҷавоб мешавад.**

**Хабар дар ҷумла асосан бо феъл ифода меёбад. Мисол:** *Ёдгор говро оварда, ба дасти Гулнор* ***супурд*** (С. Айнӣ).

***139. Матнро хонед, хабарҳоро муайян кунед.***

Хайбар саги бисёр ҳушёр буда, дар андак вақт ҳамаи гуфтаҳои маро фаҳманда ва вазифаи асосии худро донанда шуда монд. Ӯ фаҳмида гирифт, ки хавфи асосӣ дар ин хонадон барои мурғон ва он ҳам аз тарафи шағолон аст. Бинобар ин вай ҳамеша дарахтонеро, ки дар онҳо мурғон мехобиданд, дидбонӣ мекард ва гоҳ-гоҳ ба тарафи дарича рафта, то роҳи омади шағолон гашт карда, тафтиш намуда меомад. Айёми баҳорон буд, зардолуҳо ба шукуфтан сар карда буданд. Саг ҳам қариб яксола шуда буд. Як саҳар падарам барои намози бомдод ба масҷид рафт. Ногаҳон овози "қоқ" гуфтани мурғонро шунидам, дар паси ин овоз садои аз болои бом ба замин афтодани як чизи вазнин ҳам шунида шуд...

***Садриддин Айнӣ***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Нишон диҳед, ки кадом хабарҳо пайиҳам омадаанд.
2. Аз ин матн чӣ хулоса баровардан мумкин аст?

***140. Шеърро ифоданок хонед ва ба тарзи ифодаи хабарҳо таваҷҷуҳ намоед.***

**Тоҷикистон – набзи ман**

Як нафас имкони ман бе Тоҷикистон нест, нест,
Дар тани ман ҷони ман бе Тоҷикистон нест, нест.
Тоҷикистон – номи ман, парварда шираш – коми ман,
Ҳам намак, ҳам нони ман бе Тоҷикистон нест, нест.
Тоҷикистон – кӯҳи ман, кӯҳи баландаш – рӯҳи ман,

Қиблаи имони ман бе Тоҷикистон нест, нест.
Тоҷикистон – набзи ман, хораш – баҳори сабзи ман,
Абри ман, борони ман бе Тоҷикистон нест, нест.
Тоҷикистон – ёди ман, аҷдоди ман, авлоди ман,
Гавҳари чашмони ман бе Тоҷикистон нест, нест.
Тоҷикистон – бахти ман, фархунда тоҷу тахти ман,
Давлати Сомони ман бе Тоҷикистон нест, нест.

***Юсуфҷон Аҳмадзода***

### ЛУҒАТ:

**гавҳар** – марворид

**набз** – ҷунбиши раги инсону ҳайвон, ки аз ҳаракати дил ба вуҷуд меояд

**фархунда** – нек, саодатманд

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Хабарҳо бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода ёфтаанд?
2. Ба такрор истифода шудани хабари ***«нест»*** чӣ аҳамият дорад?
3. Магар шумо худро бе Тоҷикистон тасаввур карда метавонед?
4. Дар васфи Тоҷикистон кадом калимаю ибораҳо истифода шудаанд?
5. Шеърро аз ёд кунед.

***141. Шаш ҷумла нависед, ки хабарҳояшон бо исм, сифат ва феъл ифода ёфта бошанд.***

## §29. МУБТАДО

***142. Ҳикояи зеринро хонед ва ба мазмунаш аҳамият диҳед. Иҷрокунандаи амалро дар ҷумлаҳо муайян намоед.***

### ПИСАРИ ТАНБАЛ

Писари деҳқоне дар Бухорои Шариф таҳсили мадраса мекард. Рӯзе ӯ ба деҳа – назди падараш баргашта омад. Падараш гуфт:

– Писарам, ҳоло мавсими ғунучин ва дарав кардан аст. Хаскашакро гиру ба ман ёрӣ бидеҳ.

Писар, ки майли заҳмат кашиданро надошт, гуфт:

– Ман дар мадраса машғули омӯхтани илму маърифат будам. Ба ростӣ, ки суханони қишлоқиро бедареғ фаромӯш кардаам. Бигӯ, ки хаскаш чӣ бошад?

Писарак ин суханро гуфту дастаи хаскаш ба пешонааш бархӯрд. Ӯ хаскашро ба пояш ногаҳонӣ зер карда буд. «Муллобача» ҳамоно чӣ будани хаскашро ба ёд овард ва онро аз замин бардошта, дунболаи падари деҳқонро гирифт.

***Аз «Маҷмӯаи ҳикоя ва ривоятҳои хурд»***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Ба воситаи савол иҷрокунандаи амали ҷумлаҳои матнро ёбед.
2. Шумо ба рафтори муллобача чӣ хел баҳо медиҳед?

***Мубтадо*** **сараъзои ҷумла буда, дар ҷумла** ***сухан дар бораи он*** **меравад. Мубтадо ба саволҳои** ***кӣ? (киҳо?), чӣ (чиҳо?)*** **ҷавоб мешавад.** Мисол: ***Дониш*** *одамро аз роҳи хато мебарорад.*

***Онҳо*** *ба мактаб мераванд.*

***143. Аз рӯйи расмҳои зерин ҷумла тартиб диҳед ва мубтадову хабари онҳоро муайян кунед.***





***144.Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Мубтадоҳои онро муайян намоед.***

**ҲИКОЯТ**

Шунидам, ки рӯзе Шиблӣ дар масҷиде рафт, ки ду ракъат намоз хонад ва замоне биосояд. Дар масҷид кӯдакони дабистон буданд. Вақти нон хӯрдани кӯдакон буд. Нон ҳамехӯрданд. Ба иттифоқ ду кӯдак наздики Шиблӣ нишаста буданд. Яке писари тавонгаре буд ва дигар писари дарвеше. Дар занбили он тавонгарзода ҳалво буд ва дар занбили он дарвешзода нони хушк. Тавонгарзода ҳалво ҳамехӯрду дарвешзода аз ӯ ҳамехост.

– Агар мехоҳӣ, ки туро ҳалво диҳам, саги ман бош.

Ин кӯдак гуфт:

– Ман саги туам.

Тавонгарзода гуфт:

– Бонги саг кун.

Он дарвешзодаи бечора дуто шуда бонги саг ҳамекард, то пораи ҳалво бад-ӯ дод.

Шиблӣ дар эшон назора ҳамекарду мегирист. Муридон пурсиданд, ки бо шайх чӣ афтод, ки гирён шуда. Гуфт:

– Нигоҳ кунед, ки тамаъ мардумро ба чӣ мерасонад. Агар чунон будӣ, ки он кӯдак ба нони тиҳии хеш қаноат кардӣ ва тамаи ҳалвои ӯ надоштӣ, ӯро саги ҳамчу худе набоистӣ будан.

***Унсуралмаолии Кайковус***

## ЛУҒАТ

**дабистон** – мактаби ибтидоӣ, мактабхона
**дарвеш** – камбағал
**занбил** – 1. сабад. 2. халтаи чармини гадоён
**мурид** – шогирд, пайравикунанда
**тиҳӣ** – холӣ

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Калимаҳои «***тавонгар***» ва «***дарвеш***» -ро шарҳ диҳед.
2. Оё ба ин монанд ҳодисаеро дида ё шунидаед?

## §30. АЪЗОҲОИ ПАЙРАВИ ҶУМЛА

***145. Матнро хонед. Саволҳо гузошта, муайян кунед, ки ғайр аз амал ва иҷрокунандаи амал дигар аъзои ҷумла чиро ифода мекунанд.***

**ДАРСИ ИБРАТ**

Подшоҳе буд, ки дар зулму бедод ба мардум аз ҳад гузаронида буд ва тамоми мардуми кишвари ӯ аз вай безор буданд ва дуои бадаш мекарданд. Ин подшоҳ боре ба шикор рафту баъди баргаштан ба дарбори худ тамоми кирдору рафтори худро тағйир дод. Зиндониёни зиёдеро, ки бегуноҳ ҳабс шуда буданд, озод намуд, андозҳои гаронро бекор кард, ба муҳтоҷону бечорагон аз хазина моли зиёд бахшид, онҳоеро, ки дар ҳаққи мардум ҷабр намуда буданд, ба ҷазо расонд.

Яке аз ходимони дарбор, ки ба подшоҳ хеле наздик буд, аз ин тағйири ногаҳонии рафтору кирдори подшоҳ пурсон шуд, подшоҳ дар ҷавоб гуфт:

– Вақте ки ба шикор рафта будам, дидам, ки саге ба рӯбоҳе ҳамла овард ва пойи рӯбоҳро шикаст. Дар ин асно яке аз сангҳое, ки шикорчие партофта буд, ба пойи саг зад ва пойи сагро шикаст. Ман аз тамошои ин ҳодиса барои худ панде гирифтам ва байтҳои зерин ба хотирам расиду тарки ҷабру зулм кардам:

*Ба чашми хеш дидам дар гузаргоҳ,*
*Ки зад бар ҷони мӯре мурғаке роҳ.*
*Ҳанӯз аз қайди минқораш напардохт,*
*Ки мурғи дигар омад, кори ӯ сохт.*

***Аз «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт»***

**ЛУҒАТ**

**кишоварз** – деҳқон
**минқор** – нӯли мурғ ва паранда

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Муайян кунед, ки дар калимаи «зиндониён» чанд ҳарф ва чанд овоз аст.

2. Мазмуни калимаи ***«муҳтоҷ»***-ро шарҳ диҳед.

3. Ҳикмати ***«Адабро аз кӣ омӯхтӣ? Аз беадаб»*** ба мазмуни ин матн чӣ муносибат дорад? Хулосаатонро гӯед.

***Пуркунанда, муайянкунанда ва ҳол*** **аъзои пайрави ҷумла мебошанд. Пуркунанда ва ҳол ба хабар тобеъ мешаванд. Муайянкунандаҳо дар таркиби сараъзоҳо ва пуркунандаю ҳол меоянд.**

Ҳангоми таҳлили хаттии ҷумла **дар зери пуркунанда як хатти шикаста (- - - -), дар зери муайянкунанда як хатти мавҷнок (wwwwwww), дар зери ҳол тире - нуқта (-.-.-.-.)**гузошта мешавад: Мо ватани худро самимона дӯст медорем. (А. Самадов)

***146. Аз рӯйи расм нақле нависед ва аъзоҳои ҷумларо муайян кунед.***



## §31. ПУРКУНАНДА

***147. Нависед, ба калимаҳо саволҳои киро?, чиро?, ба кӣ?, ба чӣ?, аз кӣ?, аз чӣ?, чӣ? гузоред ва гӯед, ки он калимаҳо ба кадом аъзои ҷумла алоқамандаанд.***

**ЗАБОН ВА АҲАМИЯТИ ОН**

Забон дар ҷомеа аҳамияти бузург дорад. Табиат онро ба одамон барои он ато кардааст, ки бо ҳам алоқа банданд, фикри якдигарро фаҳманд, дар як ҷомеа фароҳам оянд, истеҳсолот ташкил диҳанд, илму фарҳанг офаранд, хуллас, корҳоеро сомон бидиҳанд, ки барои ташкилу пешбурди ҷамъият зарур ва воҷибанд…

***Раззоқ Ғаффоров***

**ЛУҒАТ**

**воҷиб** – лозим, зарур
**сомон додан** – иҷро кардан, анҷом додан, ба ҷо овардан

**СУПОРИШ**

1. Мақоми забонро дар ҷомеа шарҳ диҳед.
2. Дар васфи забон шеъре қироат намоед.

***Пуркунанда*** **аъзои пайравест, ки ба кӣ ё чӣ нигаронида шудани амалу ҳаракати хабари ҷумларо возеҳ мегардонад.** Масалан: *Мо ҳурмат мекунем. –* ***Мо калонсолонро*** *ҳурмат мекунем.*

Дар ҷумлаи якум ба кӣ ва чӣ равона карда шудани амалу ҳаракати хабар *(ҳурмат мекунем)* ошкору равшан нест. Дар ҷумлаи дуюм калимаи **калонсолон** ҷумларо пурра ва ба кӣ нигаронида шудани амалро возеҳ намудааст.

**Пуркунанда бештар бо исму ҷонишин ифода ёфта, ба саволҳои киро?, чиро?, аз кӣ?, аз чӣ?, бо кӣ?, бо чӣ? ҷавоб мешавад:** *Шодӣ **Каримабонуро** нагз мешинохт* (Ҷ.Икромӣ). **Ба бобоям** таклиф маъқул омадааст (С.Айнӣ). *Салима ҳамроҳи хоҳараш ба китобхона рафт.*

**Пуркунанда ба хабар тобеъ аст. Он ба хабар бештар ба воситаи *пешояндҳо* ва *пасояндҳои*** *барин, қатӣ (катӣ)* **алоқаманд мешавад.**

**Баъзан он ба хабар бо тартиби калима ҳам алоқаманд мешавад:** *Амакам тобистони гузашта дар як гӯшаи холии богаш **ҷуворимакка** корида будааст* (С.Улуғзода).

***148. Матнро ифоданок хонед, пуркунандаҳоро муайян кунед.***

Модар, олам аз ту ибтидо меёбад, зиндагӣ бо ту оғозёб аст. Эй муҳаррики зиндагӣ, эй тухмпоши киштзори бемаргӣ! Вақте ки қадамат ба яхистони олами нопайдоканор бирасид, аз атри нафасат Замин ранги рӯшноӣ ёфт, ба пайкари сарди он гармии дилат расид, ҷисми хок ҳам тавассути ту тобноку нуронӣ шуд, рӯйи хушкидаи онро тобиши хуршедӣ бахшидӣ ва табиби бемаргиаш шудӣ…

***Мирзо Боқӣ***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Гӯед, ки кадом пуркунандаҳо ба хабар бо пешояндҳо ва кадомашон бо пасоянд алоқаманд шудаанд.
2. Калимаи ҳаммаънои ***«ибтидо»*** -ро ёбед.
3. Сифатҳои ***«модар»-ро*** шарҳ диҳед. Кадом тавсифҳоро шумо ба он илова карда метавонед?
4. Чаро *«Замин»* ва *«Ватан»*-ро ба модар монанд мекунанд?
5. Калимаи ***«огозёб»***-ро аз ҷиҳати сохт муайян кунед.

***149. Матнро хонед. Пуркунандаҳояшро ёфта, воситаи алоқаманд шудани онҳоро бо хабар муайян кунед.***

Маҳмудҷон Воҳидов шеър мехонду ба ин восита ҳар касро ба дунёи хаёлот, ба олами андешаҳо дар хусуси қадри ҳаёт раҳнамун месохт. Ҳар мисраъ, ҳар байте, ки мегуфт, ба шунавандагон зебоиро талқин мекард. Бо забони шеър гуфтан мехост: ҳаётро дӯст доред, он зебост, хеле ва хеле зебост.

Маҳмудҷон хомӯш шуда, хомӯшшавии мавҷи қарсакҳоро интизорӣ мекашид. Аммо интизорӣ тӯл кашид. Ниҳоят, бо таъзиму ишораҳои зиёде толорро ором карда, бо лабони пуртабассум ба ҳозирон рӯй овард: «Ашъоре, ки шумо шунидед, андаке аз адабиёти ҳазорсолаи тоҷик аст, намунае аз адабиёти ғаниву зебо аст, ки Гётеи бузург дар наздаш сари таъзим фуруд овардааст».

***Иброҳим Усмонов***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Хабару мубтадоҳои ҷумлаҳоро ёфта шарҳ диҳед.
2. Гӯед, ки калимаҳои кадом ибораҳо ба ҳамдигар ба воситаи бандаки изофӣ алоқаманд шудаанд.
3. Шеърреро ифоданок қироат кунед.
4. Ба матн кадом сарлавҳа мувофиқ аст?

***150. Бо истифодаи калимаю таркибҳои зерин ҷумлаҳо созед. Воситаи алоқаманд шудани пуркунандаҳоро бо хабар муайян намоед. Намуна:*** *синфро – Мо синфро оро додем.*

Синфро, шуморо, ҳамсинфамро, суруд хонданро, чой, гӯгирд, ба пиронсолон, аз ман, ба асп, аз бародарам, бо қалам.

***151. Нависед, ба ҷойи саволҳо калимаҳои мувофиқ гузоред. Дар зери хабар ва пуркунандаҳо хат кашед.***

1. Исфандиёр (чӣ?) хонд.
2. Ҳабиба (киро?) дид.

3. Модарам (аз кӣ?) пурсид.
4. Саодат (ба кӣ?) ёрӣ дод.
5. (бо киҳо?) суҳбат мекард.
6. Ҳар кӣ (бе кӣ?) кард оғоз кор,
   Кору бори ӯ надорад эътибор.
7. Салим, мо (бо кӣ?) ба саёҳат меравем.
8. Тахтаро (бо чӣ?) бурида ду тақсим кардам.

## §32. МУАЙЯНКУНАНДА

***152. Рубоиёти зеринро нависед. Калимаҳоеро, ки аломат ва хусусияти ашёро муайян кардаанд, ёбед ва шарҳ диҳед.***

Чашми ту кабуду оби дарёст кабуд,
Чашми ту кабуду осмонҳост кабуд.
Бо чашми кабуд хоҳари дарёӣ,
Ҳамшираи осмони беҳамтоӣ.

Як духтари қадбаланд шуд духтари ман,
Шаҳдухтари дилписанд шуд духтари ман.
Оинаи қаднамо харидан лозим,
Лоиқ ба қади расо харидан лозим.

***Бозор Собир***

### ЛУҒАТ

**расо** – дароз, баланд

**Муайянкунанда аз аъзои пайрави ҷумла буда, предметро аз ягон ҷиҳат муайян мекунад ва ба саволҳои чӣ хел?, кадом?, чанд?, чандум?, кӣ?, чӣ? ҷавоб мешавад.**

**Муайянкунанда ба муайяншаванда бо бандаки изофӣ (гули сурх, нони гарм) ва баъзан бе он алоқаманд мегардад:** ***беҳтарин талаба, ин хона, калонтарин шаҳр, дуюмин кӯча.***

***153. Ба ҷойи нуқтаҳо муайянкунандаҳои мувофиқ гузоред. Гӯед, ки онҳо бар эзоҳи кадом аъзои ҷумла омадаанд.***

1. Ба мо аз забони … омӯзгор Фарҳод Насимӣ дарс медиҳад.

2. Субҳина … хонандаи синфи мо мебошад.

3. Дар синфи мо … хонанда таҳсил мекунад.

4. Ин қаламро гиру … қаламро ба ман деҳ.

5. Директори … моро ба оғози соли таҳсил табрик кард.

***154. Ҳикояро ифоданок қироат кунед. Муайянкунандаҳояшро ёфта, ба кадом ҳиссаи нутқ ифода шуданашонро шарҳ диҳед.***

Мошине, ки навакак маро ба ин ҷо овард, аллакай аз назарам дур рафта, дар роҳи морпечи ағба бо шитоб роҳ мепаймуд. Дар осмон хирмани абрҳои сафед ба як гӯшаи қишлоқ соя афканда мегузаштанд. Аз дуродур, аз байни дарахтҳои анбӯҳ овози сӯфитурғай ва шавқуни бачаҳои деҳа ба гӯш мерасид. Ногоҳ аз паси адире, ки дар ҳар ҷойи он бодом буттаҳои худрӯ сабзида буданд ва онҳо аз дур ба нақши оҳуи даштӣ шабоҳат доштанд, рамаи қишлоқ ба чаро хеста, сутуни чангро ба осмон бардошт ва байни ғубори қаҳваранг «бе-е-е, ме-е-е»-и меш ва барраҳо баланд шуда, ин овозро дар як он маҳв кард. Аз шуои заррини офтоб ҳавои деҳа гӯё мисли пардаи ҳарир лаппида меистад.

***Шодон Ҳаниф***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Кадом муайянкунандаҳо бо муайяншавандаҳо бе бандаки изофӣ алоқаманд шудаанд?

2. Мазмуни ибораи ***«роҳи морпеч»*** ва ифодаи ***«сутуни чангро ба осмон бардошт»***-ро шарҳ диҳед.

3.Тасвири деҳа ба шумо маъқул шуд? Чаро?

***155. Матнро нависед, дар зери муайянкунандаҳо хат кашед. Воситаҳои алоқаи муайянкунандаҳоро шарҳ диҳед.***

### МОМО

Момо мӯйҳои фатилаи набераашро бори аввал майдабофӣ мекард. Мӯйҳои кӯтоҳи духтарак аз байни панҷаҳои шахшӯли момо якзайл раҳоӣ мечустанд. Ангуштони муъчизакори пиразан кокулҳои нав ба нав меофаранд. Кокулҳои бешумор дар гирди сари духтарак қатор шуда, як манзараи аҷоибро ба вуҷуд овარданд. Момо охирин кокулро бофта, сари набераашро бо муҳаббат сила карда, шаддаи кокулҳоро ба рӯйи китобҳои ӯ пош дод ва дуои хайр кард.

Духтарак кайҳо барои намоиш додани кокулҳояш ба кӯча шитофта буд. Аммо пиразан ҳамоно ғарқи хаёлҳои ширин мавҷи кокулҳои майдабофии шаби арӯсии набераашро пеши назар оварда, табассум мекард.

*Гулчеҳра Сулаймонӣ*

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Муайянкунандаҳо бо кадом ҳиссаи нутқ ифода гардидаанд ва бар эзоҳи чӣ омадаанд?

2. Дар мавзӯи «Дар меҳмонӣ» дар хона бо ягон кас мусоҳиба ташкил кунед. Дар суҳбат аз муайянкунандаҳо истифода баред.

## §33. ҲОЛ

***156. Ҷумлаҳоро хонед, ба калимаҳои ишорашуда савол гузоред ва маънии онҳоро шарҳ диҳед.***

1. Посбонон ҳам **хотирҷамъона** хобиданд. (С.Айнӣ)

2. **Оҳиста** салом дода гузашт. (С.Улуғзода)

3. Норбибӣ аз ҳама бачагон **зиёдтар** Ятимро дӯст медошт. (С.Айнӣ)

4. Пагоҳӣ Зариф аз бедорхобӣ хаста шуда **барвақт** бархост ва боз ҳам чизе нагуфта **аз хона** баромада рафт. (Р. Ҷалил)

5. Ман **баъди мактаби олиро хатм кардан ба шаҳри дигар ба кор** таъйин шудам. («Садои Шарқ»)

6. Бо ҳамин мулоҳиза ӯ низ **ночор** роҳи хонаи худро пеш гирифт. (С.Айнӣ)

7. Мо **барои хондан** омадаем. (С. Улуғзода)

***Ҳол* аъзои пайрави ҷумла буда, *замон, макон, сабабу мақсад, тарз ва миқдору дараҷаи амалро* мефаҳмонад. Ҳол ба саволҳои *кай?, аз кай?, то кай? куҷо?, ба куҷо? аз куҷо?, чаро?, ба кадом сабаб?, чӣ тавр?, чӣ тарз?, чӣ қадар? ва г.*** ҷавоб мешавад.

**Ҳол ба хабар ба воситаи пешояндҳои *то, дар, ба, аз, бе, бо* ва баъзан *бе пешояндҳо* тобеъ мешавад:**

1. Писарони шумо ва мисли онҳо боз ҳазорон фарзандони халқи мо (кай?) **имрӯзҳо** бо даъвати Ватан ба ҷанг рафта истодаанд. (Ф. Ниёзӣ) 2. Пахтачинӣ (чӣ тавр?) **босуръат** давом дошт…

**Дар таҳлили хаттии ҷумла ҳол бо тире-нуқта (-.-.-.-.) ишора мешавад.**

***157. Ба ҷойи саволҳо калимаҳои мувофиқро гузошта, ҷумла созед. Ба ёрии савол хелҳои ҳолро муайян намоед.***

***Намуна:*** *Киҳо? Кай? Ба куҷо? Чӣ кор мекунем? – Мо пагоҳ ба Душанбе меравем.*

*1. Кӣ?, кай?, ба куҷо?, чӣ кор мекунем?*

*2. Кай?, дар куҷо?, чӣ?, чӣ мешавад?*

***158. Хонед, ба воситаи саволҳо ҳолро дар ҷумлаҳо муайян кунед ва ба зери онҳо хат кашед.***

Бегоҳирӯз аз кадом гӯшаи бозори «Баракат» ҳамдеҳаам – амаки Афзал, собиқ паҳлавони номдори кӯҳистон, ки ба қавле, дар майдондорӣ то ҳол шонааш хок нахӯрда буд, ба ҷойи кор телефон кард. Вай як қадар саросема ва чунон бо овози баланд гап мезад, ки ба гумонам, садояшро аз гӯшак не, балки аз пушти дар мешунидам. Худам навакак аз шӯру валвалаи як маҷлиси серҷанҷол форић гашта, андешаам ҳанӯз побанди супориши сардори сохтмон буд. Вале ба-

робари шунидани овози меҳрубону пуршираи амаки Афзал кӯдаквор хурсанд шудам…

***Ҷонибек Акобиров***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Хабару мубтадои ҷумлаҳоро муайян кунед.
2. Ифодаи ***«шонааш хок нахӯрда буд»*** чӣ маънӣ дорад?
3. Дар маҳалли шумо одамони номдор ҳастанд?
4. Шумо кадом навъи варзишро дӯст медоред?

***159. Хонед, хелҳои ҳол ва воситаҳои ба хабар алоқаманд шудани онҳоро муайян намоед.***

Зокир дар синну сол ба ман баробар аст ва мо аз хурдӣ ҷӯраи ҷонӣ шудаем. Ман ҳар сол вақти таътил ба лагер меравам. Соли гузашта бошад, ҳамроҳи падарам ба Москва рафта будам. Зокир дар мактубаш боз навиштааст, ки агар ман дар таътил назди ӯ наоям, вай дигар ба шаҳр – хонаи мо намеомадааст. Боз таъкид кардааст, ки ман коре карда, аз моҳи июн дер намонда биёям.. Вай чизи аҷоиберо ба ман нишон медодааст…

Ҳамин ки дар маркази қишлоқ аз автобус фаромадам, Зокирро дида ҳайрон шудам. «Вай аз куҷо, бо ҳамин рейс ва ҳамин рӯз омадани маро фаҳмида бошад?» – аз дил гузаронидам.

– Ҳа, ҳайрон шудагӣ барин, Қобилҷон? – гуфт ӯ баъди маро аз оғӯшаш сар додан ва илова кард: – Ба хонаатон телефон карда будам. Холаам гуфтанд, ки Қобилҷон бо рейси якум рафт...

***Акобир Шарифӣ***

## ЛУҒАТ

**рейс –** сафар, хатсайр

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Гӯед, ки ба ҷойи ***«телефон кардан»*** боз чӣ гуфтан мумкин аст.
2. Ба хонаҳои ҳамдигар рафтуо кардан хуб аст ё бад?

***160. Аз рӯйи нақшаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.***

1. __________ ______________ ______________ .
2. __________ _ _ _ _ _ ______________ .
3. __________ _ _ _ _ _ _ ~~~~~ ______________
4. __________ _ _ _ _ _ _ wwwwwwww _ ._._._._._._._ __________ .

## §34. ҶУМЛАҲОИ ХУЛЛАС ВА ТАФСИЛӢ

***161. Хонед ва гӯед, ки ҷумлаҳо аз кадом ҷиҳат аз ҳамдигар фарқ доранд.***

| | |
|---|---|
| 1. Колхозчиён баргаштанд | Колхозчиён аз саҳро баргаштанд. |
| 2. Зардолу пухт. | Зардолуи қандак пухт. |
| 3. Мо рафтем. | Мо ба мактаб рафтем. |
| 4. Бародарам гуфт. | Бародарам ба ман гуфт. |
| 5. Шамол мевазид. | Шамоли хунук мевазид. |
| 6. Исмат рассом аст. | Исмат рассоми хуб аст. |

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Фарқи ҷумлаҳои сутуни якуму дуюмро фаҳмонед.
2. Аъзоҳои пайрав дар ифодаи фикр чӣ аҳамият доранд?

**Ҷумлае, ки фақат *мубтадову хабар* дорад, ҷумлаи *хуллас* номида мешавад:** Киштукор сар шуд. Соро менависад. Нозим рафт.

**Ҷумлае, ки ба ғайр аз сараъзо, *аъзои пайрав* ҳам дорад, *ҷумлаи тафсилӣ* номида мешавад:** Киштукори баҳорӣ сар шуд. Соро иншо менависад. Нозим ба Душанбе рафт.

**Ҷумлаи тафсилӣ фикрро пурратар баён мекунад.**

***162. Порчаро хонед, ҷумлаҳои хуллас ва тафсилиашро муайян кунед.***

– Ту метавонӣ, фахр кунӣ, Нуралӣ. Бисёр меҳнат кардӣ.
– Ҳама меҳнат карданд, ту ҳам кардӣ, Ориф. Рост мегӯӣ,

мо метавонем фахр кунем. Охир, ифтихори бузурги одам ба чист? Ба ҳамин аст, ки вай метавонад гӯяд: «Ин канал, шаҳр, заводро ман сохтаам, ин ҷӯлистони пештарароро ман ҳам гулистон кардаам, дар онҳо меҳнати ман ҳам ҳаст!».

***Сотим Улуғзода***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Сараъзоҳои ҷумларо муайян кунед.
2. Моҳияти асосии ин суҳбат дар кадом ҷумла ифода шудааст?
3. Мазмуни мақоли ***«Меҳнат кунӣ – роҳат бинӣ»***-ро шарҳ диҳед.

***163. Матнро хонед, ҷумлаҳои хулласи онро дар як сутун, ҷумлаҳои тафсилиро дар сутуни дигар нависед.***

Акнун ҳам сиёҳию ҳам сафедии чашми вай ҳамин Самандар аст.

– Мошин савор нашав, ман метарсам, – гуфт Бободӯстов.

– Барои чӣ метарсед, ота? Ман аз Маллача бадтар мошин намеронам, – гуфт писараш. Баъди як дам илова кард: – «Волга»-и шумо қатӣ нагаштам-ку.

Ду сол пеш Бободӯстовро «барои муваффақиятҳои совхоз» бо «Волга» мукофотонида буданд. «Волга»-ро дар долони даромади ҳавлӣ бо брезент пӯшонда нигоҳ медоштанд. Самандар ҳозир дар бораи ин мошин гап мезад.

– Тамоман савор нашавад-чӣ? Хайр, барои ба мактаб рафтан савор нашаваду дигар вақт савор шавад, майлаш? – пурсид модараш.

– Дар дасташ барои мошин рондан ҳуҷҷат надорад, дар роҳҳои байни совхоз ба ин ҳеҷ кас гап намегӯяд. Лекин вай то маркази шаҳрча меравад. – Ту писари кӣ? – Писари Бободӯстов. Бо номи падар ёзида гаштан нағз не.

***Мутеулло Наҷмиддинов***

### ЛУҒАТ

**брезент** – матои дурушту ғафси обногузар

**ёзидан** – дар ин ҷо ба маънои "*фахр кардан, аз худ раф-тан"*

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Ҷумлаҳои тафсилиро ба хуллас баргардонед.
2. Ибораи **«*сиёҳию сафедии чашми вай*»** чӣ маънӣ дорад?
3. Аз мазмуни матн чӣ хулоса баровардед?

***164. Дар мавзӯи «Ватани ман» иншо нависед, ки матни он аз ҷумлаҳои хуллас ва тафсилӣ иборат бошад.***

## §35. ҶУМЛАҲОИ ЧИДААЪЗО ВА МАВҚЕИ ВЕРГУЛ ДАР ОНҲО

***165. Ҷумлаҳоро хонед ва ба калимаҳои ишорашуда савол гузоред.***

1. **Зулфия** ва **Шамсия** аз бозор меоянд. (Ф. Муҳаммадиев)

2. Дар он ҷо одам чизи надидагиашро **дид** ва **омӯхт.** (Ф. Ниёзӣ)

3. Дар ҳамон замонҳои **тираву торик** ҳам одамони **хирадманди бофазлу дониш** будаанд. **(У. Кӯҳзод)**

4. Бе азми дурусту саъйи комил
Касро нашавад мурод ҳосил.

***Саъдии Шерозӣ***

5. Ҳамин шаб ё саҳари барвақт баромада меравем. (С. Айнӣ)

**Ҷумлае, ки ду ва ё зиёда саразо ё аъзои пайрави якхела дорад, ҷумлаи *чидааъзо* номида мешавад.**

**Аъзои чида ба воситаи пайвандакҳои пайвасткунандаи *ва, -у, -ю, аммо, вале, лекин, балки, ё, ё … ё, ҳам, ҳам … ҳам, гоҳ … гоҳ, на … на, чи … чи* ва гоҳо бе пайвандак ба ҳамдигар алоқаманд мешаванд.**

**Агар аъзои чида ба ҳамдигар ғайр аз *пайвандакҳои ва, -у, (-ю) бо дигар пайвандакҳо (аммо, вале, лекин)* алоқаманд шаванд, дар байни онҳо *вергул* гузошта мешавад:**

*Шодам, аммо мехӯрам ғамҳои халқи дигаре,*
*Дар назар меоварам тороҷгашта кишваре.*

**М. Турсунзода**

***166. Нависед. Гӯед, ки кадом аъзоҳои ҷумла чида шудаанд.***

Шукр, ёрон,
Шукри бахти мову обу нони мо,
Шукр бар ободию тартиб дар овони мо,
Шукр бар сарҷамъию осудагию дилпурӣ,
Шукри ин даврон,
Ҳазорон шукр бар даврони мо!

***Ғаффор Мирзо***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Аъзои чидаи ҷумла бо кадом воситаҳо ба ҳамдигар алоқаманд шудаанд?
2. Дар сатрҳои дуюм, сеюм ва чорум ба ҷойи аломати китобат кадом пайвандакро истифода бурдан мумкин аст?
3. Шеърро аз ёд кунед.

***167. Матнро хонед, аъзои чидаро муайян кунед.***

Дар қисмати шимолии шаҳри Душанбе, дар баландӣ, дар қарибии обанбори калон боғи сарсабзе аст, ки онро «Боғи Айнӣ» меноманд. Дар пешгаҳи ин боғ, дар байни гулу гулзорҳо мақбараи устод Айнӣ ҷо гирифтааст. Ин гӯрхонаи шоҳона ва бодабдаба не, ин гунбади кушоди шоиро-

нае аст, ки дар дохилаш ҳайкали устод ҷо гирифтааст ва дар суфаи мармарии атрофи он ҳамеша гулчанбарҳои тару тоза гузошта мешаванд. Ба ин гунбад аз ҳар сӯйи боғ роҳҳои фарох ва серсоя омада мерасанд ва дар растаҳои озодаи онҳо дарахтони гуногуне, ки бо дасти намояндагони миллатҳои бисёр халқҳои олам шинонида шудаанд, қад барафроштаанд. Намояндагони адабиёти халқи бузурги рус, украина, беларус, қазоқ, ӯзбек ва ҳоказо, тақрибан намояндагони ҳамаи халқҳои мамлакати мо ва намояндагони дигар халқҳо: ҳиндуҳо, покистониҳо, афғонҳо, полякҳо, венгерҳо, немисҳо ва ғайра ҳар кадом дарахте шинондаанд. Ин растаро растаи «Дӯстии халқҳо» номидаанд…

Бале, устоди бузурги ман Садриддин Айнӣ дар ёди ҳама, дар хотири ҳама зинда ва ҷовид аст.

***Ҷалол Икромӣ***

**Эзоҳ:** Ин боғ имрӯз чунин ном дорад: "Боғи фарҳангу фароғатии ба номи Садриддин Айнӣ".

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Мавқеи аломати вергул ва пайвандакҳоро дар алоқаманд намудани аъзои чида фаҳмонед.
2. Аз мазмуни матн ба чӣ хулоса омадед?
3. Дар бораи Садриддин Айнӣ боз чӣ медонед?

***168. Ашёи сифатонро бо овардани миқдор ва хусусиятҳояшон дар ҷумлаҳо тасвир намоед. Гӯед, ки бештар кадом аъзоҳои ҷумла чида шудаанд ва чаро.***

## §36. ҶУМЛАҲОИ ДУТАРКИБА ВА ЯКТАРКИБА

***169. Матнро ифоданок хонед. Аввал ҷумлаҳои мубтадо ва хабардоштаро ҷудо карда, ба дафтаратон нависед, баъд ҷумлаҳоеро, ки ё хабар ва ё мубтадо надоранд.***

Аз ҷо бархостам. Сояи дарозам дар сатҳи занҷирмонанди дарё мавҷ мезад. Аз рӯйи харсанг худро ба оғӯши рӯд партофтам. Чун тифли канори модар бо дарё ҳамоғӯш гаштам.

Мавҷи дарё дар ҳар лаппиш чун варақҳои китобе, ки ба

дасти шамол афтодаанд, шалаппосзанон қафо мегашт ва маро пас мепартофт. Вале ҷараёни тези дарё маро рӯйи даст гирифта, аз мавҷ ба мавҷ гузаронида пеш мебурд. Завқ мекардам ва ин садо беихтиёр аз дилам берун омад:

– Ҷӯш зан, эй рӯди нооромӣ ман, ҷӯш зан! Мавҷ андар мавҷ бипеч. Навозишам кун. Маро бибӯс, ман фарзанди туам!

***Бобо Насриддинов***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Гӯед, ки ҷумлаҳои гурӯҳи дуюм мубтадо надоранд ё хабар.

2. Чаро нависанда худро «фарзанди дарё» (рӯд) номидааст?

**Ҷумлае, ки дар он ҳар ду сараъзо (мубтадо ва хабар) омадаанд, ҷумлаи *дутаркиба* номида мешавад:** 1.**Нӯшервон гуфт**. 2. **Саъдӣ** саёҳатро **дӯст медошт.** (Адабиёти тоҷик) 3. **Ман** фарзандони ватани худро **дӯст медорам.** (Кӯҳзод)

**Баъзе ҷумлаҳо як сараъзо доранду бас:** 1. Маро ба Норак ба кор **таъйин карданд.** (Ю.Акобиров) 2. Оҳанро дар гармиаш **мекӯбанд**. 3. Карим –деҳқон аз саволи ногаҳонии Қодирбобо ва нигоҳи кунҷковонаи ҳамроҳони ӯ бесаранҷом шуда гуфт:

– **Ҳаст**. Дина ба номи хоҳаракаш хат **гирифтем.** (Ҷ. Акобиров) **Баҳор**. Ҳама ҷо сабзу хуррам

**Ҷумлае, ки як сараъзо дорад, ҷумлаи *яктаркиба* номида мешавад**.

***170. Хонед, ҷумлаҳои дутаркиба ва яктаркибаашро ёбед. Гӯед, ки кадом ҷумлаи яктаркиба мубтадо надораду кадомаш хабар.***

Деҳқон барои дар зери барфу борон намондани ин зари бебаҳо боз заҳмат мекашад. Мошинҳои пахтачинро ба кор медарорад. Баъзан аз номусоид омадани обу ҳаво ғунучини пахтаро то миёнаҳои моҳи декабр давом медиҳад. Борҳо ба

Замин –Модар дуқат шуда таъзим мекунад ва самараи онро мисқол-мисқол, то кӯраки охирин ҷамъ меоварад. Замини саховатманд низ дар ҷавоби ин ҳама ғамхориву ранҷи ӯ дари ганҷашро кушода, ӯро сарбаландиву хуррамӣ мебахшад.

Пахта. Дар зимни ин сухан чӣ муъҷизаҳо ниҳон аст. Дар забони ҳар халқу миллат ин сухан ба тарзи гуногун садо медиҳад. Вале дар шаъни пахта ифодаи образноке ҳаст, ки дар ҳама ҷо як хел кор мефармоянд. Ин ибора «тиллои сафед» аст. Пахта ва тилло ҳамқадранд. Бесабаб нест, ки пахтаи шукуфта дар Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши худро ёфтааст.

***Алӣ Бобоҷон***

## ЛУҒАТ

**мисқол** – вазнест, ки ба 25 грамм баробар меояд

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Чаро пахтаро ***«зари бебаҳо, тиллои сафед»*** мегӯянд?
2. Тасвири пахта дар Нишони давлатии ҷумҳурӣ чӣ рамз дорад?
3. Маънои ифодаҳои ***«Замин-Модар», «Ватан-Модар»***-ро шарҳ диҳед.

***171. Ҷумлаҳои дутаркибаро (гурӯҳи якум) ба яктаркиба ва ҷумлаҳои яктаркибаро (гурӯҳи дуюм) ба дутаркиба баргардонед.***

| | |
|---|---|
| 1. Ман китоб хондам.<br>2. Ту аз ҷоят хез!<br>3. Вай аз мактаб омад?<br>4. Модар аввалин устоди фарзанд аст.<br>5. Онҳо баъди аз дарс омадан хӯрок хӯрданд, каме дам гирифтанд ва пас ба дарстайёркунӣ машғул шуданд. | 1. Ба пахтачинӣ рафтанд.<br>2. Калонсолонро ҳурмат мекунем.<br>3. Ба Ватан содиқона хизмат менамоем.<br>4. Дарсатро тайёр кун.<br>5. Дар таътили тобистона кадом китобҳоро хондед? |

## §37. МУХОТАБ ВА АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ДАР ОН

***172. Хонед ва вазифаи калимаю ибораҳои ишорашударо шарҳ диҳед.***

***Замини безабон, хоки шаҳидон,*** дор маъзурам,
Дар он ҷое, ки ёрон сар ниҳоданд, пой мемонам.
Бубахшед, ***эй азизон***, гар қадам беҷой мемонам.

***Муъмин Қаноат***

Туӣ мухтавои сари ҳар сухан,
Туӣ сар ба кори ҳама анҷуман.
Ба ҳар ҷо ки бошам, ту ҳастиву ман,
***Ватан, эй Ватан, эй Ватан, эй Ватан.***

***Салими Хатлонӣ***

### ЛУҒАТ

**анҷуман** – ҷамъомад, маҷлис, ҷамъомади одамон
**маъзур** – узру бахшиш, хоста
**мухтаво** – мазмун, моҳият
**шаҳид** – дар ҷанг кушташуда, бегуноҳ кушташуда

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Оҳанги калимаҳое, ки мурочиатро мефаҳмонанд, чӣ гуна аст?

2. Мазмуни мисраи «***Ту модарӣ, ягонаӣ***»-ро аз матни Суруди миллӣ шарҳ диҳед.

**Калима ё иборае, ки мурочиатро ифода мекунад, мухотаб номида мешавад.**

**Мухотаб аз дигар аъзои чумла бо вергул чудо карда мешавад:**

1.**Малико,**чашни Меҳргон омад!
Чашни шоҳону хусравон омад.

**Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Ту монанди замин танҳоӣ, ***модар,***
Ту монанди замин яктоӣ, ***модар.***

***Лоиқ Шералӣ***

***173. Хонед. Мухотабҳоро ёбед ва чойи аломатҳои китобатро дар истифодаи онҳо шарҳ диҳед.***

– Сафар, имрӯз ба отделенияи ту рафиқони нав омаданд?

– Ҳа, рафиқ комиссар. Мана, ҳамин панч кас, – чавоб дод Сафар Мамарачаб ва боз чор каси дигарро нишон дода.

– Чойи хоб, хӯрок ва сарулибосашон пурра таъмин аст?

– Ҳамааш, рафиқ комиссар.

– Инҳо аз кучо мешаванд?

– Ду кас аз Ҳисор, се кас аз Варзоб, рафиқ комиссар. Ана ин кас ҳамдеҳаи худам, –гуфт Сафар Мамарачабро нишон дода.

– Оҳо, бисёр нағз. Номат чист, рафиқ?

– Номам Мамарачаб, номи падарам Юсуф, рафиқ сардор.

– Ана, ба шумо бисёр хуб шудааст, бо ҳамдеҳаатон дар як чо зиқ намешавед, – гуфт комиссар ва хандида-хандида ба гап давом кард. – Акнун даҳ сол дар аскарӣ бошед ҳам, чӣ парво?

***Фотеҳ Ниёзӣ***

## ЛУҒАТ

**комиссар** – роҳбари як қисми ҳарбӣ
**отделения** – шуъба, қисм, як гурӯҳи сарбозон

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Чаро пас аз мухотаби «***рафиқ***» аломати савол гузошта шудаасту пас аз мухотаби «***рафиқ сардор***» аломати нуқта? Хелҳои ҷумларо аз рӯйи оҳанг ба хотир биёред.

2. Калимаҳои «***панҷ, даҳ***» кадом ҳиссаи нутқанд, дар ин матн ба вазифаи кадом аъзои ҷумла омадаанд?

3. Шакли дурусти ифодаи калимаи «Мамараҷаб» чӣ гуна аст?

***174. Ҳангоми навиштани ҷумлаҳо аломатҳои китобатии даркориро гузошта, вазифаи онҳоро дар мухотабҳо шарҳ диҳед.***

1. Парвизҷон ба берун баро
2. Падару модарон Бачаҳоро беназорат нагузоред
3. Пагоҳ шогирдони азиз ба тамошои баҳри Норак меравем.
4. Ҳама ба ин тараф гузаред рафиқон
5. Ту ҳам гӯштингирӣ меравӣ Собир
6. Шуморо ба Иди арча хушомадед мегӯем дӯстон

## §38. ТАРЗИ ТАҲЛИЛИ ҶУМЛАИ СОДА

***Тартиби таҳлил***

1. Хели ҷумла аз ҷиҳати сохт.
2. Хели ҷумла аз ҷиҳати мазмун ва оҳанг (хабарӣ, саволӣ, амрӣ, хитобӣ).
3. Таркиби ҷумла: хуллас ва тафсилӣ будани он.
4. Асоси ҷумла (сараъзоҳо).
5. Таркиби ҷумла аз ҷиҳати мавҷуд будани аъзои ҷумла дар он.
6. Аъзои пайрав (агар бошанд).
7. Аъзои чида (агар бошанд).
8. Мухотаб (агар бошад) ва аломатҳои китобат дар он.

***Таҳлил ду хел мешавад: шифоҳӣ ва хаттӣ.***

***Намунаи таҳлили хаттӣ:*** *Шодигул ба Соли нав бесаброна интизорӣ мекашид.* **(С. Улуғзода)**

***Таҳлили шифоҳӣ*:** Ин ҷумлаи хабарӣ ва дутаркибаи тафсилӣ аст. Асоси ҷумла **Шодигул (мубтадо) ва интизорӣ мекашид (хабар)** мебошанд. Дар ҷумла аъзои пайрав ҳам ҳаст, аз ин рӯ ҷумла тафсилӣ аст. Чӣ кор мекард? – интизорӣ мекашид (хабар). Кӣ? – Шодигул (мубтадо). Ба чӣ? – ба Соли нав (пуркунанда). Ба кадом Сол? –нав (муайянкунанда). Чӣ тарз интизорӣ мекашид? – бесаброна (ҳоли тарзи амал).

***175. Ин ҷумлаҳоро аввал шифоҳӣ, баъд хаттӣ таҳлил намоед.***

1. Мутриба ва Мунира бо роҳхат ба саёҳати Москва мераванд.
2. Суман ва Санавбар бо додарчаашон дар боғи мактаб бозӣ мекарданд.

***176. Хонед, ҷумлаҳои дутаркибаю яктаркибаро ҷудо кунед. Ҷумлаҳои чидааъзоро нависед.***

Садои тормози мошину шарфаи пойро шунида, соҳибхона дарвозаро кушод. Марди нуронии миёнақад, кушодачеҳра ба пешвоз баромад. Маро дида табъаш болид, оғӯш кушод. Ҳамдигарро ба канор гирифтем. Ба рӯям дуру дароз синча кард, аз коҳидани чеҳраам рамузе гирифту дасти навозиш ба сарам бурд, сила кард. Ин дам аз дилаш чиҳо гузашт, намедонам, вале гармии гуворои дасташро нағз ҳис кардам, ки навозиши пурмеҳри падарро мемонд.

– Худатро гирондаӣ, – гуфт.

– Кор бисёр буд, барои мунтазир карданам узр.

– Мефаҳмам, – гуфт ӯ, – ташвишат бисёр. Лекин бовар доштам, ки дер бошад ҳам, меоӣ. Хайр, биё, хуш омадӣ, – гуфта, аз дастам дошта, сӯйи дарвозаи кушода ҳидоят кард.

***Бобо Насриддинов***

## ЛУҒАТ

**худро гирондан** – пажмурда шудан, монда шудан
**коҳидан** – хароб шудан, лоғар шудан
**рамуз гирифтан** – мушоҳида кардан, пай бурдан
**синча кардан** – бодиққат нигоҳ кардан

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Мавридҳои истифодаи ибораҳои «***хуш омадед, хуш бошед, роҳи сафед, сафари бехатар***» -ро шарҳ диҳед.
2. Узр хостан одати хуб аст ё бад?

## §39. ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБ

***177. Хонед ва ҷумлаҳоеро, ки аз ду ва ё зиёда ҷумлаҳои сода иборатанд, нависед.***

Мӯйсафед ҳанӯз аз кӯпруки Кофарниҳон нагузашта ба хоб рафта буд. Женя «газик»-и навро чунон ҳам бо эҳтиёт меронд, ки ба хоби ӯ халал нарасонад. Вай мекӯшид, ки то худи Норак ӯро бедор накарда барад, то ки мӯйсафед озори роҳро ҳар чӣ камтар ҳис кунад. Аз устокории Женя мӯйсафед вақти ба ағбаи Чормағзак баромадану фуромадан ҳам бедор нашуда буд. Агар ҳатто бедор бошад ҳам, ба ҳар ҳол чашм пӯшида, хомӯш менишаст, ки Женя ӯро дар хоб гумон мекард. Бинобар ҳамин ҳам дами аз қишлоқи Чашма гузашта, ба даҳанаи Норак расидан ногаҳон дасти камхуну каммадори мӯйсафед ба китфи Женя гузошта шуд, вай ниҳоят ба тарс афтод: «Ба ӯ чӣ шуд?!» – бо изтироб аз дил гузаронд Женя ва мошинро оҳиста дар канори роҳ нигоҳ дошт.

Антон Григоревич ба суоли шофёр ҷавобе надода, худаш дари қафоро кушода фуромад.

***Юсуф Акобиров***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. ***«Ба ӯ чӣ шуд?!»*** аз рӯйи мазмун ва оҳанг чӣ хел ҷумла аст?

2. Мазмуни калимаҳои ***«набз» ва «назм»***-ро шарҳ диҳед.

3. Кадом пайвандакҳо ҷумлаҳои содаро ба ҳамдигар алоқаманд кардаанд?

**Ҷумлае, ки аз ду ва зиёда ҷумлаҳои сода иборат аст, *ҷумлаи мураккаб* номида мешавад. Ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаб бо ду роҳ ба ҳамдигар алоқаманд мешаванд: пайваст ва тобеъ**: Салимбой ба пеш даромад ва ҳар ду лаб-лаби поёноби ҳавз ба тарафи шарқии дара рафтанд. (Р.Ҷалил) 2.Муҳоҷирон дар кори кишоварзӣ низ тифоқу ҳамраъй буданд, ҳар кас бо сидқу ҷадал кор мекард, зеро онҳо самараи хуби меҳнаташонро дида буданд. (Х.Шарифов)

***178. Хонед, ҷумлаҳои мураккабро ёбед ва ҷумлаҳои содаи таркиби онро шарҳ диҳед.***

### ҶАЗОИ КӮРНАМАК

Яке аз подшоҳони гузашта ба хидматгори наздики худ гуфт:

– Аз ҷумлаи наздикону хидматгорон мисли ту касеро наёфтам, ки рози пинҳони худро гӯям.

– Аълоҳазрато, – гуфт хидматгор, – ман сирри Шуморо чун ҷони худ нигоҳ хоҳам дошт ва то зиндаам, ба касе фош нахоҳам кард.

– Ман аз бародари худ дар андешаам, – гуфт подшоҳ, -– мехоҳам, ки ӯро ба қатл расонам, то вай ба хотири тоҷу тахт ба ҷони ман қасд накунад.

Хидматгори бадаҳд баъди шунидани ин раъйи подшоҳ ниҳонӣ бародари вайро огоҳ кард ва бародари подшоҳ ба мамлакати дигар фирор карда аз кушта шудан халосӣ ёфт.

Баъди муддате подшоҳ вафот кард ва ба ҷойи ӯ бародараш ба тахт нишаст ва аввалин фармоне, ки содир кард,

дар бораи қатли хидматгори кӯрнамаки бародараш буд. Ҳамин тавр, ба зудӣ хидматгори кӯрнамак ба ҷазои амали худ расид.

*Ҳикоят*

### ЛУҒАТ

**аълоҳазрат** – олиҷаноб, ҷаноби олӣ
**раъй** – фикр, андеша, тадбир
**содир** – баровардан, фармон содир кардан

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Ифодаи ***«дар андешаам»***-ро аз рӯйи таркиб шарҳ диҳед.
2. «***Фирор кардан»*** чӣ маънӣ дорад?
3. Киро кӯрнамак мегӯянд?
4. Чаро бародари подшоҳ хидматгорро, ки ба ӯ некӣ карда буд, ба қатл расонд?

## §40. ПАЙВАНДАКҲО ДАР ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБ

***179. Ҷумлаҳои ҳар ду сутунро муқоиса карда хонед, воситаи алоқаи ҷумлаҳои содаи таркиби онҳоро муайян намоед.***

1. Ҳаво –соф, офтоби пурҳавсалаи саратон – дурахшон.
(С. Айнӣ)

2. Либосҳои онҳо пора гардиданд, пойафзолҳояшон афсурда шуданд.
(Р. Ҷалил)

3. Ғайр аз Давлат дар ин ҷо боз бисёр афсарон ҳам буданд, ки оилаашонро гусел мекарданд.
(Ф. Ниёзӣ)

4. Ғайр аз шеър калимаи назм низ мавҷуд аст, ки гӯяндаи онро нозим мегӯянд.
(Т. Зеҳнӣ)

**Ҷумлаҳои сода дар таркиби ҷумлаи мураккаб ба воситаи пайвандакҳои *ва, -у (-ю), аммо, вале, лекин, ки, чунки, зеро, зеро ки, вақте ки, ҳангоме ки, агар, инчунин* оҳанг алоқаманд мегарданд.**

**Ба ғайр аз пайвандакҳои *ва, -у, -ю* пеш аз пайвандакҳои дигар вергул гузошта мешавад**: Бригадаи Осипов дар чаҳор смена кор мекунад, вале дар куҷо будани худи Осиповро касе намедонад. (Ю. Акобиров)

**Пайвандаки -у (-ю) бо калимаи охири ҷумлаи якум якҷоя навишта мешавад**: Ҳофизон суруд мехонанду раққосаҳо мерақсанд. (Тоҷӣ Усмон)

Ҷумлаҳои сода бе пайвандак, бо ёрии оҳанг ҳам ба ҳамдигар алоқаманд шуда, ҷумлаи мураккабро ташкил мекунанд: **Зиндагӣ ҳамин аст, амак,** як кас меравад, каси дигар меояд. (Сорбон)

***180. Нависед, ба зери пайвандакҳо хат кашида, вазифаи онҳоро шарҳ диҳед.***

Ҳангоме ки замин ба қадри кифоя гарм мешавад, тухми рустаниҳои гармидӯст ё ба гармӣ серталабро кишт мекунанд. Вале ҳаминро ба назар гирифтан лозим аст, ки тухми чунин рустаниҳои гармидӯст (гармипарвар) аз қабили ҷуворимакка, лӯбиё, бодиринг, каду, харбуза, помидорро ҳам дер коштан мумкин нест.

Азбаски офтоб рӯз аз рӯз гармтар шуда, боиси боз хушктар гардидани замин мегардад, кишти бемаҳали ин зироатҳо метавонад боиси камҳосилии онҳо гардад. Дар аксари ҳолатҳо, ҳамин ки замин 10-15 дараҷа гарм шавад, ҳар чӣ қадар тезтар тухми рустаниҳои гармидӯстро коштан зарур аст.

*Аз «Ботаника»*

**ЛУҒАТ**

**боиси**– сабаби

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Ҷумлаҳои яктаркибаро дар матн муайян кунед.

2. Чаро дар «*ҳангоме ки*» пеш аз «*ки*» вергул намегузоранд?

3 .Калимаҳои *"растан"* ва *"рустан"*-**ро** шарҳ диҳед.

***181. Пайвандакҳои «ва, вале, ки, вақте ки, агар»- ро истифода бурда ҷумла созед.***

## §41. ТАРЗИ ТАҲЛИЛИ ҶУМЛАИ МУРАККАБ

**Тартиби таҳлил:**

1. Хели ҷумла аз ҷиҳати сохт.

2.Тарзи алоқаи ҷумлаҳои сода дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб.

3. Воситаи алоқаманд шудани ҷумлаҳои сода.

4. Аломатҳои китобат дар ҷумла.

***Намунаи таҳлил:*** *Вақте ки падарам аз шиносҳо дар бозор киҳоро диданамро пурсид, он одам ба ёдам омад… (С.Айнӣ).*

***Таҳлили хаттӣ:*** *Вақте ки падарам аз шиносҳо дар бозор киҳоро диданамро пурсид, он одам ба ёдам омад.*

***Таҳлили шифоҳӣ:*** Ҷумла аз рӯйи оҳанг хабарӣ, аз рӯйи сохт мураккаб буда, аз ду ҷумлаи сода иборат аст. Дар ҷумлаи якум асос **падарам** (мубтадо) ва **пурсид** (хабар), дар ҷумлаи дуюм асос **одам** (мубтадо) ва **ба ёдам омад** (хабар) мебошанд.

Ҷумлаҳои сода ба ҳамдигар бо пайвандаки **вақте ки** алоқаманд ва бо аломати вергул аз ҳамдигар ҷудо карда шудаанд. Ҷумлаи мазкур ҷумлаи мураккаби тобеъ аст.

***182. Хонед. Мазмуни ҳикматҳоро шарҳ диҳед. Ҷумлаҳои сода ва мураккаби онро муайян кунед.***

• Вақте як китоби хуб ба даст овардаед, дигар чӣ ғусса доред?

• Ҳар китобе ба хона мебаред, донишмандест, ки ба хидмати худ мегуморед.

• Бузургтарин сухани бузургонро аз китоб бишнавед.

• Ганҷинаи донишро ба ҳар қимате, ки бихаред, арзон аст.

• Илм хонаро бино мекунад, ҳунар онро ҷойи айшу зиндагӣ месозад.

• Ҳар кас дар осмон ситорае дорад, аммо дурахшон кардан ё кӯр кардани он ситора вобаста ба худи ӯст.

• Хиёнат ба ватан зану фарзанд ва хешону дӯстонро ба душман фурӯхтан аст.

*Муҳаммад Ҳиҷозӣ*

### ЛУҒАТ

**гумоштан (мегуморед)** – таъйин кардан, муқаррар намудан

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Дар ибораи «***бузургтарин сухан***» калимаи асосӣ кадом аст? Дар ибораи «***ба душман фурӯхтан***» чӣ?
2. Маънии калимаҳои «***эҳё, фархунда, варта***»-ро гӯед.
3. Дар васфи Ватан шеър медонед?

## §42. НУТҚИ АЙНАН НАҚЛШУДА

***183. Ҷумлаҳоро ифоданок хонед. Муайян кунед, ки кадом ҷумлаҳо сухани нависанда ва кадом ҷумлаҳо сухани шахси дигаранд.***

1. «Адабиёт одамиятро меомӯзад», – гуфтаанд бузургон.
2. «Духтарам, – сухан сар кард модар, – мо бояд ҳеҷ гоҳ тоҷик буданамонро фаромӯш накунем».
3. Дилноза ба синф даромаду гуфт: «Бачаҳо, пагоҳ ба мактаб шоирон меомадаанд».

**Агар сухани шахси дигар бе тағйирот оварда шавад, *нутқи айнан нақлшуда* ном дорад.**

**Нутқи айнан нақлшуда дар нохунак оварда мешавад. Сухани нақлкунанда дар паҳлуи нутқи айнан нақлшуда меояд ва одатан, ба кӣ тааллуқ доштани онро низ ишора менамояд.** Нутқи айнан нақлшуда, агар **дар аввал ояд, пас аз он аломати вергул, баъд тире** гузошта мешавад: *«Донистa монед, ки тозагӣ гарави саломатист»,* – таъкид кард муаллима.

Агар **дар охир ояд, пеш аз он аломати баён** мегузоранд: Падарам ба ман чунин насиҳат мекунад: *«Аз меҳнат натарсӣ, бузург мешавӣ».*

**Нутқи айнан нақлшуда ҳамеша бо ҳарфи калон сар мешавад.**

***184. Баъд аз суханони нақлкунанда суханони шахси дигарро илова карда нависед. Истифодаи аломатҳои китобатро шарҳ диҳед.***

1. Асрор гуфт: «---------------------» 2.Омӯзгор фармон дод: «------------------------!» 3.Модарам пурсид: --------------------? 4.----------------!  –ҳайрон шуд Комил.

***185. Матнро хонед. Суханони нақлкунандаро аз суханони шахси дигар ҷудо кунед. Истифодаи аломатҳои китобатро шарҳ диҳед.***

**МАРДИ ҲАҚШИНОС**

Искандари Мақдунӣ яке аз амалдорони худро аз мансаби баланд озод кард ва ба вазифаи паст таъйин намуд.

Рӯзе он мард ба назди Искандар ҳозир шуд ва шоҳ аз ӯ пурсид:

– Дар вазифаи нав худро чӣ гуна ҳис мекунӣ?

– Умри подшоҳам дароз бод, –гуфт он мард, – бузургиву шарифии мард вобаста ба мансабу вазифа нест, балки мансабу вазифа ба шарофати мард бузург мегардад. Дар ҳар вазифа ва шуғле бо сирати нек ва аз дили софу бо адлу инсоф

кор бояд кард, то мард обрӯву эътибор ба даст орад.

Ҷавоби марди некусират ба Искандар писанд омад ва ӯро ба вазифаи аввалааш барқарор кард.

***Абдураҳмони Ҷомӣ***

## ЛУҒАТ

**мансаб** – рутба, дараҷа; мартаба
**шарофат** – шариф будан; обрӯмандӣ
**шуғл** – машғулият, кор; касбу ҳунар

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Таркиби калимаи ***«подшоҳам»*** -ро муайян кунед.
2. ***«Барқарор кардан»*** -ро боз чӣ тавр ифода кардан мумкин аст?
3. Аз мазмуни матн чӣ хулоса баровардед?

**186. Ба оҳанги нутқ айнан нақлшуда риоя карда, матнро хонед.**

Бародар! «Об аз сар лой! Ҳокимони мамлакат ҳам тарафи боёнро мегиранд. Бой порсол аз ҳила ҳалво сохта, як қисми заминҳои Бозорро гирифт. Аз рӯйи ҳисоби Азимшоҳ ин ҳисоб монанди «ду карат ду мешавад чор» ошкор ва равшан буд… Як кор мекунем, ки «на сих сӯзад, на кабоб». – Албатта, «моли муъмин – хуни муъмин» гуфтаанд. Ин қадар роҳи барзиёдро ба касофати Азимшоҳи ту тай кардан «болои мурда сад чӯб» буд.

«Одамӣ аз гул нозук, аз санг сахт», – гуфтаанд. Агар аз дасти ман ояд, ҳамаи фақиронро мефурӯшам, «гӯр сӯзаду дег ҷӯшад», –гуфтаанд. «Гунҷишкро кӣ кушад? Қассоб», – гуфтаанд. Нафсро калон накун, «кам-кам хӯру доим хӯр», – гуфтаанд. Як кор мекунам, ки «ҳам лаъл ба даст ояд, ҳам ёр наранҷад». «Пул бошад, дар ҷангал шӯрбо», –гуфтаанд. Дуруст «Асои пир ба ҷойи пир», – гуфтаанд.

***Садриддин Айнӣ***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Матни боло сар то по аз зарбулмасалу мақолҳо иборат аст. Чаро?

2. Зарбулмасали «***Гунҷишкро кӣ кушад? Қассоб»***-ро шарҳ диҳед.

3. Ифодаи «***Худкардаро даво нест»*** боз чӣ гуна муродиф дорад?

4. ***«Аз ҳила ҳалво сохтан»*** чӣ маънӣ дорад?

***187. Аз рӯйи нақшаҳо ҷумлаҳо созед. Намуна:***

1. –Ту ба тамошои футбол меравӣ? – пурсид Шоҳрух.
2. – Об омад! -дод зад писарбача.
3. – Аввал дарсҳоямро тайёр мекунам, баъд ба оббозӣ меравам, – гуфт Одил.

1. _ __________?_ ________.
2._ ___________: _ ________!
3._ ___________, _ ________.

## §43. МУКОЛАМА

***188. Мусоҳибаи зеринро дунафарӣ бо риояи оҳанги ҷумлаҳо хонед.***

### ХУШҲОЛӢ АЗ ФАРОҒАТГОҲ

Ба наздикӣ Фаридаи Шоҳрух– хонандаи синфи 5-уми “В”-и мактаби № 16-и ноҳияи Деваштич аз истироҳатгоҳи бачагонаи “Гулхан”, ки дар ноҳияи Варзоб воқеъ аст, баргашт. Сабрина хабарнигори фаъоли рӯзномаи девории мактаб дар ин хусус бо Фарида суҳбат намуд.

**– Фарида, ба истироҳатгоҳ бо хоҳиши худ рафтед ё ягон воситаи дигар?**

– Чанд вақт пештар ман дар озмуни вилоятии «Истеъдод» миёни довталабони забони англисӣ ҷойи ифтихориро соҳиб шудам. Шуъбаи маорифи ноҳия инро ба назар гирифта, маро бо роҳхат сазовор донист.

**– «Гулхан» чӣ хел истироҳатгоҳ будааст?**

– «Гулхан» истироҳатгоҳи бачагона буда, аслан дар он хонандагони мактабҳои ноҳияи Исмоили Сомонӣ фароғат мекунанд. Аммо ба он ҷо аз тамоми гӯшаву канори мамлакат низ бачаҳо ба дамгирӣ меоянд. Истироҳатгоҳ дар дараи Варзоб ҷойгир буда, тамоми шароитҳоро дорад. Масалан, ҷойи хоб, хӯрокхӯрӣ, дамгирӣ, бозиҳои гуногуни варзишӣ, оббозӣ, рақсу сурудхонӣ бо мураббиёни ғамхораш касро хушҳол мегардонанд.

**– Дар он ҷо ҳам озмунҳо мешуданд?**

– Албатта, дар он ҷо дар тамоми бахшҳо миёни гурӯҳҳо озмунҳо мегузаштанд. Ман дар ин ҷо ғайр аз озмуни луғатдонӣ, боз дар мусобиқаи шоҳмотбозон ғолиб омада, сазовори ифтихорнома ва туҳфаҳои хотиравӣ гаштам.

**– Бештар дар хотироти Шумо чӣ нақш баст?**

– Дар истироҳатгоҳ гоҳо ба назди мо шоирону ҳунармандон омада, суҳбатҳои аҷоиб ташкил мекарданд. Барои мо суханҳои шавқовари адибон Камол Насрулло ва Маҷид Салим хеле хотирмон буд. Ҳамчунин, китобҳои тақдимкардаи онҳо, ки шеърҳои бачагона ва нақлҳо дар бораи ҳайвонот доштанд, аз ёди мо намераванд.

**– Аз истироҳатгоҳ боз бо кадом таассурот баргаштед?**

– Бароям пайдо кардани шиносҳои нав хеле хуб шуд. Акнун дӯстони ман аз Хатлону Бадахшон, Суғду Душанбе ва дигар шаҳру ноҳияҳо зиёд шуданд. Мо пайваста ба ҳамдигар дар тамос ҳастем. Ҳатто ният дорем, ба хонаҳои ҳамдигарамон ба меҳмонӣ равем. Бо аҳли оилаи ҳамдигар аз наздик шинос шавем.

**– Ба ҳамсолонатон чӣ маслиҳат медиҳед?**

– Ба мактаб ва таҳсил рӯ оранд. Фаъолияти хуб касро ба дунёи нав мебарад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Вазифаи аломатҳои китобатро шарҳ диҳед.

2. Чаро Сабрина ба мусоҳибаш «*Шумо*» гуфта муроҷиат кардааст?

3. Шумо ба фароғатгоҳ рафтаед?

**Гуфтугӯйи ду ва ё якчанд касро *муколама* меноманд. Дар муколама сухани ҳар як шахс аз сари хат бо аломати тире ва ҳарфи калон сар мешавад.**

– Ҳо, Баротов? Кай омадед?

– Ҳамин рӯз.

– Пётр Николаевич ду бор Шуморо пурсид.

– Вай дар ҳамин ҷост?

– Не, дар хонааш. Нотоб. Фармуд, ки агар биёед, Шуморо ба наздаш равона кунам. Ҳозир равед.

– Дер нест?

– Шумо магар одати Пётр Николаевичро намедонед? Барои вай ҳеҷ кадом соат дер нест. Роҳи хонаи ӯро медонед?

– Медонам.

***Сотим Улугзода***

***189. Матнро ифоданок хонед. Гӯед, ки чанд кас ба ҳамдигар гуфтугӯ мекунанд.***

– Моҳӣ медорӣ?

– Не.

– Дарёро тамошо мекунӣ?

– Ҳа.

– Ту аз кадом деҳа?

– Аз Заркамар.

–Аз Заркамар? Писари кӣ?

– Писари Салом.

–Наход? Номат чӣ?

– Ҷалол.

–Эҳ-ҳа. Ана воҳӯрию. Ҷалол Саломов гӯй? Э қанд зан, шаҳбоз.

***Ҷонибек Акобиров***

## СУПОРИШ

• Ба матн тақлид карда, муколама тартиб диҳед.

## §44. ТАКРОРИ БОБИ «НАҲВ (СИНТАКИС) ВА АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ»

**Дониши худро аз рӯйи саволнома санҷед:**

**1. Наҳв (синтаксис) чиро меомӯзад?**

A) Мубтадо ва хабар;
B) Ҳиссаҳои нутқ;
C) Калима ва ибора;
D) Ибора ва ҷумла;
E) Аъзоҳои ҷумла.

**2. Ин ифодаҳоро чӣ меноманд: гули сурх, зеботарин диёр, ҳикояи шавқовар.**

A) Калима;
B) Ҷумла;
C) Ибора;
D) Таркиб;
E) Таъбир.

**3.Ҷузъҳои ибораҳо ба ҳамдигар бо кадом воситаҳо алоқаманд мешаванд?**

A) Бандаки изофӣ, ҳамроҳӣ;
B) Бандаки хабарӣ, пасвандҳо;
C) Бандаки феълӣ, пешвандҳо;
D) Бандакҷонишинҳо;
E) Бандакҳои хабарӣ.

**4.Фикри тамомшударо чӣ меноманд?**

A) Калима;
B) Ҷумла;
C) Ибора;
D) Таркиб;
E) Таъбир.

**5. Асоси ҷумларо чиҳо ташкил медиҳанд?**

A) Мубтадо ва муайянкунанда;
B) Пуркунанда ва хабар;
C) Аъзоҳои пайрави ҷумла;
D) Мубтадо ва хабар;
E) Хабар ва ҳол.

**6. Саразъзои ҷумла, ки амал, ҳолат ё аломати мубтадоро мефаҳмонад, чӣ номида мешавад?**

A) Ҳол;

B) Хабар;

C) Муайянкунанда;

D) Пуркунанда;

E) Мубтадо.

**7.Аъзои пайрави ҷумла, ки аломати ашёро аз ягон ҷиҳат муайян мекунад, чӣ номида мешавад?**

A) Мубтадо

B) Хабар

C) Муайянкунанда

D) Пуркунанда

E) Ҳол.

**8. Предмете, ки таъсиру ҳаракати амал ба он гузаштааст, чӣ ном дорад?**

A) Пуркунанда;

B) Хабар;

C) Муайянкунанда;

D) Ҳол;

E) Мубтадо.

**9. Ҳол чун аъзои ҷумла чиро мефаҳмонад?**

A) Амалро;

B) Иҷрокунандаи амалро;

C) Аломати амалро;

D) Аломати ашёро;

E) Муносибати ашёро бо амал.

**10. Вобаста ба мавҷудияти саразъзоҳо ҷумлаҳои содаро ба чанд гурӯҳ ҷудо мекунанд?**

A) 1;

B) 2;

C) 3;

D) 4;

E) 5.

**11. Нутқи шахси дигар, ки айнан оварда мешавад, чӣ ном дорад?**

A) Нутқи мазмунан нақлшуда;
B) Мусоҳиба;
C) Нутқи айнан нақлшуда;
D) Мухотаб;
E) Муколама.

**12. Хабар бо мубтадо аз рӯйи чӣ мувофиқат мекунад?**

A) Аз рӯйи замон;
B) Аз рӯйи шахсу шумора;
C) Аз рӯйи макон;
D) Аз рӯйи алоқа;
E) Аз рӯйи бандак.

**13. Ҷумлае, ки аз ду ва ё зиёда ҷумлаҳои сода таркиб ёфта, аз ҷиҳати маъно ва интонатсия ягона аст, чӣ номида мешавад?**

A) Ҷумлаи сода;
B) Ҷумлаи хуллас;
C) Ҷумлаи тафсилӣ;
D) Ҷумлаи мураккаб;
E) Ҷумлаи яктаркиба.

**14. Кадом хели ифодаи фикр аст, ки дар он ду нафар ба ҳам сухбат мекунанд?**

A) Ариза;
B) Муколама;
C) Латифа;
D) Хабар;
E) Зарбулмасал.

**15. Мусоҳиба бештар ба кадом мавзӯъ наздикӣ дорад?**

A) Ҷумла;
B) Мухотаб;
C) Муколама;
D) Ибора;
E) Калима.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Ҷумла аз ҷиҳати мазмун ва оҳанг чанд хел мешавад? Номбар кунед.

2. Ҷумлаи хабариро бо мисолҳо фаҳмонед.

3. Барои ҷумлаи саволӣ мисол гӯед.

4. Ҷумлаи амриро бо ҷумлаи хитобӣ муқоиса карда, бо мисолҳо фаҳмонед.

5. Барои ҷумлаи саволӣ мисол оред.

6. Аъзоҳои ҷумла ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд?

7. Ҷумлаи дутаркиба чист?

8. Ҷумлаи яктаркибаро бо мисолҳо фаҳмонед.

9. Ҷумлаи хуллас чист?

10. Ҷумлаи тафсилиро бо мисол шарҳ диҳед.

11. Кадом ҷумлаҳоро чидааъзо мегӯянд?

12. Ҷумлаҳои сода дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб бо кадом воситаҳо алоқаманд мешаванд?

13. Пайвандакҳои ***ва, -у, (-ю)*** дар ҷумлаҳо чӣ вазифаро иҷро мекунанд?

14. Мухотаб чист?

15. Чиро муколама меноманд?

***190. Матнро нависед. Ибораҳоро ёфта, калимаи асосӣ ва тобеи онҳоро шарҳ диҳед.***

Ман ин аҳволро дида гуфтам:

– Ба ин ҷо даромадани ту дуруст набуд ва дукони берун барои ту аз ин ҷо беҳтар буд.

– Агар ихтиёр дар дасти худам мебуд, ба ягон касби дигар медаромадам, аз ҳама беҳтар буд, – гуфт ӯ бо табассуми заҳромез ва баъд аз ду-се бор сурфа кардан сухани худро давом дод: – Ман аз падар дувоздаҳсола мондам. Модарам дар зиндагӣ муҳтоҷ шуда, аз шайх панҷоҳ танга бунак (аванси музди кор) гирифта, маро ба ӯ ба шогирдӣ дод. Шайх маро барои усто кардан дар назди устои дукони берунаш монд.

***Садриддин Айнӣ***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Маънии ибораи ***«табассуми заҳромез»*** чист?

2. Ҷумлаҳои мураккабро аз матн ёбед ва таҳлил кунед.

3. Шумо барои ягон ҳунар омӯхтан пеши касе шогирд шудаед?

***191. Хонед. Ҷумлаҳои дутаркиба ва яктаркибаашро ҷудо намоед.***

Зебо дар қатори садҳо ҷавонон бахташро санҷид. Аз се имтиҳон гузашт. Вале дар санҷиши охирин кораш омад накард. Духтарак зиқ шуд, лекин аз ҳеҷ кас домангир не. Охир, ба саволҳо ҷавоби пурра дода натавонист… Аммо шоду қаноатманд ҳам буд, ки аз се имтиҳон гузашт ва роҳу равиши имтиҳонсупориро фаҳмид. Бовар кард, ки талош кунад, ба мақсад мерасад…

Ба деҳа баргашт. Дар лабаш ханда буду дилаш хиҷил… Модараш аз бебарории ӯ зоҳиран худро бепарвоюю шод нишон дод, аммо дилаш ба ҳоли духтараш сӯхт.

– Гуфтам-а, ба чени кӯрпаат пой дароз кун, ки хандасор нашавӣ…меҳнатат зоеъ шуд…

– Чаро хандасор мешудааст? – гуфт амаки Абдулло. - Ягон гуноҳ накардааст-ку, занак. Меҳнаташ ҳам беҳуда нарафт. Бисёр чизҳоро фаҳмидӣ-а, духтарам… Боз соли оянда… Ҳеҷ гоҳ ноумед нашав, духтарам…

Дили Зебо аз суханҳои нарми падар кушода шуд, таскин ёфт.

***Абдулҳамид Самадов***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Дар ҷумлаҳои яктаркиба бештар кадом сараъзо истифода нашудааст?

2. Маънии калимаҳои ***«ҳикмат», «офият»***-ро гӯед.

3. Чаро Зебӣ аз имтиҳон нагузашта бошад ҳам, хурсанд аст?

***192. Хонед.Ҷумлаҳои мураккабро муайян кунед ва воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои содаро дар онҳо шарҳ диҳед.***

Дар таърихи маданияти хеле қадим ва пурифтихори халқи тоҷик аз будани китобхонаҳои пур аз китобҳои пурқимати нодир дарак дорем. Дар вақти низоъ ва кашмакашҳои байни ҳукмдорон сӯхта нобуд шудани махзанҳои китобро

низ маъхазҳои таърихӣ қайд кардаанд. Дар ҳар сурат таъсиси китобхонаҳо ва ҷамъ овардани китобҳо яке аз рукнҳои асосии маданияти мо будааст. Вале китобхонаҳои давлатӣ, ки дар онҳо китобҳои пурарзишро ҷамъ мекарданд, як ҷузъи хазинаи давлат ҳисоб меёфтанд. Китобҳоро ба сандуқҳо зер карда, дар хонаҳои дарбаста нигоҳ медоштанд ва ҳатто олимони забардаст ҳам ба онҳо роҳ ёфта наметавонистанд. Бигирем Абуалӣ ибни Синоро. Ӯ аз будани китобхонаи бузурге дар арки Амири Сомонӣ хабар дошт, лекин ба он роҳ ёфта наметавонист. Ниҳоят, вақте ки амири Сомониро муолиҷа кард, амир ба вай гуфт: –Ҳар чӣ мехоҳӣ, аз ман талаб кун.

Абуалӣ зару зевар талаб накард, мансаб напурсид, фақат иҷозат хост, ки ба вай барои даромадан ба китобхонаи арк рухсат дода шавад.

***Раҳим Ҳошим***

**ЛУҒАТ**

**махзан** – хазина, ганҷ
**маъхаз** – сарчашма, санад
**рукн** – қисми муҳимми ҳар чизе
**ҷузъ** – қисм, ҳисса

**САВОЛ ВА СУПОРИШ**

1. Гӯед, ки кадом аъзоҳои ҷумла чида шудаанд.
2. Шумо ба ягон китобхона аъзо ҳастед?
3. Ба рафтори Абуалӣ Сино чӣ баҳо медиҳед?
4. Ба матн сарлавҳаи мувофиқ гузоред.

***193. Хонед ва мазмуни матнро шарҳ диҳед. Нутқи айнан нақлшударо муайян кунед.***

**ТЕАТР ВА ТАМОШОБИН**

«Саҳна ва толори тамошо, ҳунармандон ва тамошобинон танҳо дар якҷоягӣ ваҳдатро ташкил медиҳанд», – чунин навишта буд Гёте. Ин ибора мазмуни муҳим дорад. Мазмуни намоиш, балет ё шунидани операю консерт хайрхоҳӣ, таассуроти тарафайн, маданияти идрок ва рафтори тамошобинонро тақозо дорад.

Дар робита ба ин масъала ҳунарпешаи Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ Салоҳиддин Шукуров зимни суҳбат  чунин изҳори назар намуд: «Театр ҷои муқаддас аст ва инсонро ба дунёи пур аз маънӣ раҳнамоӣ мекунад. Вақте ки дар айёми донишҷӯӣ дар Донишкада таърихи театрҳои кишварҳои Шарқу Ғарбро мехондем, устодон ба мо мегуфтанд, ки дар театрҳои Москва ва дигар кишварҳо ҳангоми ворид гардидани ҳам ҳунармандон ва ҳам тамошобинон ба театр онҳо пойафзоли махсуси бесадо мепӯшиданд, то оромии театр ва тамошобин  халалдор нашавад.»

Ба гуфти Салоҳиддин Шукуров, дар театр мебояд тамошобинон панҷ дақиқа пеш аз шурӯи намоиш вориди толор гарданд, ҳамин ки чароғ хомӯш гардиду намоиш оғоз меёфт, дигар касе бояд садо набарорад, то анҷоми намоиш касе ҳаққи вориди толор шудан  надорад, зеро театр ҳамин гуна рафтори шоистаро тақозо менамояд.

«Имрӯзҳо чуноне мушоҳида мешавад, баъзе ҷавонон ва ҳам калонсолоне, ки ба театр ворид мешаванд, одоби рафтор дар театрро намедонанд. Онҳо ҳангоми спектакл ба шӯру мағал роҳ медиҳанд, ки ин боиси хиҷолати ҳам ҳунармандон ва ҳам тамошобинони дигар мегардад»,  – зикр намуд Салоҳиддин Шукуров.

Ба андешаи ҳамсуҳбати мо, баҳри бартараф кардани чунин рафтори номақбул бояд волидон аз хурдсолӣ фарзандони худро ба театр ҷалб намоянд. Бахусус зарур аст, ки ба хонандагони мактаб ва донишҷӯёни донишгоҳҳо мутасаддиён пеш аз ба театр омадан чӣ будани театр ва қонуну қоидаҳои рафтор дар онро фаҳмонанд.

Тавре зикр намудем, зимни даромад ба театр то шурӯи спектакл ба ҷои худ нишастан лозим аст. Дер омадан ба ин гуна ҷойҳо аломати тарбияи номақбул доштани инсон дониста мешавад. Дар сурати дер омадан ва барои ба ҷои худ гузаштан аз шахси дар канор нишаста ҳатман иҷозат пурсидан («Иҷозат диҳед, гузарам»), рӯйро ба тарафи нишастагон гардонда, ба ҷои худ нишастан зарур аст.

«Хушбахтона, солҳои охир шумораи тамошобинону мухлисони театр зиёд гардидааст, ки мо инро ҳамарӯза дар толори театрҳо мебинем. Имрӯзҳо ҳам хурдсолону наврасон ва ҳам ҷавонону калонсолон гурӯҳ-гурӯҳ ба театр омада, спектаклҳои писанди дили худро фармоиш медиҳанд. Мо, кормандони театр кӯшиш мекунем, ки бо ҳунари худ табъи тамошобинонро болида гардонем ва диққати онҳоро ба тамошои спектаклҳои театрӣ бештар ҷалб намоем», – зикр намуд мавсуф.

Ба бозии актёрҳо дар театр бо чапакзанӣ баҳо медиҳанд. Вале танҳо баъди анҷоми спектакл, хатми пурраи асари мусиқӣ ё қисми он, баъди хотимаи баромади навбатӣ кафкӯбӣ кардан мумкин аст, зеро кафкубӣ зимни ҳунарнамоӣ мусиқӣ, суруд ва сухани ҳунармандонро пахш намуда, ба дарки пурраи асар ва ҳодисоти саҳна халал мерасонад.

*Зарангези Латиф*

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Шумо театр рафтаед?
2. Дар хона доир ба таассуротатон аз театр нақл нависед.

***194. Матнро ба таври муколама хонед ва истифодаи аломатҳои китобатро дар ҳар як сухан шарҳ диҳед.***

– Ҷавони нағз, намегӯед кӯчаи ба номи Муродҷон Азимов куҷост?

– Кӯчаи Азимов? Мебахшед, бори аввал мешунавам.

– Шумо инҷоӣ нестед?

– Чаро? Ҳаминҷоиям.

– Пас, наход надонед, ки ҳамин хел кӯча бошад.

– Гуфтам-ку, ин хел кӯча нест.

– Ман мегӯям, ки ҳаст.

– Аҷиб. Шояд ин бофтаи хаёли Шумо бошад?

– Не, ҷавони нағз. Ин бофтаи хаёли ман нест. Ин нидои дили ман аст. Ман бовар дорам, имрӯз ё фардо дар ноҳияи шумо сатрҳои «Кӯчаи ба номи Муродҷон Азимов» пайдо мешаванд.

– Намефаҳмам, ин одам қаҳрамони кадом давру замон

аст, ки дар сифоташ ин қадар бо ҳарорат ҳарф мезанед?

– Наход надонед?

– Ба ростӣ, намедонам. Пас, Шумо одами инҷоӣ набудаед.

– Ин хел нагӯед, ман меранҷам.

– Меранҷед? Ҳайф. Шумо аллакай маро ранҷондед, ҷавони нағз.

– Ман?

– Бале! Номи ҳамдиёри қаҳрамони худро надониста…

*Ато Ҳамдам*

## СУПОРИШ

1. Дар ибораҳои ***«ҷавони нағз», «ҳамдиёри қаҳрамон»*** калимаҳои асосӣ ва тобеъро муайян карда, воситаи алоқа ва маъноро дар онҳо шарҳ диҳед.

3. Аз рӯйи мавзӯи «Ҳунар зар аст» дунафарӣ суҳбат ташкил намоед.

**195. Аз рӯйи нақшаи зерин ҷумлаҳо тартиб дода, онҳоро таҳлил кунед.**

1. ____________ ва ________________.
2. __________________, аммо________________.
3. __________________, зеро ки ~~~~~~~~~~~~.
4. __________________, ки ~~~~~~~~~~~~.
5. __________________,~~~~~~~~~~~~.

***196. Матнро хонед ва гӯед, ки дар он чанд ҷумла ҳаст.***

Айёми тобистон офтоби ҷаҳонтоб бар болои сар рост баромада, кӯҳу биёбонро равшан ва гарм намуда буд, лекин ҳарчанд нимрӯзии тобистон бошад ҳам, ҳавои кӯҳсор монанди ҳавои баҳор миёна ва форам буд. Кабкҳои дарӣ гоҳо бар теға ва гоҳо дар камар сайругашт менамуданд. Мурғони хушилҳон бар шохаҳои дарахтони кӯҳӣ нишаста нағмасароӣ ва ғазалхонӣ мекарданд. Ҷӯйчаҳои оби соф, ки аз фарози кӯҳ ба нишеб аз санге ба санге ҷастухез карда мефуромаданд, аз шилдир-шилдири оҳангдори худ бо мурғони нағматироз ҳамовозӣ мекарданд.Гӯсфандон дар хоби ноз, бузғолагон дар такутоз, чӯпонбачагон дар давидан, оҳубар-

рагон дар рамидан, хулоса, ҳар кас, ҳар чиз ва ҳамаи табиат дар олами худ хурсанд ва шодмон буд.

Чӯпонон ва подабонон гала ва рамаҳои худро, ки аз аввали пагоҳ то нимаи рӯз чаронда сер карда буданд, дар камароби соярав оварда, ба истироҳат гузоштанд ва худҳошон ду-ду, чор-чор ба ҳар гуна бозиҳо: найнавозиҳо, ғазалхониҳо ва бадеҳагӯиҳо машғул шуданд.

***Садриддин Айнӣ***

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Дар сархати охир кадом аъзоҳои ҷумла чида шудаанд?
2. Дар бораи тобистони маҳаллатон нақли мухтасар нависед.

# IV. КАЛИМА

## §45. МАЪНОИ ЛУҒАВӢ ВА ГРАММАТИКИИ КАЛИМА

***197. Матни зеринро бодиққат хонед ва муайян кунед, ки кадом калимаҳо ба савол ҷавоб мешаванд, кадомашон не.***

Дар толори мактаби рақами 1-и ш. Кӯлоб ҳафтаи китоб баргузор гардид. Ба ин муносибат Шоири халқии Тоҷикистон Ҳақназар Ғоиб бо хонандагони синфҳои 10-11-ум вохӯрд. Вохӯриро директори мактаб Моҳира Раҳимзода кушода, ҳозиринро бо барномаи чорабинӣ шинос кард. Аз руйи барнома аввал хонандагон дар бораи ҳаёт ва фаъолияти шоир сухан карда, дар қисми дуюм суолу ҷавоб ва шеърхонӣ намуданд. Шоир аз фаъолияти хуби хонандагон ва шеърдонию шеърхонии онҳо ба ваҷд омад. Дар анҷом шоир ба бачаҳо аз китобҳои худ туҳфа кард.

***Ҳадияи Музаффар***

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Шумо дар мактабатон бо ягон шоир вохӯрӣ гузарондаед? Нақл кунед.
2. Ба мисли матни боло шумо ҳам доир ба ягон чорабинии мактабӣ хабар нависед.

**Калима воҳиди асосии забон мебошад. Бо ёрии калимаҳо мо ҷумла месозем ва фикри худро ифода мекунем.**

**Калима ду ҷиҳати ба ҳам алоқаманд: ҷиҳати овозӣ ва маъноӣ дорад.**

**Овоз ё маҷмӯи овозҳои муайяне, ки ин ё он маъноро ифода мекунад, калима номида мешавад. Масалан, калимаи *хона* аз пайвасти овозҳои х-о-н-а сохта шуда, маънои истиқоматгоҳ, ҷойи зистро ифода мекунад.**

**Калимаҳоро аз ҷиҳати ифодаи маъно ба ду гурӯҳи калон ҷудо мекунанд:**

**1. Калимаҳое, ки маънои луғавӣ доранд ва ба савол ҷавоб мешаванд: *об, замин, некӣ, дӯзанда, зебо, дур, ман, мо, рафтан, гуфтан, дирӯз, оҳиста.* Ин гурӯҳи калимаҳо *ҳиссаҳои мустақилмаънои нутқанд.***

**2. Калимаҳое, ки маънои мустақил надоранд ва ба савол ҷавоб намешаванд: *аз, ба, барои, ки, вале, зеро, чунки.* Ин гурӯҳи калимаҳоро *ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ* меноманд.**

**Ба кадом ҳиссаи нутқ тааллуқ доштан ва дорои хусусиятҳои забонӣ будани он маънои грамматикии калимаро ташкил медиҳанд.**

***198 Матнро хонед ва хулосаатонро гӯед. Калимаҳои мустақилмаъно ва ёридиҳандаро муайян кунед.***

**АНДАР ПЕШӢ ҶУСТАН ДАР СУХАНДОНӢ**

Эй писар, бояд ки мардум сухандону сухангӯй бувад ва аз бадон сухан нигоҳ дорад. Аммо ту, эй писар, сухан рост гӯй ва дурӯғгӯй мабош ва хештан ба рост гуфтан маъруф кун, то агар ба зарурат дурӯғе аз ту бишнаванд, бипазиранд. Ва ҳар чӣ гӯйӣ, рост гӯй. Валекин рости ба дурӯғ монанда магӯй, ки дурӯғи ба рост монанда беҳ, ки рости ба дурӯғ монанда, ки он дурӯғ мақбул бувад ва он рост номақбул. Пас аз рост гуфтани номақбул парҳез кун…

***Унсурулмаолии Кайковус***

## ЛУҒАТ

**мақбул** – қабулкардашуда, писандида
**маъруф** – машҳур, шуҳратёфта, шинохташуда
**парҳез** – худдорӣ кардан аз коре, канорагирӣ

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Дар матн ҷумлаҳо бештар бо кадом оҳанг ифода ёфтаанд?

2. Мухотабро дар матн муайян кунед.

3. Байти зеринро аз ёд кунед:

***Дурӯғ одамиро кунад шармсор,***
***Дурӯғ одамиро кунад бевиқор.***

***199. Байтҳои зеринро ифоданок қироат кунед. Маънои калимаҳои ишорашударо шарҳ диҳед.***

**Шараф** чизи таҷовузнопазир аст,
Ҳар он кас ки шараф дорад, **кабир** аст.

***Мирзо Турсунзода***

Одамӣ **баҳри** Ватан гар аз дилу ҷон ҷон диҳад,
Пас, Ватан ӯро **чу** модар умри ҷовидон диҳад.

***Аскар Ҳаким***

**Метапад** дил, мезанад дил, меканам ҷон, зиндаам,
Тоҷикам, ҷон додани ман нест осон, зиндаам.

***Мирзо Файзалӣ***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Дар бораи ифтихори ватандорӣ боз чӣ медонед?

2. Мустақилона се ҷумла нависед, ки мазмуни болоро ифода кунад.

## §46. МАЪНОИ АСЛӢ ВА МАҶОЗИИ КАЛИМА

***200. Ибораҳои зеринро муқоиса намуда бигӯед, ки дар кадом сутун ифодаҳо ба маънои ҳақиқии худ наомадаанд.***

| | |
|---|---|
| ханҷари бурро | забони бурро |
| курсии сахт | одами сахт |
| дарси забон | дарси ҳаёт |
| ангури ширин | сухани ширин |
| садбарги сафед | бахти сафед |

**Ба маънои воқеӣ истифода шудани калима маънои аслӣ ном дорад:** *хонаи калон, китоби хуб, чормағзи пуч.*

**Ба маънои ғайриаслӣ истеъмол шудани калима маънои маҷозӣ ном дорад:** *майнаи пуч, дили гарм.*

**Дар ибораи** *анори ширин* "ширин" **маънои аслии калимаи** ***анор*** **аст. Вале дар ибораи** ***сухани ширин*** **калимаи** "ширин" **ба маънои ғайриаслӣ, яъне** ***маҷозиаш*** **кор фармуда шудааст. Дар ин ибора калимаи "ширин" ба маънии фораму гуворо омадааст.**

**Маҷоз барои ҷозибанок тасвир намудани ашё ва ҳодисаҳои гуногун воситаи муҳимест.**

***201. Ифоданок хонед ва гӯед, ки дар байтҳои зерини Ҳофиз ифодаи «нури чашм» ба кадом маъноҳо омадааст.***

Эй ***нури чашм***и ман, сухане ҳаст, гӯш кун,
То соғарат пур аст, бинӯшону нӯш кун!

Деҳқони солхӯрда чӣ хуш гуфт бо писар,
К-эй ***нури чашм***и ман, ба ҷуз аз кишта надравӣ.

***202. Маънои ифодаҳои ишорашудаи ҷумлаҳои зеринро шарҳ диҳед.***

1. Ҳарчанд эшон ва дуохонҳо **дар пӯст кардани мардум** аз сипоҳ фарқ надоранд, лекин ӯ **ҷони касро ба пахта мегирад** ва дар дасти ӯ гирифторшудагон ҷон додани худро нафаҳмида мемонданд (С.Айнӣ). 2.Модарам **нӯги калобаи чигилшудаи** аҳволи падарамро ёфта буд.

### ЛУҒАТ

**сипоҳ** – лашкар, қӯшун

### САВОЛ

1. Дар мисолҳои боло кадом калимаҳо ба маънои аслӣ ва маҷозӣ омадаанд?

2. Чаро нависандагон чунин ифодаҳоро истифода мебаранд?

***203. Ба саволҳои зерин ҷавоб нависед ва ба маънои калимаҳо диққат диҳед.***

1. Кадом ***ҳиссаи калима*** дар замин ниҳон аст?
2. Кадом ***пул*** ба ҷайб (киса) меғунҷад?
3. Бо кадом ***адад*** моҳӣ гирифтан мумкин аст?

***204. Маъно ва тобишҳои маъноии калимаҳои*** *«сар, забон ва омад»* ***- ро дар ибораву таркибҳои зерин муайян кунед.***

1. Сари кор, сар додан, сари кӯҳ, сари ангур, сар бардоштан, аз сар гузаронидан, сари миз.

2. Забони русӣ, забони модарӣ, забони адабӣ, забони парандагон, забони шеър, забони мурғон.

3. Омади гап, омади кор, омад-омади Аҳмад.

***205 Ибораҳои зеринро маънидод кунед ва бо сетои онҳо ҷумла тартиб диҳед.***

| | |
|---|---|
| сандуқи оҳанин | иродаи оҳанин |
| чормағзи пуч | суханони пуч |
| оши пухта | одами пухта |
| пероҳани сафед | тиллои сафед |
| қалами сиёҳ | тиллои сиёҳ |

## §47. КАЛИМАҲОИ ЯКМАЪНО ВА СЕРМАЪНО

***206. Матнро хонед, калимаҳои якмаъноро муайян кунед.***

**Достони марди ғариб ва дӯсти ӯ**

Марди ғарибе дар шаҳре ворид шуд. Гирди хонае мегашт, ки дар он ҷо маскан гирад. Ба дӯсте бархӯрду аз ӯ кумак хост. Дӯсташ ӯро ба хонаи вайронае бурд, ки ҳуҷраҳо сақф надоштанд ва дару тирезаҳои он аз миён рафта буданд. Чунин хонаи вайронаро ба марди ғариб нишон медоду мегуфт, ки агар сақф медошт, метавонистӣ дар он бимонӣ. Агар як ҳуҷраи дигар ҳам медошт, метавонистӣ ҳамсаратро ҳам ҷо бидиҳӣ. Агар дару тиреза медошт, метавонистӣ дар он осуда бихобӣ!

Марди ғариб гуфт: «Дар канори дӯстон будану сарпаноҳ доштан хуб аст. Лекин, эй дӯсти гиромӣ, дар «агар» наметавон зиндагӣ кард».

***Ҷалолиддини Балхӣ***

## ЛУҒАТ

**ғариб** – мусофир, беватан
**маскан** – ҷойи истиқомат, бошишгоҳ
**сақф** – шифти хона

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Боз кадом маънои калимаи *«дар»*-ро медонед?

2. Мазмуни матнро шарҳ диҳед. Ба марди ғариб дӯсташ маслиҳати хубе дода тавонист?

3. Агар шумо ба ҷойи ӯ мебудед, чӣ кор мекардед?

4. Ин байти Саъдиро аз ёд кунед:

***Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст***
***Дар парешонҳолию дармондагӣ.***

***207. Ҷумлаҳоро нависед ва гӯед, ки дар онҳо калимаи «сар» ба кадом маъноҳо омадааст.***

1. Як **сар**и канабро аз ғарғара гузаронида, ба тарафи берун мефуроранд. 2. Меҳмон ба бозӣ ва парвози гунҷишкони **сар**и дарахт чашмашро дӯхта, ба андеша фурӯ рафта буд. 3. Аз баъзе ҷойҳояш **сар**и ангур намоён мегардид. 4. Баъд аз **сар**и ману ту ҳам ҳисобамон ба қиёмат намонад. 5.Панҷ

нафар тоҷики фидоӣ талабгор шуданд, ки дар **сари** онҳо Дохунда меистад. 6.Ҳамроҳбой ба **сари** келин кардани Гулнор гузашт. 7**. Сари** ин одам калон буд.

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Дар кадом ҷумла калимаи ***«сар»*** ҳаммаънои он ***«калла»-*** ро иваз карда метавонад?

2. Даҳ калимаи мураккаб нависед, ки ҷузъи аввалашон калимаи ***«сар»*** бошад. ***Намуна: сардор, сарнавишт.***

**Калимаҳо якмаъно ва сермаъно мешаванд. Калимаҳое ҳастанд, ки фақат як маъно доранд:** *радио, танк, ғазал, таърих, сабзӣ, пиёз, ангур, қассоб, дуредгар.*

**Гурӯҳи дигари калимаҳо ба ғайр аз маънои аслиашон маъноҳои иловагӣ пайдо кардаанд.** Масалан, калимаи ***дам*** дар алоқамандӣ бо дигар калимаҳо маъноҳои зиёдеро ифода мекунад: ***даме (вақте) ки, дам (хомӯш) нишастан, дам (гап) назадан, дами (маҷро) обро гирифтан, дам кардан (ошро), дами (теғ) корд, дар дами (остона) дар***.

*Гуфтам: Давои дарди диламро хатте навис,*
*Гуфто: **Давот** чун бинависам, **давот** нест?*

***Камоли Хуҷандӣ***

***208. Аз ибораҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.***

Рӯйи одам, рӯйи хотир, рӯйи замин, рӯйи миз; бари курта, бари хона; дами об, дами шамшер.

## §48. МУРОДИФ (СИНОНИМ)

***209. Матнро хонед. Калимаҳои ишорашударо бо ҳаммаъноҳояшон иваз кунед.***

Рӯдакӣ хушу хуррам мақоми **шӯх**еро бо овози паст замзамакунон ба **гузар**и «Кӯйи мисгарон»-и шаҳр омада, ба дари **кулбача**и назарногире дохил шуда, аз роҳрав ба зинапояи гилин ба болохона баромад. Кулба бо ҳавличаи хурдтаракаш ба Маҷ тааллуқ дошт, ки шоир акнун бо вай дӯсти

мунисшуда ва дар ин **мусофирати** худ дар кулбаи вай **манзил карда буд**. Рӯдакӣ дар болохона, ки рост дар болои дари берун воқеъ шуда буд, **иқомат мекард**. Дари болохона ба рӯйи бомчаи **пахни** ҳезумхона **кушода мешуд**, ки ин бомча барои болохона хизмати «рӯйи ҳавлӣ» -ро **адо мекард**.

***Сотим Улуғзода***

## ЛУҒАТ

**мақом** – ин ҷо: номи ҳар як гурӯҳи муайяни оҳангҳои мусиқӣ
**мӯнис** – унсгирифта, ҳамсуҳбат, дӯсти наздик
**тааллуқ** – алоқамандӣ, пайвастагӣ

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Сохти калимаи «***назарногир***»- ро шарҳ диҳед.
2. Рӯдакӣ магар суруд ҳам мехонд?

***210. Гӯед, ки мафҳумҳои зеринро боз бо кадом калимаҳо ифода кардан мумкин аст.***

Ангишт, қӯшун, ахлоқ, ашк, барқ, бемор, бино, бод, бой, камбағал, булбул, ватан, гард, нависанда.

**Ду ва зиёда *калимаҳое,* ки як маъно ё *маъноҳои наздикро* мефаҳмонанд, муродиф ном доранд. Таркиби овозии муродифҳо гуногун, вале маънояшон ба ҳам наздик аст: *ҷаҳон, дунё, гетӣ, даҳр; нодон, сода, гӯл, гумроҳ; хона, кулба, ошён.***

**Муродифҳо бойигарии забон буда, ба воситаи онҳо тобишҳои гуногуни маъноӣ ифода меёбанд.**

***211. Ба ҷойи нуқтаҳо аз силсилаи муродифҳои овардашуда калимаҳои мувофиқро нависед.***

**1. Ором, осуда, сокит, хомӯш.**

Бача ором ва … мехобид. (С.Айнӣ)

**2. Калон, бузург, азим, кабир, аъзам.**

Назар ба гуфти падарам дар ҳафт иқлим аз Сир …тар дарё набудааст ва он чунон … будааст, ки агар дар ин лаби дарё фарёд занам, дар он лабаш шунида намешудааст. (С. Улуғзода)

**3. Гунҷишк.**

Аз …тарсӣ, арзан макор. (Зарбулмасал)

**4. Асо, чӯбдаст, таёқ, сӯта.**

Кунун замона дигар гашту ман дигар гаштам,
… биёр, ки вақти асову анбон шуд. (Рӯдакӣ)

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Дар истифодаи муродифҳо чиро мушоҳида кардед?
2. Маънои калимаи ***«анбон»*** - ро ба хотир биёред.
3. Калимаи ***«кунун»*** бештар дар назм истифода мешавад ё дар наср?

***212. Монандӣ ва фарқи маъноии калимаҳои ишорашударо дар ҷумлаҳои зерин муайян кунед.***

1. Фиребгарӣ, мунофиқӣ, золимӣ дар дарбори Худоёрхон **нафрату ғазаб** ва эътирози Анварро нисбат ба сохти феодалӣ зиёд мекунад (С.Улуғзода). 2.На танҳо дӯст, ҳатто душман ҳам, агар **кӯру аъмо** набошад, пас аз тамошои ин шаҳрҳои замони мо эътироф мекунад, ки сухани обод дар таркиби номи инҳо айнан муносиби ҳол омадааст. 3. Асо ва кампир бо **аламу яъс гиряю нолаи** бисёре карданд. **Доду фарёди** кампири бечора ҷавони бетаҷрибаро аввал гаранг кард ва сонияе чанд ӯро ба гирдоби тардид гузошт…

***Ҷалол Икромӣ***

## ЛУҒАТ

**эътироз** – эродгирӣ, норозигӣ, муқобилат
**аъмо** – кӯр, нобино
**яъс** – ноумедӣ, маъюсӣ
**тардид** – дудилагӣ, шубҳа

***213. Муайян кунед, ки дар ин таркибҳои ҷуфт ҳарду калима ба як маъно истеъмол мешаванд ё не.***

Боғу **роғ,** молу давлат, ҳазлу шӯхӣ, таърифу тавсиф, сайру саёҳат, ризқу рӯзӣ, **долу** дарахт, чизу **чора**, майдаву **чӯйда**, бекасу **кӯй**, молу **ҳол**.

**Баъзе муродифҳо ҷуфтистеъмоланд:** ***азобу шиканҷа, шоду хуррам, бахту саодат.*** **Дар аксари онҳо ҷойи калимаҳо устувор аст . Масалан, муродифи ҷуфтистеъмоли** ***боғу роғ*****ро ба тариқи** ***роғу боғ*** **истифода намекунанд.**

***214. Бо муродифҳои ҷуфтистеъмоли зерин ҷумлаҳо созед.***

Қаҳру ғазаб, таърифу тавсиф, ҳазлу шӯхӣ, ҳилаву найранг, ризқу рӯзӣ, синну сол, сайру саёҳат, тӯю сур.

## §49. ЗИДМАЪНО (АНТОНИМ)

***215. Ҳангоми навиштани ҷумлаҳо калимаҳои ишорашударо аз ҷиҳати маъно шарҳ диҳед.***

1. Танҳо ба баъзе хонаҳо, ки дарҳояшон зич пӯшида нашудаанд, овози гоҳ **пасту** гоҳ **баланд** ба гӯш мерасид. Аз ҷойи дудбарои ҳамон хона байрақчае ба ҳаво баланд мегашту гоҳ ба **рост** ва гоҳ ба **чап** хамида аз нав ғоиб мегашт. **(Фотеҳ Ниёзӣ)**

2. –**Нодон** айб мекунад, **доно** худаш мефаҳмад, – ҷавоб дод Ҳоҷиумар. – Росташро гӯям, ин Туроб ба ман ҳам он қадар маъқул набуд. **(С.Улуғзода)** 3.Зиндагӣ бе **ғаму шодӣ,** бе **нӯшу неш**, бе **нишебу фароз**, бе **талхиву ширинӣ** намешавад. Вале аз **нобарорӣ барор**, аз **ноумедӣ умед**, аз **бесомонӣ сомон** ҷустан ҳам ҳунар аст ва ҳар киро ин ҳунар набошад, ҳамеша ғолиб аст.

***А. Қаҳҳорӣ***

**Калимаҳои муқобилмаъноро зидмаъно (антоним) меноманд:** *нек– бад, дур–наздик, рост–дурӯғ, талх–ширин, субҳ–шом.*

**Калимаҳои зидмаъно яке аз воситаҳои муҳими таъсирбахши ифода намудани фикр мебошанд:**

**Бо** ***бадон бад*** **бошу бо** ***некон наку*****,**
**Ҷойи гул** *гул* **бошу ҷойи хор** ***хор*****.**

**Зидмаъноҳо ҳам ҷуфтистеъмол мешаванд:** ҷангу сулҳ, каму беш, пасту баланд.

***216. Зидмаъноҳоро аз ҷумлаҳои зерин ёбед ва маънои онҳоро шарҳ диҳед.***

1...Ҷавони соҳибҷамол дар байни ҳаёту мамот дасту по мезад. Поезд ба пеш меравад, аммо фикрҳои ман ба ақиб, ба давраи бачагиам бармегарданд. Ман мағлуб шудаам, аммо ин мағлубиятро ғолибият мепиндорам. Ман чӣ қадар мехостам, ки ишқ ғалаба кунад. Масъала хоҳ хурд бошад, хоҳ калон, ҳалли худро талаб мекунад. (А.Шукӯҳӣ) 2. Агар ҳамин хулосаи тахминӣ ҳақиқат бошад, албатта, душманони Муқаннаъ ба ин ҳақиқат иловаҳо дароварда, ин корро тилисм ва аз асари ҷодугарии ӯ мешумуранд. Оммаи дӯстдорони Муқаннаъ ӯро халоскори худ медонистанд. (С.Айнӣ) 3. Ба падараш ширро сафед гӯянд, сиёҳ мегӯяд. Зиндагонро. -ку ҳурмат намекунед, ақаллан мурдагонро ҳурмат кунед. (Р.Ҷалил) 4.Шикамсер чӣ парвои шикамгурусна дорад.

***(Зарбулмасал)***

## ЛУҒАТ

**тилисм** – ҷоду

***217. Зарбулмасалу мақолҳои зеринро хонед, сохти зидмаъноҳоро муайян кунед ва маънои онҳоро шарҳ диҳед.***

1. Дӯст мезанад табарвор,
   Душман мезанад шакарвор.
2. Аз дӯсти нодон душмани доно беҳтар.
3. Ҷавонию тавонӣ – пирию нотавонӣ.
4. Ба некномӣ мурдан беҳ аз ба бадномӣ зистан.

***218. Матни зеринро нависед, калимаҳои зидмаънoро муайян карда, тарзи сохта шудани онҳоро гӯед.***

Зан тамоми сулфаю атсаи шавҳарашро натиҷаи баҷою беҷо бо халқ суханронии ӯ мепиндошт. (Р.Ҷалил) Ман то он вақт дар навиштаҳои худ калимаҳои *пойдор, нопойдор*ро кор фармоям ҳам, аз тарси он ки омма намефаҳманд, *«напояд»* – ро кор намефармудам. (С.Айнӣ) Ҳам хурду ҳам калон хандакунон ҷавоб медоданд... (Р. Ҷалил)

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Зидмаъноҳои калимаҳои зеринро ёбед ва бо онҳо ҷумла тартиб диҳед: ***хандакунон, тарсончак.***

2. Калимаҳои «*гушнагӣ» ва «серӣ*» аз ҷиҳати таркиб аз калимаҳои «*гушна» ва «сер*» чӣ фарқ доранд?

## §50. ҲАМГУНА (ОМОНИМ)

**219. Ҷумлаҳоро хонда муқоиса кунед.**

1. Китобро ду бор хондам. Ин борро аз куҷо харидӣ?
2. Ӯ чангро хуб менавозад. Чанги либосатро тоза кун.
3. Занг зада шуд. Дег занг зад.

**Ҳамгунаҳо (омонимҳо) калимаҳоеанд, ки шаклан якхела буда, маъноҳои гуногунро ифода мекунанд:** *тор – торик; тор – нахи ресмон; тор – фарқи сар; тор – асбоби мусиқӣ; шона–асбобе, ки мӯйи сарро ба тартиб медарорад, шона–устухони китф.*

***220. Ин байтҳоро навишта, муайян кунед, ки калимаи «тор» кадом маъноҳоро ифода намудааст.***

Ҷомаи ҷон чок шуд, ***тор***е зи пироҳан бибахш,
К-аз чунон ришта тавон пайванд кард ин чокро.

***Абдураҳмони Ҷомӣ***

Обканде дидаму бас ***тор*** ҷой,
Лағз-лағзон чун дар ӯ бинҳанд пой.

***Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ***

Гарчи пулдорист дар олам маноти эътибор,
Ғам махӯр аз бепулӣ, бепул, ки дарё бепул аст.

**Абдулқодирхоҷаи Савдо**

### ЛУҒАТ

**пироҳан** – курта
**обканд** – гузаргоҳи сел, селроҳа
**манот** – воситаи ба даст овардани эътибор

***221. Бо калимаҳои зер ҷумлаҳо созед. Гӯед, ки ин навъи ҳамгунаҳо (омонимҳо) чӣ хел пайдо шудаанд.***

**Намуна: се бор – се дафъа, маротиба; себ ор – себ биёр.**

*1. Як бор бигуфтамат, ки* ***себ ор*** *ба ман,*

*Аз боги латофатат ду* ***себ ор*** *ба ман.*
***Се бор*** *биомадӣ, наовардӣ себ,*
*Эй ваъда хилоф карда* ***се бор*** *ба ман.*

2. Дутор – номи яке аз асбобҳои мусиқӣ; ду тор – таноб, тори либосовезонкунӣ;

3. Инсон (одам) – ин сон (ин хел).

4. Ҷӯшо́н (оби ҷӯшон) – ҷӯшон (обро ҷӯшон).

***222. Бо истифода аз калимаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.***

**Кор**: 1.амалиёт; 2.феъли фармоиши **кор**идан; **Рон:** 1.**рон**-рони по; 2.феъли фармоиши **рон**дан; **Пар: 1.**қанот 2.феъли фармоиши **пар**идан; **Парда**: 1.пардаи дару тиреза. 2.пардаи якум, дуюм ва ғайра дар намоишномаҳо; **Гард**:1. феъли фармоиш (аз гардондан). 2. **гард** (гарду чанг).

## §51. ЛУҒАТҲОИ ТАФСИРӢ (ЯКЗАБОНА) ВА ДУЗАБОНА

**Фароҳам овардан, шарҳ додан ва аз як забон ба забони дигар тарҷума кардан вазифаи фарҳангнигорӣ ё луғатнигории забон аст. Фарҳангҳо (луғатҳо, қомусҳо) гуногун мешаванд: фарҳанги (луғати) этимологӣ, фарҳанги шева, фарҳанги имло, фарҳанги осори адибон, фарҳанги калимасозӣ, фарҳанги омонимҳо, синонимҳо, антонимҳо.**

**Инчунин фарҳангҳо (луғатҳо) якзабона, дузабона ва чандзабона (тарҷумавӣ) мешаванд.**

Дар фарҳангҳои дузабона маънои калимаву ибораҳои як забон ба забони дигар тарҷума шудаву шарҳ меёбанд. Агар калима дорои маънои зиёди луғавӣ бошад, ҳамаи маъноҳои он муайян карда мешаванд. Чунончи, дар фарҳанги дузабона (тарҷумавӣ):

**Меҳрубон** – добрый, ласковый, нежный, любимый, милосердный; Модари меҳрубон – ласковая мать. (Аз «Луғати русӣ – тоҷикӣ»)

Намунаи фарҳангҳои (луғатҳои) дузабона: "Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ" (2006), "Русско-таджикский словарь" (1985) **Фарҳангҳои тафсирӣ калима ва баъзан таркибу ибораҳои як забонро маънидод намуда, тобишҳои маъноии онҳоро бо овардани мисолҳо аз эҷодиёти шоирону нависандагон, асарҳои илмӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ, воситаҳои ахбори омма нишон медиҳанд.** «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ (нимаи аввали асри 11) намунаи аввалини луғати тафсирии форсию тоҷикист. **Дар фарҳангҳои тафсирӣ, аз ҷумла, дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» (иборат аз ду ҷилд, (2008) маъноҳои калима ба воситаи таъриф ва овардани якчанд маънои он шарҳ дода мешаванд. Чунончи:**

**Забон 1.** узвест иборат аз порчаи гӯшти мутаҳаррик дар даҳон, лисон; 2. воситаи ифодаи фикр ва алоқа бо мардум, нутқ.

### СУПОРИШ

1. Маънои калимаҳои ***«мактаб, омӯзгор»*** ва ***«хондан»***-ро шарҳ диҳед ва нависед.

2. Аз рӯйи ашёе, ки дар хона ва мактаб бо онҳо кор мекунед, фарҳанги тафсирӣ тартиб диҳед.

## §52. НАМУНАИ ТАҲЛИЛИ ЛУҒАВӢ

**Вай** дар чеҳраи мизбон осори хастагӣ мушоҳида намуд.

Ин ҷумла аз 7 калимаи мустақилмаъно: *вай, чеҳра, мизбон, осор, хастагӣ, мушоҳида намудан* ва калимаи ёридиҳандаи *дар* (пешоянд) иборат аст.

**Вай** – ӯ,ҷонишини шахсӣ, шахси сеюми шумораи танҳо

**Дар** пешоянд буда, маънои мустақили луғавӣ надорад.

**Чеҳра** рӯй, талъат; сермаъно буда, ба маънии симою сурат низ меояд.

**Мизбон** – соҳибхона, меҳмондор, касе, ки меҳмонро пазироӣ мекунад.

**Осор** вожаи сермаъно буда, маъноҳои нишону аломат, таъсир, хотира ва самараю натиҷаро ифода менамояд.

## §53. ТАКРОРИ БОБИ «КАЛИМА»

**Дониши худро аз рӯйи саволнома санҷед:**

**1. Он ҳиссае, ки дорои маънои луғавӣ ва грамматикӣ мебошад, чӣ ном дорад?**

A) Калима;
B) Ҳиҷо;
C) Бандак;
D) Морфема;
E) Асос.

**2. Зидмаъноҳои калимаҳои зеринро муайян кунед:** нек, гармӣ, ободӣ.

A) Нек - бадӣ; гармӣ- гарм; обод-вайронӣ
B) Нек - накуӣ; гармӣ -шукуфоӣ; обод- вайрон;
C) Нек - хуш; гармӣ- нармӣ; обод- хуррам;
D) Нек - бад; гармӣ-сардӣ; обод-вайрон;
E) Нек- хушҳол; гармӣ- ширинӣ; обод- вайронӣ.

**3. Кадоме аз ин калимаҳо муродифи «дунё»-анд?**

A) Олам, ҷаҳон, гетӣ, даҳр;
B) Олам, меҳан, табиат;
C) Ҷаҳон,кишвар, зодгоҳ;
D) Мамлакат, олам, ватан;
E) Дунё, давлат, макон.

**4. Хабар чӣ гуна жанр аст?**

А) Иттилои нав мерасонад;

В) Барои иҷрои хоҳише навишта мешавад;

С) Мардумро хушҳол мегардонад;

D) Мардумро барои иштирок дар чорабиние даъват мекунад;

Е) Нутқро хушобуранг мегардонад.

**5. Барои хушҳол гардондани мардум ва ислоҳи нуқсонҳои зиндагӣ (рафтору гуфтори одамон) кадом жанр ба кор меравад?**

А) Ариза;

В) Забонхат;

С) Латифа;

D) Хабар;

Е) Зарбулмасал.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Маънои аслӣ ва маҷозии калимаро бо мисолҳо фаҳмонед.
2. Калимаҳои сермаъно ва якмаъно аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд?
3. Ҳамгуна (омоним) чист?
4. Фарҳангҳои тафсирӣ аз фарҳангҳои дузабона чӣ фарқ доранд?

***223. Матнро бодиққат хонед. Калимаҳои якмаъно ва сермаъноро ёбед ва шарҳ диҳед.***

### ДАРДИ ПАДАР

Хурд будам. Бо падарам дар пуштаҳо дарав мекардам. Ӯ ҳар гоҳ маро таъкид мекард, ки ҳушёр бошам, то ба поям хоре нахалад, дос ба ягон ҷоям нарасад. Аз таъкидҳои зиёди ӯ ғашам меомад. Рӯзе тифоқо ба поям хоре халид. «Оҳ!» гӯён ба ҷоям нишастам ва хорро аз поям дур кардам. Падарам аввал таскинам доду сипас сабук-сабук танбеҳ намуд.- "О, дард кунад, пойи ман дард мекунад, ба Шумо чӣ? Ин

қадар воҳима мекунед?!" – аз алами дард дуруштӣ кардам ба падар. Бечора чизе нагуфт, танҳо ба кадом як маъние сар ҷунбонду халос. Солҳо гузаштанд. Боре ба нияти ёди айёми кӯдакӣ бо писарчаам ба пуштаҳо баромадам. Ҳангоми сайругашт ногоҳ ба пои писарчаам хоре халид ва ӯ «Оҳ» - гӯён дар ҷояш нишаст. Вуҷудам таконе хӯрд, гумон кардам, ки хори ба пои ӯ халида ба дилу ҷигари ман расид. Ин дам ҳамон ҳодисаи алафдаравӣ бо падарам ба хотирам омад. Акнун фаҳмидам, ки он вақт дарди кӣ зӯртар будааст. Ва шармзадаву хиҷолатманд гардидам.

***Абдурауф Муродӣ***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Магар дар ҳақиқат *хор* ба дилу ҷигари кас мехалидааст? Ин калима боз кадом маъноҳоро ифода мекунад?
2. Хулосаатонро доир ба мавзӯи матни боло гӯед.

***224. Матнро хонда, мазмуни онро шарҳ диҳед. Муродифи калимаҳои ишорашударо ёфта маънидод кунед.***

### ВОХӮРӢ БА ХОТИРИ БАЧАҲО

Дирӯз дар **мактаби** рақами 1-и ноҳияи Восеъ вохӯрии кормандони мақомоти давлатӣ бо падару модарон баргузор гардид. Мақсад аз баргузории вохӯрӣ ҷалби **бештар**и падару модарон ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», дарки масъулият ба фаъолияти фарзандон дар таҳсил буд. Дар вохӯрӣ сардори шуъбаи корҳои дохилии ноҳия, раиси ҷамоати шаҳрак, мудири шуъбаи маориф, директори мактаб ва волидони фаъол суханронӣ намуданд. Зимни суҳбат **рафтор**и баъзе хонандагони синфи 11, ки боиси нигаронии **омӯзгор**он гардидааст, муҳокима гардида, падару модарони онҳо огоҳонида шуданд.

***Насриддин Охунзода***

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Матни боло чӣ хусусият дорад?
2. Аз рӯйи саволҳои «Чӣ?», «Кай?», «Дар куҷо?»… шумо ҳам хабаре нависед

# V. ТАРКИБИ КАЛИМА. КАЛИМАСОЗӢ ВА ИМЛО

## §54. КАЛИМАСОЗӢ ВА ИМЛО

***225. Калимаҳои ҳар ду сутунро нависед ва фарқи онҳоро шарҳ диҳед.***

| | |
|---|---|
| хо-на-гӣ | хона-гӣ |
| ба-ро-мад | бар-омад |
| о-ма-дам | омад-ам |
| ки-то-бам | китоб-ам |

**Калимаҳоро мо на танҳо ба ҳиҷоҳо (хо-на-гӣ), балки ба ҳиссаҳои луғавию грамматикӣ низ ҷудо карда метавонем. Масалан, дар калимаи *«гулҳо»* маънои луғавӣ дар ҷузъи «гул» ва маънои грамматикӣ бо ёрии ҷузъи «-ҳо» ифода ёфтааст. Ҳар ҷузъи калима, ки маънои луғавӣ ё маънои грамматикиро ифода мекунад, морфема номида мешавад.**

***226. Матнро хонед. Калимаҳои ишорашударо ба ҳиссаҳои маънодор ҷудо кунед.***

Боре дар деҳа **зани** девонаеро **дидам**. Чанд кӯдаки **нодон** аз қафои ӯ **медавиданд**. Баланд механдиданду мазоҳомез ба ӯ забон менамуданд, бо масхара **кирдорашро** тақлид мекарданд.

Девона **оташин** гашт. Хам шуду аз зери по сангеро **бардошт** ва хост ба тарафи **кӯдакон** ҳаво диҳад. Дастони бардошта дар ҳаво муаллақ монданд. Ӯ ҳам модар буд. Шояд **тифлаш** ба ёд омад.

***Латофат Кенҷаева***

## ЛУҒАТ

**муаллақ** – овезон

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Маънои мақоли «***Фарзанд азиз, одобаш аз вай азизтар»*** -ро шарҳ диҳед.
2. Бо одамони камақл чӣ гуна муносибат кардан лозим аст?

***227. Рубоии халқиро ифоданок қироат кунед ва онро аз ёд намоед. Калимаҳои ишорашударо аввал ба ҳиҷоҳо ва баъд ба ҳиссаҳо ҷудо кунед.***

**Намуна: мурғони, мур-ғо-ни, мурғ-он-и.**

Наврӯз **шуду лолаи хушранг баромад,**
Булбул ба тамошои дафу чанг баромад.
**Мурғони** ҳаво ҷумла **бикарданд** парвоз,
Мурғи дили ман аз **қафаси** танг баромад.

## §55. РЕША ВА КАЛИМАҲОИ ҲАМРЕША

***228. Хонед ва гӯед, ки калимаҳо чӣ гуна умумияти маъноӣ доранд.***

Адаб, беадаб, боадаб, адабгоҳ, адабистон, адабӣ, беадабона, беадабӣ; даст, бедаст, ҳамдастӣ, даста, дастак, дастакӣ, дастгоҳ, дастор, дастпона, дастур, дастӣ, бедаста, ҳамдаст; омад, баромад, даромад, ноомад, фуромад, баромадгоҳ, даромадгоҳ, фуромадгоҳ.

***Реша*** **ҳиссаест, ки** ***маънои асосии калимаро*** **ифода намуда, ба ҷузъҳои дигар тақсим намешавад. Решаро бо** ***камонак*** ***(*** ⌒ ***)*** **ишора мекунанд.**

**Боғ**бон, **кор**гар, нодо**н**, бе**корӣ**, **гулистон**, бар**вақт**, **сухан**вар, бо**адаб**, **панҷ**а, **дастгоҳ**.

***229. Калимаҳоро нависед ва қисми асосиро дар онҳо муайян кунед.***

Хубӣ, ҳамроҳ, бофаросат, коргар, корманд, Тоҷикистон, даста, ҳафта, чашма, даштӣ, кӯҳӣ, хонагӣ, беғайрат, бадӣ, обдон, некӣ, бачагона.

***230. Калимаҳои сутуни аввалро ба сутуни дуюм муқоиса кунед ва фарқи онҳоро гӯед.***

| | |
|---|---|
| хона - хонагӣ, ҳамхона | хонаҳо, хонача. |
| омадам - баромадам, даромадам | наомадам, меомадам. |

**Аз як реша бо иловаи пешванду пасвандҳо калимаҳои зиёд месозанд. Чунин калимаҳоро ҳамреша мегӯянд. Калимаҳои *ҳамреша* аз ҷиҳати маъно гуногунанд:** ҳамкор, коргар, корманд, ҳамкорӣ, бекорӣ, бекор, корзор.

**Баъзе пасванду пешвандҳо фақат шакли калимаро тағйир медиҳанд, бо иловаи онҳо маънии калима дигар намешавад:** хона - хонача; хона - хонаҳо; хона - хонае; дидам - бидидам.

***231. Ҳамрешаҳои калимаҳои ишорашударо ёбед. Намуна:*** *хона, хонагӣ, хонадон, ҳамхона.*

**АВВАЛ ТАОМ, В-ОН ГАҲ КАЛОМ**

Мо ба **хона даромадем.** Бой чуту дафтарро ба пеши худ гирифт. Ӯ ҳай чут мезад, ҳай дафтарҳоро бо хатту рақам **сиёҳ** мекард. Дар ин миён **хизматгор** ош кашида оварда, ба пеши мо монд, аммо бой ба ош ҳам нигоҳ накарда кори худро давом дод. Ман ки **гурусна** монда будам, ба ӯ гуфтам:

– Биёед, аввал таомро хӯрем, «аввал таом, в-он гаҳ калом» –гуфтаанд.

***Садриддин Айнӣ***

***232.Бо калимаҳои ҳамрешаи зерин ҷумлаҳо созед.***

Баромад, даромад, ноомад, наомад, фуромад, баромадгоҳ, даромадгоҳ, фуромадгоҳ; шабакӣ, шабгун, шабина, шабона; гулзор, гулшан, гулистон.

***233. Аз калимаҳои зер калимаҳои ҳамреша созед.***

***Намуна**: рафт, рафтор; гул, гулзор, гулшан, гулистон.*

Даст, сухан, гандум, боғ, бародар, хизмат, корд, хона, омадам, хабар, сабз, рафт, сафед, қалам.

## §56. ПАСВАНД (СУФФИКС)

***234. Номи ашёи дар расмҳо инъикосёфтаро нависед ва гӯед, ки онҳо ба якдигар чӣ муносибат доранд. Дар онҳо ҳиссаи калимаеро, ки баъди реша омада калимаи нав сохтааст, нишон диҳед.***



**Он *ҳиссаи калима*, ки пас аз реша ва асоси феъл омада, *маъно ё шакли онро дигар мекунад, яъне калимаи нав месозад, пасванд* номида мешавад:** кор-**гар**, боғ-**бон**, чашм-**а**, нек-**ӣ**, бача-**гона**, ҳафт-**а**, хон-**иш**, дид-**ор**. Пасвандро бо ин аломат ишора мекунанд: дидор.

***235. Муайян кунед, ки пасвандҳо дар калимаҳои ишорашуда аз кадом решаҳо калимаҳои нав сохтаанд.***

Агар гуфтан сим аст, **хомӯшӣ** зар аст.
Агар коҳ аз ту нест, **коҳдон** аз ту аст.

***Авҳадии Мароғӣ***

Фарзанд агарчи **айбнок** аст,
Дар чашми падар зи айб пок аст.

***Абдуллоҳи Ҳотифӣ***

***236. Бо пасвандҳои «–ӣ, -гор, -она» калимаҳо сохта, онҳоро ба шакли нақшаи поён нависед.***

пурс, дон, хон, сӯз, варз, осо, гӯ → иш

чашм, даст, даҳан, ранг, дандон, гӯш, димоғ → а

***237. Калимаҳои аз решаю пасванд сохташударо навишта таҳлил кунед.***

– Медонӣ, Расул, рӯзҳои хурсандӣ дар ҳаёти ман, албатта, кам набуданд. Орден доданд - хурсандӣ кардам; ордер доданд - хурсандӣ кардам; соли бистум аскарони сурх аспи ҷангӣ доданд - хурсандӣ кардам. Ман бо аскарони сурх мегаштам, сурнайнавози отряд будам ва дар роҳҳои ҷанг фуки аспи ман ба сари аспи командир мерасид. Ин ҳам бароям хурсандӣ буд.

Вале хурсандии нахустин ва калонтарини ман ин набуд.

Ман он вақт бачаи ёздаҳсола будам ва гӯсолабонӣ мекардам. Падарам ба ман аввалин бор дар ҳаётам чоруқ гирифта дод. Дили ман аз шодӣ чунон лабрез буд, ки дар ифодааш сухан оҷизӣ мекашид. Аз дараю пайраҳаҳое, ки дирӯз сангҳои сарди теғдораш пойҳои маро захмин мекарданд, акнун бебокона роҳ мепаймудам. Ман акнун аз болои ин сангҳо дилпурона қадам мезадам ва аз сахтию сардии онҳо наметарсидам.

***Расул Ғамзатов***

## ЛУҒАТ

**отряд** – даста, гурӯҳ, қисм

**чоруқ** – пойафзоли бепашм, дастидӯхт аз чарми хоми гов, ки бандҳояшро ба соқи по мепечонанд.

## СУПОРИШ

1. Ба калимаҳои ***«ҷанг, ҳаёт, сард, сурнайнавоз»*** пасванди ***«-ӣ»*** илова карда, калимаи нав созед ва маънои онҳоро шарҳ диҳед.

2. Дар хона дар бораи ҳодисаи нави маҳаллаатон хабар нависед, ки дар он замон, макон, мавзӯъ, ҷолибияти воқеа ва сарчашмаи хабар ишора ёбад.

## §57. ПЕШВАНД (ПРЕФИКС)

***238. Аз ин панд сифатҳоро ёбед, ба онҳо савол гузоред. Калимаҳои** «беватан», «бечаман» **-ро ба ҳиссаҳои маънодор ҷудо карда, мазмуни пандро шарҳ диҳед.***

Шахси беватан булбули бечаман.

***239. Калимаҳои зеринро ба ҳиссаҳо ҷудо кунед ва аз онҳо ибораҳо созед.***

***Намуна:*** *бачаи* ***ба****-маънӣ.* ***Ба*** *калимаи нав сохтааст.*

Боумед, бамаънӣ, баодоб, бардурӯғ, баркамол, бардавом, даргузар, ҳамсинф, нарафт.

**Он *ҳиссаи маънодори калима,* ки *пеш аз реша* ё *асоси* феъл омада, *маънои онро тағйир медиҳад, яъне, калимаи нав месозад, пешванд* номида мешавад: *ҳам*-*соя,* *бар*-*вақт,* *бар*-*ҳаво,* *дар*-*ҳол,* *бар*-*омадан,* *во*-*хӯрдан,* *но*-*хост,* *но*-*чор*. Пешвандҳоро бо аломати ( ¬) ишорат мекунанд.**

***240. Матнро нависед, пасвандҳоро ишора кунед.***

**ҒОЛИБОН ҚАДРДОНӢ ШУДАНД**

Ҳафтаи гузашта дар толори Маркази кӯдакону наврасони ноҳияи Ҳисор ҷамъбасти озмуни «Ихтироъкорони наврас» баргузор гардид. Дар он ғолибони даври якуми озмун аз миёни хонандагони синфҳои 5-9 муайян карда шуданд. Ба маҳорати хонандагон ҳайати ҳакамон аз ҳисоби беҳтарин мутахассисон баҳогузорӣ намуданд. Ҷойи якум насиби Раҳимҷон Орифӣ, хонандаи синфи 7-уми литсейи №2-и ноҳия бо пешниҳоди асбоби каммасрафи барқӣ, ҷойи дуюм насиби Аминаи Саидҷон, хонандаи синфи 5-уми мактаби № 15 бо пешниҳоди дастгоҳи худкор, ҷойи сеюм насиби Ворис Салимзода, хонандаи синфи 8-уми гимназияи №3 бо пешниҳоди дастгоҳи ангурчинӣ гардид.

Ғолибони озмун бо туҳфаҳои хотиравӣ ва ифтихорномаҳо қадрдонӣ шуданд.

***Эҳсони Хушбахт***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Дар мактаби шумо чунин озмунҳо баргузор мегарданд?

2. Аз натиҷаи озмуни ба наздикӣ дар мактабатон баргузоргашта хабаре нависед, ки дар он калимаҳои пешванду пасванддор истифода шуда бошанд.

***241. Калимаҳои пешванддорро ба ду гурӯҳ ҷудо намоед:***

***1. Пешвандҳое, ки маънои калимаро дигар мекунанд, яъне калимасозанд. 2. Пешвандҳое, ки фақат шакли калимаро тағйир медиҳанд, яъне шаклсозанд.***

Ҳамсоя, нодон, наомад, нохост, бармаҳал, баромадан, мехонам, бирав, боодоб, барҳаво, намеравам, нагир.

***242. Аз рӯйи нақшаи зерин даҳ калима созед.***



– Пешванд + реша

– реша + пасванд

–Пешванд + реша+ пасванд

***Намуна:*** *бе +кор, кор +гар, бе+ кор +ӣ*

**Эзоҳ: Баъзан дар калимасозӣ аз миёнванд (инфикс) ҳам истифода мешавад. Чунончи:** *дав+о+ дав; гуфт+у+гӯ: калима + миёнванд + калима.*

***243. Ба ин калимаҳо пешвандҳои «бо-, бе-, но-, ҳам-» ҳамроҳ намуда, калимаҳои нав созед.***

Суръат, адаб, одоб, озор, зарар, маънӣ, хабар, ғайрат, ҳисоб обрӯ, фаҳм, шараф, шуур, боб, бино, дон, маълум, пурра.

***244. Ба амали дар расмҳо тасвиршуда ном гузошта, калимаҳоро аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.***





***245. Муайян кунед, ки дар ибораю ҷумлаҳои зер ҷузъҳои (морфемаҳои)*** *«бо, бе, ба»* ***ҷаро дар як маврид ҷудо ва дар мавриди дигар якҷоя навишта мешаванд.***

1. Бачаҳо бо якдигар ҷанг карда бошанд, **ба** ту чӣ? (С.Айнӣ) 2. Шуморо **бо** самимият табрик мегӯям. Нодира имтиҳонро **бо**муваффақият супорид. 3. **Ба** маънии ин байт сарфаҳм намеравам. 4. Кӯдаки **ба**маъниро кӣ дӯст намедорад? 5. Ӯ **бе**гуноҳ аст.

*Бе мураббӣ зери гардун муътабар натвон шудан,*
*Моҳи навро рафта-рафта чарх оламгир кард.*

***Сайидои Насафӣ***

Олими **бе**амал – занбӯри **бе**асал. (Зарб.)

## СУПОРИШ

1. Мазмуни байти боло ва зарбулмасалро шарҳ диҳед.
2. Дар хона дар бораи нақши омӯзгор матне нависед, ки дар калимаҳои он пасванду пешвандҳо истифода шуда бошанд.

## §58. АСОС ВА БАНДАК

***246. Ҷумлаҳоро нависед. Калимаҳои ишорашударо ба ҳиссаҳо ҷудо кунед.***

1. Ҳамаи ин чизҳое, ки ман **гуфтам,** ҳаминро нишон **медиҳанд**. 2. Амон аз **чойи** гарме, ки дар **пешаш** гузошта шуда буд, як лаб тар намуда, ба Мирзо Иброҳими Субҳӣ нигоҳ карда гуфт: «Вазифаи мо **хондан аст**. Ман **муаллимам**, шумо **шогирдед».**

**Ҳиссаи пеш аз бандак омадаи калимаро *асос* меноманд: китоб**-ам, **хона**-и ман, **хонда**-ам, **омада**-аст. Реша, пасванду пешванд асоси калимаро ташкил медиҳанд. Асосҳо сода (**гули** сурх), сохта (**гулдони** ман, **ҳамкорам**), мураккаб (**гулдастаи** зебо) мешаванд. Асосро бо аломати ⌴ ишора мекунанд.

***247. Ҷумлаҳои зерро хонда, асос ва решаи калимаҳоро ҷудо кунед ва фарқи асосу решаро гӯед.***

1. Номи аслии ин одам Қорӣ Исмат аст. Аммо баъзеҳо «Қорӣ Исмати Ишкам», баъзеҳо «Қорӣ Исмати Ишкамба» ва баъзе дигарон кӯтоҳ карда, «Қорӣ Ишкамба» гуфтан мегиранд. (С.Айнӣ) 2. ...Дилгирии аз ин дарсҳо пайдошударо бо шеърхонӣ бартараф мекардам. (С.Айнӣ)

**Қисми пас аз асос омадаи калимаро бандак меноманд. Бандакҳо чор хел мешаванд: *бандаки изофӣ, бандакҷонишинҳо, бандакҳои феълӣ ва бандакҳои хабарӣ.* Бандакро бо аломати □ ишора мекунанд: вазифаи хонагӣ.**

***248. Матнро нависед. Дар калимаҳои ишорашуда асос ва бандакро бо аломат ишора кунед. Намуна: бародарам***

Ҳар гоҳ аз сари ҷӯй баромада, ба пайи ин кӯҳпора расед, дар рӯ ба **рӯятон** монанди «оббурда» як шикофе **мебарояд**. Дар аввали дидан шумо гумон мекунед, ки оби борон бо мурури замон аз **қуллаи** кӯҳ ба поён шорида, рафта–рафта дили сангро чок карда ин ҷоро **кофтааст**. Ҳамин ки аз рахна даруннтар меравед, фиреб хӯрдани худатонро мефаҳмед ва мебинед, ки шикоф оббурда набуда, роҳи танги печ дар пече **будааст**. Гӯё барои пинҳон доштани вай аз **чашми** душман дар қалъаи ҷангие ин роҳро **сохтаанд.** Ин роҳи пурпечу хам чунон торик аст, ки гӯё аз бағали кӯҳ нақб зада бошанд.

**Садриддин Айнӣ**

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Нависанда ба кӣ мурочиат кардааст?
2. Маънии калимаи «нақб»-ро шарҳ диҳед.

## §59. БАНДАКИ ИЗОФӢ

**Бандаки изофии *-и* калимаҳоро ба ҳам алоқаманд намуда, ибораи изофӣ месозад:** орзуи хондан, фардои дурахшон, хониши булбул, ҷавони боистеъдод.

***249. Матнро хонед. Гӯед, ки бандаки изофӣ дар ибораҳо кадом вазифаро иҷро кардааст.***

Таҳамтан дам гирифта, кӯфти роҳро баровард. Амир ба гуфтори ширини дилфиреб ӯро ба шикор даъват кард:

–Дар ин наздикӣ шикоргоҳе дорем, ки дар вай гала-гала нахчир мегардад, оҳувон ва гӯрон бешумор. Оё майли шикор надорӣ?

Рустами шикордӯст аз гуфтори ӯ ба шавқ омад.

Ба шикоргоҳ равон шуданд. Завора бар дасти рости Рустам ва Шағод бар дасти чапаш асп меронданд. Ба дашти нахчир расида, саворон ба ҳар сӯ пароканда шуданд, то ки нахчирро аз кӯҳу дараҳо ба дашти кушод ронанд. Рустам ва Завора дар интизории бад-ин сӯ ронда шудани нахчир бешитоб бо роҳе, ки дар вай чоҳҳо буданд, мерафтанд. Рахш бӯйи хоки навро фаҳмида беқарор гашт, рам хӯрд ва истода ба замин наъл кӯфт. Рустам, ки чашми ҳушу хирадашро шароб пӯшонда буд, боиси рам хӯрдану наъл кӯфтани вайро ҷӯё нашуда, яке нарм тозиёнааш зад, Рахши дар миёнаи ду чоҳ истода ба пеш пой партофт ва ҳамон лаҳза ду пойи пешаш ба чоҳ фурӯ рафт.

***Сотим Улуғзода***

### ЛУҒАТ

**гӯр** – хари ваҳшии биёбонӣ, гӯрхар
**рам хӯрдан** – тарсидан, ҳаросидан

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Ибораи «***чашми ҳушу хирад***» чӣ маънӣ дорад?

2. Дар замони мо чаро шикори баъзе намуди ҳайвонот манъ шудааст?

3. Гунаҳгори ба чоҳ фурӯ рафтани асп кӣ буд?

4. Дар бораи аспи Рустам ягон маълумот доред, нақл кунед.

***250. Аз калимаҳои зерин ибораҳои изофӣ созед. Намуна:*** *чашма–чашмаи шифо.*

Чашма, санг, дарахт, қалам, духтарон, дарс, дӯзанда, дуредгар.

***251. Аз барномаҳои телевизион ва радио хабари шунидаатонро дар бораи ҳаёти мактаббачагон нависед. Ба мавқеи бандаки изофӣ аҳамият диҳед.***

## §60. БАНДАКҶОНИШИНҲО

***252. Матнро хонед. Калимаҳои ишорашударо ба ҳиссаҳои маънодор ҷудо кунед. Гӯед, ки ҳиссаҳои «-ам, -ат,-аш...» чиро ифода мекунанд.***

– Эй ватани азизи ман, ки модари ҳақиқии ман мебошӣ, зудтар маро ба оғӯши марҳамати худ каш! Модари ҷисмонии ман маро зоида бошад, ту маро парвариш карда расондай! Модари **ҷисмониам** маро зоида, барои ба балоҳо гирифтор шудани ман сабаб шуда бошад, ту маро ва монанди ман **фарзандҳоят**ро аз балоҳо халос карда, тарбия карда расонда истодаӣ! Ман то ҷон дар бадан дорам, аз хизмати ту сар наметобам ва агар лозим шавад, **сарамро, танамро, ҷонам**ро дар роҳи ту фидо мекунам!... Ҳайфо, ки ман ҳоло оббозиро намедонам, то ки ин дарёи пурмавҷро бурида гузашта, ба хоки муқаддаси ту бӯса занам; афсӯс, ки ман парандагон барин болу пар надорам, то ки аз болои ин оби беамон парида гузашта, насими рӯҳафзои туро то сер шудан фурӯ кашида, захираи зиндагонии худ кунам...

***Садриддин Айнӣ***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Чаро меҳри ватанро ба меҳри модар баробар медонанд?

2. Ибораҳои «***модари ҷисмонӣ*** ва ***модари маънавӣ***» - ро аз ҷиҳати маъно шарҳ диҳед.

3. «*Сар тофтан*» чӣ маънӣ дорад?

4. «*Муқаддас*» аломати кадом калимаҳо шуда метавонад?

**Бандакҷонишинҳо бештар ба исмҳо ҳамроҳ шуда, ба кадом шахс тааллуқ доштани предметро мефаҳмонанд. Онҳо ба се шахс: шахси *якум, дуюм, сеюм* ва ду шумора: шумораи *танҳо ва ҷамъ* далолат мекунанд.**

| Шахс | Шумора | |
|---|---|---|
| | Танҳо | Ҷамъ |
| Якум | -ам (-ям) | -амон (-ямон) |
| Дуюм | -ат (-ят) | -атон (-ятон) |
| Сеюм | -аш (-яш) | -ашон (-яшон) |

падарам (падари ман) – падарамон (падари мо)
падарат (падари ту) – падаратон (падари шумо)
падараш (падари вай) – падарашон (падари онҳо)
бобоям – бобоямон
species бобоят – species бобоятон
бобояш – бобояшон

***253. Калимаҳои зеринро бо ёрии бандакҷонишинҳо тасриф кунед.***

Худ, бародар, бобо, китоб, дугона, орзу, гул, фарзанд, хондан, гуфтан.

**Маънои соҳибиятро ғайр аз бандакҷонишинҳо (китобам) боз чунин ифода кардан мумкин аст:** китоб *аз ман*, китоби *ман*, китоб *аз они ман*.

***254. Дар хона тасрифи ду исмро бо бандакҷонишинҳо нависед.***

## §61. БАНДАКҲОИ ФЕЪЛӢ

***255. Нависед. Фаҳмонед, ки шахсу шумораи феъл бо ёрии кадом ҳиссаи калима ифода меёбанд.***

Ман мерав**ам**. Ту мерав**ӣ**. Вай мерава**д**.

Мо мерав**ем**. Шумо мерав**ед**. Онҳо мерав**анд**.

**Бандакҳои феълӣ ба асосҳои феъл ҳамроҳ шуда, ба шахсу шумора далолат мекунанд.**

***Тасрифи феъли*** *гуфтан* ***дар замонҳои гузашта ва ҳозира***

| Шахс | Шумора | |
|---|---|---|
| | Танҳо | Ҷамъ |
| 1. Гӯянда | гуфт**ам** мегӯ**ям** | гуфт**ем** мегӯ**ем** |
| 2. Шунаванда | гуфт**ӣ** мегӯ**ӣ** | гуфт**ед** мегӯ**ед** |
| 3. Ғоиб | гуфт (о) мегӯ**яд** | гуфт**анд** мегӯ**янд** |

***256. Ҳикоятро хонед. Феълҳоро навишта, шахсу шумораи онҳоро муайян кунед.***

### ҲИКОЯТ

Ду бародар буданд, яке хизмати султон кардӣ ва дигаре ба саъйи бозувон нон хӯрдӣ. Боре он бародари тавонгар ин дарвешро гуфт:

– Чаро хизмати султон накунӣ, то аз машаққати кор кардан бираҳӣ?

Гуфт:

–Ту чаро кор накунӣ, то аз мазаллати хизмат раҳоӣ ёбӣ, ки ҳукамо гуфтаанд: «Андак-андак нони худ хӯрдан ва нишастан беҳ, ки камари заррин бастан ва ба хидмати амирон истодан».

**Байт:**

Ба даст оҳаки тафта кардан хамир
Беҳ аз даст бар сина пеши амир.

***Саъдии Шерозӣ***

## ЛУҒАТ

**мазаллат** – хорӣ, хорию зорӣ
**тафта** – гудохташуда, сӯзон
**ҳукамо** – ҳакимон, донишмандон

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Калимаи «*андак-андак*»-ро шарҳ диҳед.

2. Ифодаи «*Яке хизмати султон кардӣ*»-ро боз чӣ хел баён кардан мумкин аст?

3. Барои шумо кадомаш беҳтар: ***бо меҳнат пул ёфтан ё тайёр хӯрдан?***

***257. Матнро хонед. Ба ҷойи нуқтаҳо бандакҳои феълии мувофиқро гузоред.***

Котиби ҳозира низ шахси аҷоиб аст. Боре нутқи ӯро шунида буд..., дар бораи замин бо чунин эҳсосоте сухан мекард. Мадҳияе буд ба замин нутқи ӯ. Шарики ҳамеша ғамхори мо дар рӯзгор, манзили доимӣ ва абадии мо замин аст. Бори дигар ӯро дар доираи маҳдудтари муаллимон, сардорони участкаҳои таҷрибавии назди мактабҳо дид... . Ин дафъа боҳарорат талаб мекард, ки ба деҳқонбачагони хурдсол маданияти баланди истифодаи замин ва зироаткориро бояд омӯхт. Онҳо бояд огоҳ бош..., ки ҳатто дар хориҷа аз ҳар ваҷаби замин чӣ гуна фоида мебар... . Ӯ ба тариқи мисол нақл кард, ки деҳқони чашмикордон ҳар сол аз замини обӣ чанд ҳосил мегир... . -Марҳамат, муаллим, бисёртар витамин хӯр..., ба назди табиб камтар мерав... . Ба хаёли ман, пешрафти иқтисодро худи набзи ҳаёт, ҳатто, метавон гуфт, худи ҷисми инсон талаб мекун... .

***Фазлиддин Муҳаммадиев***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Ибораҳои «***набзи ҳаёт, набзи дил***»-ро муқоиса карда, фарқи онҳоро вобаста ба маънои аслӣ ва маҷозии калимаҳо гӯед.

2. Дар ҷумлаи шашуми матн «*маданияти баланд*»-ро «*фарҳанги баланд*» гуфтан мумкин аст?

***258. Шеърро ифоданок хонед ва нависед. Бандакҳоро муайян карда, онҳоро ишора кунед.***

Тоҷикистон, Тоҷикистон,
Мекунам шукри каму бисёри ту,
Мекунам шукрона аз озарму аз озори ту.
Аз ту ман сарват намехоҳам,
Ватан ҳастӣ, бас аст,
Бо хасу хорат баробар зиндагӣ кардан бас аст.

***Бозор Собир***

**ЛУҒАТ**

**озарм** – ин ҷо ба маънои раҳму шафқат

## §62. БАНДАКҲОИ ХАБАРӢ

***259. Муайян кунед, ки бандакҳои ишорашуда чиро ифода мекунанд.***

1. Арбоб, ман то як соат ба ту меҳмон**ам**. 2. Дар хона ҳама пазмони ту**анд**. 3. Магар душман ҳамин қадар нодон **аст**? 5. Ба фикри шумо, сабаби ин чи**ст**? 6.Ман хонандаи синфи панҷум**ам**.

**Бандакҳои хабарӣ аз бандакҳои феълӣ бо он фарқ мекунанд, ки онҳо бо исм, сифат, ҷонишин, сифати феълӣ омада, хабари ҷумларо ташкил мекунанд ва шахсу шумораи онро нишон медиҳанд.**

| Шахс | Танҳо | Ҷамъ |
|---|---|---|
| 1. | коргар**ам** | коргар**ем** |
| 2. | коргар**ӣ** | коргар**ед** |
| 3. | коргар **аст** | коргар**анд** |

**Бандаки хабарии *«-аст»* ба ҷуз феъл аз дигар ҳиссаҳои нутқ ҷудо навишта мешавад:** омадааст - коргар аст, пешқадам аст.

***260. Латифаро хонед, вазифаю фарқи бандакҳои феълию хабариро муайян кунед.***

Хачири Талҳакро бидуздиданд. Яке мегуфт:
– Гуноҳи туст, ки аз паси хачир бохабар нашудӣ.
Гуфт:
– Гуноҳи меҳтар аст, ки дари тавила баргузоштааст.
Гуфт:
– Пас, дар ин сурат duздро гуноҳе набошад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Аз матни боло чӣ хулоса баровардед?

2. Дар калимаи ***«бидуздиданд»*** кадом бандак истифода шудааст?

**Пас аз исмҳои бо садонокҳои "*и, о, у*" тамомшаванда дар бандакҷонишини *«-ам, -ат, -аш»* ва бандаки хабарии *«-ам»* ба ҷойи ҳарфи "*а*" ҳарфи "*я*" навишта мешавад:** бобоям, дониаш.

***261. Хонед ва нависед. Ҳикматҳоро шарҳ диҳед. Гӯед, ки дар калимаҳои ишорашуда кадом ҳодисаи овозӣ мушоҳида мешавад.***

**АЗ МОСТ, КИ БАР МОСТ.**

Ҳар мусибате, ки ба сари одамӣ меояд, натиҷаи ғафлату саҳлгириии худи ӯ ё хиёнати наздикони **ӯст**, ҳар неку бад аз амали худи кас сар мезанад.

Ва ин масал бад-он овардам, то бидонӣ, ки ин меҳнат худ ба худ паймудаӣ ва дари ин ранҷу машаққат худ бар худ кушодаӣ. Охир, зи кӣ нолам, ки «аз **мост**, ки бар **мост»**.

***Аз «Анвори Суҳайлӣ»***

**Аз паси зулмат басе хуршедҳост.**
Баъди навмедӣ басе уммедҳост,
Аз паси зулмат басе **хуршедҳост.**

***Аз «Амсолу ҳикам»***

**Бандаки хабарии "*-аст*" пас аз як миқдор калимаҳои бо садонокҳо анҷомёфта ихтисор мешавад:** кӣ аст - кист, чӣ аст - чист, аз (они) ӯ аст - аз (они) ӯст, аз они мо аст- аз (они) мост.

***262. Матнро хонед ва бандакҳои хабариро ёфта, имлоя-***

***шонро шарҳ диҳед.***

Аз ҳакиме пурсиданд:

– Он чист, ки агарчи ҳақ бошад ҳам, гуфтанаш норавост?

Гуфт:

– Худро мадҳу сано кардан.

Гуфтанд:

– Кадом биност, ки ҳаргиз хароб нашавад?

Гуфт:

– Адл.

Суҳбати он кас, ки сидку сафост,
Домани ӯ гир, к-аз аҳли вафост.

**СУПОРИШ**

• Дар хона ягон латифае нависед ва бандакҳои хабарии онро ишора намоед.

## §63. СОХТИ КАЛИМА. КАЛИМАҲОИ СОДА

***263. Калимаҳоро бодиққат хонед ва ба сохти онҳо таваҷҷуҳ намоед.***

| | |
|---|---|
| 1. Одам | 2. Одамгарӣ |
| хона | бехона |
| китоб | китобдор |
| синф | ҳамсинф |
| 3. Чойхона | 4. Чусту чолок |
| одамдӯст | наваду се |
| ватанпарвар | сохта шудан |
| панҷсад | ҳол он ки |

**Калимаҳо аз рӯйи сохт *сода (гул), сохта (гулзор), мураккаб (гулпарвар), таркибӣ (гулу хор)* мешаванд.**

***264. Ба таркиби калимаҳо зеҳн монед. Оё онҳоро ба ҳиссаҳои маънодор ҷудо карда метавонем?***

Китоб, баланд, дӯст, олӣ, калон, паст, боло, илм, ташна, хона, кор, санг, кам, меҳмон, савдо, сар, ангушт, ҳавлӣ,

ҳалво.

**Калимаҳои *сода* ба ҳиссаҳои маънодор ҷудо намешаванд. Онҳо калимаҳои решагианд:** хона, модар, гул, мактаб, меҳр.

***265. Матнро хонед ва калимаҳои содаи онро муайян кунед.***

Варзиш аз ҷумлаи фаъолиятҳои ҷисмонӣ ва зеҳниест, ки саломатии инсонҳоро ҳифз мекунад. Варзишро қосиди сулҳ мегӯянд. Вақте мардум дар майдон футболбозии варзишгарони Сурия ё Афғонистон барин кишварҳоеро, ки садои тиру тӯпашон ҷаҳонро меларзонад, мебинанд, ба ин гуфта қоил мешаванд. Варзиш мардумонро ба ҳам дӯст мегардонад, агарчи он сабқат ва рақобат дорад. Дар ҷумҳурии мо ба варзиш таваҷҷуҳи махсус зоҳир мешавад.

*Эҳсони Хушбахт*

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Шумо ба кадом навъи варзиш майл доред?
2. Оё шумо дар ягон мусобиқаи варзишӣ ширкат кардаед?
3. Дар хона аз рӯйи асарҳои бадеӣ ё рӯзномаву маҷаллаҳо 5 ҷумла нависед ва калимаҳои содаи онро муайян намоед.

## §64. КАЛИМАҲОИ СОХТА

***266. Ҷумлаҳоро нависед, таркиби калимаҳои ишорашударо муайян кунед.***

1. Оби зулоли **чашма** ширгарм буд ва дар рӯйи он буғи тунук нарм-нарм печ мезад. (Ф. Муҳаммадиев) 2. Дар як гӯшаи суфа як **нақорачӣ**, як **сурнайчӣ** ва ду доирадаст нишаста менавохтанд… (С.Айнӣ) 3. **Ҳамроҳи** нав номи маро пурсид. Ман ҳам аслу насаби ӯро пурсидам. (Ф. Муҳаммадиев) 4. Саҳари **барвақт** ҳанӯз офтоб паҳн нашуда, аробаи онҳо ба роҳ даромад. (Ҷ.Икромӣ)

**Калимаҳое, ки ғайр аз реша, пасванд ё пешванд доранд, калимаҳои со*хта* номида мешаванд:** боғ+**бон**, хирад+**манд**, **но+**дон, **ҳам+**синф, **но+**хост, даст+**а**.

***267. Матнро хонед ва калимаҳои сохтаи онро муайян кунед.***

Ибни Сино (980 - 1037) дар миёни аҳли илми ҷаҳонӣ мавқеи хосаро соҳиб аст. Ба хусус, дар соҳаи тиб беҳамтоии ӯ маълум аст. Ибни Сино дар кӯдакӣ чун тамоми ҳамсолонаш бозӣ карданро дӯст медошт. Рӯзе– ҳангоми бозӣ пирамарде ба ӯ мегӯяд: «Ту бисёр ҳам доно ҳастӣ, дар оянда олим хоҳӣ шуд, ба ту бозӣ кардан намезебад, рав, дарс хон». Ибни Синои хурдакак ба ӯ чунин ҷавоб медиҳад: «Ҳар синну сол ба худ тақозое дорад, бозӣ ҳам зебандаи кӯдакон аст, тақозои ҳар синну солро ба ҷо овардан лозим».

***Абдусаттори Наҷмиддин***

**ЛУҒАТ**

**маъхаз** – сарчашма
**тақозо** – талаб, дархост, хоҳиш, даъво

**САВОЛ ВА СУПОРИШ**

1. Дар бораи Ибни Сино ягон маълумоти дигар доред?
2. Шумо бештар бо кадом бозиҳо машғул мешавед?
3. Дар хона аз рӯйи китобҳои бадеӣ 5 ҷумлае нависед, ки калимаҳои сохта дошта бошанд.

## §65. КАЛИМАҲОИ МУРАККАБ

***268. Матнро хонед ва нависед, ба сохти калимаҳои ишорашуда диққат диҳед.***

Гӯштин як навъ бозии маъруфи миллии тоҷикон аст. **Гӯштингирӣ** дар маъракаҳои тӯй, ҷашн, идҳо ва мусобиқаҳои махсуси **қувваозмоӣ** ба хотираи шахсони машҳур барпо мегардид.

**Калимаҳое ҳастанд, ки аз ду ва ё якчанд *реша* сохта мешаванд. Ин хел калимаҳоро калимаҳои мураккаб меноманд:** модаркалон, чордаҳ, гулдаста, хорпушт, пешқадам, қадбаланд, мактаббача.

***269. Матни хабари зеринро хонед ва калимаҳои мураккаби онро муайян намоед.***

**БЕҲТАРИНҲО БА ДАВРИ ВИЛОЯТӢ**

Дар мактаби рақами 5-и ноҳияи Бохтар даври ноҳиявии олимпиадаи фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ баргузор гардид. Дар он 50 нафар довталаб аз синфҳои 5 - 11-и тамоми мактабҳои ноҳия иштирок карданд. Ба донишу маҳорати хонандагон мутахассисони шуъбаи маорифи ноҳия ва раёсати вилоят баҳогузорӣ карданд. 15 нафар хонанда дар мусобиқа ғолиб омада, сазовори ифтихорнома гардиданд. 6 нафар хонандаи фаъол ба даври вилоятӣ роҳхат гирифтанд.

***Манучеҳр Ҳабибзода***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Дар мактаб ва ноҳияи шумо олимпиадаҳои фаннӣ чӣ тавр мегузаранд?
2. Бо истифодаи калимаҳои сохта ва мураккаб доир ба озмуни ба қарибӣ баргузоршуда хабаре нависед.

***270. Ба ашёи дар расм буда аҳамият диҳед ва онҳоро номбар кунед. Аз рӯйи аз руйи расм нақле нависед, ки дар он калимаҳои муракаб истифода шуда бошанд.***



## §66. КАЛИМАҲОИ ТАРКИБӢ

***271. Ба сохти калимаҳои зер диққат диҳед ва гӯед, ки онҳо аз калимаҳои сохта ва мураккаб чӣ фарқ доранд.***

Ҷумҳурии халқии Хитой, пасту баланд, бисту панҷ, вақте ки, рафта буд, ҳар кас, болову поён.

**Калимаҳои таркибӣ калимаҳое мебошанд, ки аз ду ва зиёда ҷузъҳои алоҳида ташкил шудаанд:** рӯзу шаб, рафтанӣ ҳастам, бо вуҷуди он ки...

***272. Матнро хонед, калимаҳои таркибиро ёфта нависед ва имлои онҳоро шарҳ диҳед.***

Ба Беҳрӯз ҳолатҳои аҷоибе рӯй медод. Гоҳ ҳушёру зирак ва чусту чолок мешуд, гоҳ сусту гаранг ва карахту хаппак. Гапи гуфтааш, кори кардаашро гоҳ медонист, гоҳ намедонист ва зуд фаромӯш мекард. Дирӯз бо аммааш чун одами бегона муомила кард, гӯё ки ӯро бори аввал дида бошад.

– Ин кас кӣ? – ба аммааш ишора карда пурсид модараш.

– Намедонам, – ҷавоб дод Беҳрӯз.

– Чӣ хел намедонӣ? Ин кас аммаат Ҳалима.

– Намешиносам.

Боре директори мактаб Сиддиқов, ки роҳгузар будааст, ба хонаи онҳо даромада, Беҳрӯзро хабар гирифт. Вай бо директор ҳам бепарвоёна муносибат намуд. Модараш холаи Салима аз чунин рафтори писараш дилаш сиёҳ шуда, ғаму ғусса мехӯрд.

– Хола, зиқ нашавед, ғам нахӯред, – модарро тасаллӣ дод директор, – одами нав аз бистари бемориӣ хестагӣ ҳамин хел. Лекин оҳиста-оҳиста мисли пештара шуда меравад.

– Аз забонатон гардам, додар, илоҳо, гуфти шумо шавад, –андаке рӯҳ гирифта гуфт холаи Салима. – Афташа бинед, дуппа-дуруст, сип-сиҳат, ягон ҷояш дард намекунад…

***Бобо Ҳоҷӣ***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Кадом исмҳои таркибӣ бо ҳарфи калон навишта мешаванд?

2. Мақоли «Тани сиҳат – бехи давлат» чӣ маънӣ дорад, шарҳ диҳед.

## §67. ТАҲЛИЛИ ТАРКИБИ КАЛИМА

**Муайян кардани ҳиссаҳои калима: *реша, пешванд, пасванд, асос ва бандак, сохт ва имлои он.***

Калимаи **сиёҳидонча** ба чор ҳисса (морфема)-и маънодор ҷудо мешавад: **сиёҳ** маънои луғавӣ дошта, рангро мефаҳмонад. Ҳиссаҳои дигар маънои грамматикӣ доранд: **-ӣ** ҳамчун пасванд аз сифати **сиёҳ** исми **сиёҳӣ** сохтааст, **-дон** зарфият ва **–ча** хурд будани чизро мефаҳмонад. Дар калимаи **сиёҳидонча** реша **сиёҳ** буда, аз ин реша бо ёрии пасвандҳо калимаҳои ***сиёҳӣ, сиёҳидон,сиёҳидонча*** сохта шудаанд. Дар ин калима се марҳилаи калимасозиро мушоҳида мекунем: сиёҳ + ӣ; сиёҳӣ + дон; сиёҳидон+ча. Аз рӯйи сохт мураккаб буда, ҷузъҳои он якҷо навишта мешаванд.

**Таҳлили пурраи таркиби калима бо ишораи аломатҳо.**

| **Шарҳ** | **Асос** | | | **Бандак** |
|---|---|---|---|---|
| | **Пешванд** | **Реша** | **Пасванд** | |
| Аломатҳои ишоратӣ |  ҳам+синф+ӣ | | | – амон |
| Калима | ҳамсинфӣ | | | – амон |

## 68. ТАКРОРИ БОБИ «ТАРКИБИ КАЛИМА, КАЛИМАСОЗӢ ВА ИМЛО»

**Дониши худро аз рӯйи саволнома санҷед:**

**1.Таркиби пурраи калима аз кадом ҷузъҳо иборат аст?**
A) Пасванд ва пешванд;
B) Реша ва пешванд;
C) Асос ва бандак;
D) Пешванд, реша, пасванд, асос, бандак,;
E) Асос, бандак ва реша.

**2. Бандакҳо чанд хел мешаванд? Кадомҳо?**
A) 4 хел;
B) 2 хел;
C) 3 хел;
D) 5 хел;
E) 6 хел.

**3. Калимаҳо аз рӯйи сохт чанд хел мешаванд?**
A) 2 хел;
B) 4 хел;
C) 3 хел;
D) 5 хел;
E) 6 хел.

**4. Асоси калимаро чӣ ташкил мекунад?**
A) Пасванд ва пешванд;
B) Пешванд ва реша;
C) Пешванд, реша, пасванд;
D) Реша ва пасванд;
E) Асос ва реша.

**5. Кадом намуди жанр моро аз навигариҳо огаҳ мекунад?**
A) Ариза;
B) Забонхат;

C) Латифа;
D) Хабар;
E) Эълон.

**6. Барои таъмини иштироки мардум дар ягон чорабинӣ кадоме аз ин жанрҳо ба кор меравад?**

A) Ариза;
B) Забонхат;
C) Эълон;
D) Хабар;
E) Мақол.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Таърифи решаи калимаро бо мисолҳо шарҳ диҳед.
2. Пасванд чист?
3. Чиро пешванд меноманд?
4. Чӣ гуна калимаҳоро ҳамреша мегӯянд?
5. Вазифаи бандаки изофӣ аз чӣ иборат аст?
6. Бандакҷонишинҳо ба чӣ далолат мекунанд?
7. Фарқи бандакҳои феълиро аз хабарӣ бо мисолҳо фаҳмонед.
8. Бандаки хабарии «*-аст*» дар кадом маврид ҷудо навишта мешавад?

**ТАРКИБИ КАЛИМАРО АЗ ҶАДВАЛИ ЗЕР ОМӮЗЕД.**

| Асос | | | Бандак |
|---|---|---|---|
| **пешванд** | **реша** | **пасванд** | |
| ҳам- | кор | -ӣ | -ямон |
| бо- | ақл | -ӣ | - |
| ҳам- | суҳбат | - | - |
| | муаллим | -а | -ам |

***273. Шеърро ифоданок хонед, асос ва бандакҳоро бо аломатҳо муайян кунед.***

**ДӮСТОНРО ГУМ МАКУН**

То тавонӣ, дӯстонро гум макун,
Дӯстони меҳрубонро гум макун.
Дар ҷаҳон бе дӯст будан мушкил аст,
Мушкилосонкункасонро гум макун.
Дӯстро аз дӯст, ҷонам, фарқ кун,
Дӯсти пайванди ҷонро гум макун.
Чашмаи илҳоми мо халқ асту бас,
Халқи машҳури ҷаҳонро гум макун.
Зинати боғ аз гули хандон бувад,
Мисли гул хандонлабонро гум макун.
Дӯст ояд, гарм дар оғӯш гир,
Расми хуби тоҷиконро гум макун.
Халқи олам дӯст бо мо гаштааст,
Ваҳдати халқи ҷаҳонро гум макун.

***Мирзо Турсунзода***

**САВОЛ ВА СУПОРИШ**

1. Шоир фикрашро бо кадом оҳанг (савол, амр, хитоб) ифода кардааст?
2. Сохти калимаҳои ***«мушкилосонкункасон»*** ва ***«хандонлабон»*** - ро шарҳ диҳед.
3. Шоир чиро тарғиб кардааст?

***274. Бахшида ба фарорасии Наврӯз ба ягон шахси наздикатон табрикнома нависед ва аз калимаҳои сохта, мураккаб ва таркибӣ истифода баред.***

# VI. САРФ (МОРФОЛОГИЯ) ВА ИМЛО

## §69. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ДАР БОРАИ ҲИССАҲОИ НУТҚ

**Калимаҳои забони тоҷикиро** аз рӯйи маънои луғавию хусусиятҳои грамматикиашон ба **даҳ ҳиссаи нутқ** ҷудо мекунанд: ***исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл, зарф, пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача ва нидо***. Исм номи ашёву ҳодиса (пахта, абр, замин), сифат аломати ашё (сурх, баланд, гарм, зебо), шумора миқдори ашёро бо адад (сад, ҳазор), феъл амалу ҳаракат (рафтан, нишастан) ва зарф аломати амалро (дирӯз, оҳиста) ифода мекунанд.

**Ҳиссаҳои нутқро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: мустақилмаъно ва ёридиҳанда.**

**Ҳиссаҳои мустақилмаънои нутқ (исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл, зарф) маънои луғавӣ доранд ва ба ин ё он савол ҷавоб мешаванд:** *модар, об, сафед, омад, панҷоҳ, ту, зуд...*

**Ҳиссаҳои ёридиҳанда (пешоянду пасояндҳо, пайвандакҳо) маънои луғавӣ надоранд. Онҳо муносибат ва алоқаи байни калимаю ҷумлаҳоро таъмин мекунанд.**

**Ҳиссача ва нидо ҳиссиёту ҳаяҷонро ифода карда, ба ҷумла тобишҳои гуногуни маъноӣ мебахшанд.**

**Сарф (морфология) як қисми грамматика буда, ҳиссаҳои нутқ, шакл ва сохти онҳоро меомӯзад.**

**Имло маҷмӯи қоидаҳо оид ба дуруст навиштани калимаҳост.**



***275. Матнро хонед. Бо саволгузорӣ маънои калимаҳоро муайян кунед.***

**ҲИКОЯТ**

Чунин шунидам, ки Зулқарнайн гирди олам бигашт ва ҳама ҷаҳонро мусаххари хеш гардонид ва бозгашту қасди хона намуд. Чун ба Домғон расид, фармон ёфт. Дар васият гуфт: «Маро дар тобуте ниҳед ва тобутро сӯрох кунед ва дастҳои маро аз он сӯрох берун кунед кафкушода ва ҳамчунон баред, то мардумон бинанд, ки агарчи ҳама ҷаҳон бистадем, дасттиҳӣ ҳамеравем».

***Унсуралмаолии Кайковус***

**ЛУҒАТ**

**васият** – панду насиҳат ва супориши шахс пеш аз марг
**Зулқарнайн** – Искандари Мақдунӣ (Македонӣ), сарлашкари машҳури юнонӣ
**қасд** – азм, оҳанг, ният
**мусаххар** – тасхиркардашуда, мағлубкардашуда, тобеъ
**ситадан** – гирифтан, зӯран ба даст овардан
**фармон ёфт** – фавтид, мурд, вафот кард

**САВОЛ**

1. Ҳадафи ин панд чӣ аст?

2. Аз рӯзномае матни хабареро нависед ва ба зери калимаҳои мустақилмаънои он хат кашед.

## §70. ИСМ ВА АЛОМАТҲОИ САРФИИ (МОРФОЛОГИИ) ОН

***276. Байтҳоро қироат кунед ва мазмунашонро шарҳ диҳед. Калимаҳои ба саволҳои кӣ?, киҳо? чӣ?, чиҳо? ҷавобшавандаро ба ду сутун нависед.***

Бародар он бувад, ки рӯзи сахтӣ
Туро ёрӣ кунад дар тангбахтӣ.

Бичӯ дилшон ба хулқу хубрӯӣ,
Ки ин аст, эй бародар, некхӯӣ.

Гурги даранда, гарчи куштанӣ аст,
Беҳтар аз мардуми ситамгор аст.

Аз бади гург растан осон аст
В-аз ситамгор сахт душвор аст.

***Носири Хусрав***

**Исм** ҳиссаи нутқест, ки **номи предмету ҳодисаҳоро** ифода карда, ба саволҳои **кӣ? (киҳо?), чӣ? (чиҳо?)** ҷавоб мешавад: *чӯб, даст, подабон, барқ, ақл, дониш, истироҳат, Душанбе, сухан, шиноварӣ, деҳқон.*

**Исм бо аломатҳои сарфӣ (морфологӣ) - яш аз дигар ҳиссаҳои нутқ фарқ мекунад. Шумора (хона, хонаҳо), соҳибият (хонаам) ва номуайянӣ (хонае) аломатҳои асосии сарфии исм мебошанд.**

***Исм* калимаи арабӣ буда, маънояш *ном* аст.**

***277. Матнро хонед ва исмҳоро ёбед.***

Луғат калима аст. Ҳамаи калимаҳоро таркиби луғавии забон ва ё лексика мегӯянд. Кас ҳар қадар ки бисёр луғат (калима) донад, ҳамон қадар равшану дақиқ сухан мекунад, китобу асарҳо ва сухани дигаронро ҳам хуб мефаҳмад. Шарҳу маъноҳои гуногуни калимаҳо дар фарҳангҳо (китобҳои луғат) дода мешаванд.

Аз фарҳанг шумо метавонед муайян кунед, ки калимаи корбарандаатон мақсадатонро айнан ифода мекунад ё не.

Қалимаҳои ҳангоми хондан ва ё шунидан нафаҳмидаатонро аз фарҳанг пайдо карда метавонед.

***Олим Ғафуров***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Ба матн номи мувофиқ гузоред.
2. Дар матн муродифҳо вомехӯранд?

***278. Нависед, исмҳоро бо ҳарфи «и» ишора кунед.***

• Бидонед: бинотарин чашм он аст, ки дар роҳи хайр боз шавад.

• Шифои нодонӣ пурсиш аст.

• Танҳоӣ аз ҳамнишини бад беҳтар аст.

• Беш аз се рӯз қаҳр ҷойиз нест.

• Аз нодонӣ ҳамин бас, ки ҳар чӣ медонӣ, изҳор кунӣ.

*Аз «Панҷсад ҳадис»*

**ЛУҒАТ**

**амин** – вакил; амонатдор

**ҷоиз** – иҷозат додашуда, раво, мумкин

**САВОЛ ВА СУПОРИШ**

1. Шифои нодонӣ чӣ будааст?
2. Панду андарзҳоро аз ёд кунед.

***279. Муродифҳои исмҳои зеринро ёбед ва бо истифодаи онҳо 5 ҷумла тартиб диҳед.***

Азм, шубҳа, хоксорӣ, доройӣ, деҳқон, офтоб, қувват, лашкар, дӯст, бошишгоҳ, одат.

## §71. ВАЗИФАИ ИСМ ДАР ҶУМЛА

***280. Хонед ва гӯед, ки исмҳо ба вазифаи кадоме аз аъзои ҷумла омадаанд.***

1. Чашмҳо сӯйи осмон буданд. (М. Турсунзода)

2.Тағоиям ҳамон рӯз ба саҳро баргашт. Ман як рӯз аз қассоб гӯшт харидам. (С. Айнӣ)

**Исмҳо дар ҷумла бештар мубтадо ва пуркунанда шуда меоянд: Насимҷон бародарашро** навозиш кард.

Исм инчунин ба вазифаи **хабар, муайянкунанда ва ҳол** омада метавонад: Қодир **варзишгар аст**. Оби **ҷӯй** ях бастааст. Дар **кӯҳҳо** ҳам зимистон ҳукмфармост.

***281. Порчаи шеъриро нависед ва ба вазифаи кадом аъзои ҷумла омадани исмҳоро шарҳ диҳед.***

### НАВРӮЗӢ

Эй дӯст, биё, боз ба Наврӯз расидем,
Нав қисса бипардоз, ба Наврӯз расидем.
Дар пардаи гул бод наво карда парешон:
Эй мурғи хушовоз, ба Наврӯз расидем.
Эй боғи гулафшон, бағали боз муборак,
Мо ҳам ба дили боз ба Наврӯз расидем...

***Сайёд Ғаффор***

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Мухотабҳоро ёбед.
2. Дар бораи ҷашни Наврӯз чӣ маълумот доред?
3. Чаро калимаи *«Наврӯз»* бо ҳарфи калон навишта шудааст?



***282. Матнро бодиққат хонед. Муайян кунед, ки исмҳо дар ҷумла ба вазифаи кадом аъзоҳои ҷумла омадаанд.***

### СИТОРА

Ин ситора ҳар шаб – қарибиҳои субҳ пайдо мешавад. Ба гумонам, вай барои ман саҳаргоҳон метобад. Ба ин гӯшаи ситоразори осмон соатҳо чашм медӯзам.

Дар ин шабҳои сокиту пурасрор, дар ин олами ахтарон ин ситора бо ман унс гирифтааст, вай ба тирезаи ман гӯё пайваста менигарад, чашмак мезанад. Аммо пеш аз сапедадам маро бо рӯзи нав табрик карда, дар фазои нилгун ғайб мезанад.

***Гулчеҳра Сулаймонӣ***

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Шумо чашмакзании ситораҳоро тамошо кардаед?
2. Сохти калимаи *«ситоразор»*-ро шарҳ диҳед.

***283. Исмҳои зеринро аз ҷиҳати маънои луғавиашон бо тартиби зайл нависед:*** *номҳои предмет, аломат, амал, макон, замон, ҳодисаҳои табиат, одамон, ҳайвонот.*

Дафтар, хубӣ, шаб, тирамоҳ, заминҷунбӣ, деҳқон, хонанда, хона, мактаб, ҳафта, сиёҳӣ, далерӣ, гунҷишк, гурба, тӯтӣ, чашмасор, ҷустуҷӯ, рафтуомад, Тоҷикистон, зардӣ, қалам, хиёбон, баҳор, ҳунарманд, кӯҳсор, посбонӣ.

## §72. ШУМОРА ДАР ИСМ

***284. Матнро бодиққат хонед. Исмҳоеро, ки бисёриро мефаҳмонанд, муайян кунед ва фарқи онҳоро аз исмҳои танҳо гӯед.***

Беҳрӯз болои марзаи замин нишаста, ҷоришавии обро тамошо мекард. Баробари наздик омадани об аз сӯрохиҳои замини ҷӯякҳо мӯрчаю гамбусакҳо баромада, ба ҳар сӯ мегурехтанд. Алафҳои курмаки зичрӯидаи лаби ҷӯйбор, ки гӯё шамоли сахте хеста, онҳоро монанди мавҷҳои баҳр алвонҷ медода бошад, ба ҷунбиш даромаданду аз байнашон хорпуштаки майдаяке баромад. Беҳрӯз хам шуда, аз пойи хорпуштак дошта, онро ба даст гирифтанӣ буд, ки вай дар як мижа задан пою сарашро ғундошта пинҳон кард ва ба тӯби лӯнда табдил ёфту хорҳояш сих шуданд. Дар ҳавлии онҳо хорпуштак набуд, аз куҷо пайдо шудааст? Мумкин оби ҷӯй-

бор аз кӯча оварда бошад? Беҳрӯз хост хорпуштакро ба рӯйи кафи даст гирад, аммо, ҳамин ки даст расонд, хорҳояш ба ангуштонаш халиданд. Вай белро ёфта омада, хорпуштакро ба рӯйи он гирифта, бо шитоб кӯча баромад ва онро ба замин монд. Дар як дам кӯдакон ҷамъ шуда, гирдашро печонда гирифта, доду фарёд бардоштанд. Ҳар кас хорҳои хорпуштакро титу парешон намуда, сару пойҳои онро кофта диданӣ мешуд, вале наметавонист.

***Бобо Ҳоҷӣ***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Гӯед, калимаҳои «гамбусак», «хорпуштак», «майдаяк» чӣ гуна сохта шудаанд.
2. Шумо хорпуштакро дидаед?

**Исм ду шумора дорад: танҳо ва ҷамъ. Исм дар шакли танҳо якто будани предмет, ҳодисаю воқеа** (Аҳмад, одам, писар, гӯсфанд, дарахт, санг, чӯб, об, шамол) ва дар **шакли ҷамъ бисёрии предметро** (хонаҳо, духтарон, оҳувон, бачагон, сангҳо) **мефаҳмонад**.

Шумораи ҷамъи исм бо пасвандҳои «**–ҳо», «-он»** ифода меёбад. Пасванди **«-он»** пас аз садонокҳо дар шаклҳои –«ён», «-вон», «-гон» меоянд.

***Ҷадвали корбурди пасванди*** *«–он (-ён, -вон, -гон)»*

| | | |
|---|---|---|
| -он | Пас аз ҳамсадоҳо | тоҷикон, одамон, занон, мардон, меҳмонон |
| -ён | Пас аз садонокҳои **ӣ (и), о** | моҳиён, колхозчиён, бобоён, Сомониён |
| -вон | Пас аз садонокҳои **у** ва **ӯ** | оҳувон, бонувон, абрувон, зонувон, донишҷӯён, |
| -гон | Пас аз садоноки **а** | бачагон, хонандагон, аберагон |

***285. Муайян кунед, ки ба кадоме аз ин калимаҳо пасвандҳои «-ҳо» ва «-он»- ро ҳамроҳ кардан мумкин асту ба кадомашон не. Чаро?***

Дарахт, одам, барг, хона, остона, шиновар, теша, соат, рӯзнома, шиша, ҷӯра, қалам, адиб, нон, хола, тағо, пой, дил, чашм, амма, болишт, харита, пизишк, сӯзан, коргар, ҷома, муаллима, чароғ, оташдон, симчӯб, коргар, ситора, интихобкунанда, олу, пиёла, дастархон, олима.

***286. Дар ҷамъбандии исмҳои зерин чӣ нуқсон ба назар мерасад? Шакли дурусти онҳоро нависед.***

ачоибтҳо
дугонагон
эшонон
адабиётҳо
ашъорҳо
ду саворон
туфангон
ду-се сагон

***287. Ҷумлаҳоро хонед ва гӯед, ки чаро исмҳои ишорашуда дар шакли танҳо истифода шудаанд.***

1. Он гоҳ дар дасти Сенин понздаҳ-бист **мактуби** тайёр ҷамъ мешуд. («Садои Шарқ») 2. Дар хона ду **кампир** ба истиқболи он ба по хеста буданд. 3. Ба як қитъа чил бех **анор** шинонданд. (Ҷ. Икромӣ)

**Исм бо шумораи миқдорӣ омада бошад, шакли ҷамъ намегирад:** панҷ китоб, ҳазор хонанда…

Вале дар назм гоҳо чунин ҳолат ба чашм мерасад. Масалан:

*Аз азал зан бо замин як гашт чун **ду модарон,***
*Бӯйи занояд машомамро аз ақсои замин.*

***288. Ба ҷойи нуқтаҳо пасвандҳои мувофиқ гузошта, матнро нависед.***

### Андар фарзанд парваридан ва оини он

Бидон, эй азизи ман, ки агар Худой туро писаре диҳад, аввал номи хуш бар вай неҳ, ки аз ҷумлаи ҳаққҳои падар… яке ин аст. Дувум он, ки ба доя…и меҳрубон супор ва ба вақти хатна кардан суннат ба ҷой овар ва ба ҳасби тоқати хеш шодӣ кун. Чун бузург шавад, агар раият бошӣ, вайро пешае биомӯзӣ ва агар аҳли силоҳ бошӣ, илми силоҳаш диҳӣ. Ҳунар дигар асту пеша дигар. Аммо аз рӯйи ҳақиқат наздики ман пеша бузургтарин ҳунарест. Ва агар фарзанд…и муҳтарам сад пеша донанд, ҳар яке рӯзе ба корояд.

***Унсурулмаолии Кайковус***

### ЛУҒАТ

**ҳасб** – қадр, андоза, миқдор
**раият** –мардуми фармонбардор, табаа

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Мазмуни ифодаҳои «***аҳли силоҳ***» ва «***илми силоҳ***»-ро шарҳ диҳед.

2.Ба тифлон одатан кӣ ном мегузорад?

3.Аз кӣ бештар панд мешунавед?

## §73. ИСМҲОИ ҶИНС ВА ХОС

***289. Ҷумлаҳоро нависед ва гӯед, ки чаро баъзе калимаҳо дар он бо ҳарфи калон навишта шудаанд.***

1. Устод ба мо супориш доданд, ки повести «Одина»-ро хонда биёем. 2. Ман дар хиёбони ба номи Неъмат Қаробоев зиндагӣ мекунам. 4. Шарифа ба маҷаллаи «Чашма» обуна мешавад.

**Исмҳои ҷинс номи ашёи ҳамҷинсро мефаҳмонанд**. Масалан, номи гурӯҳи мардум: *талаба, деҳқон, зан, мард;* номи ҳайвоноту парандагон: *асп, саг, мург, кабк;* номи маҳалли аҳолинишин: *деҳа, шаҳр, ноҳия, вилоят.*

**Исмҳои хос исмҳоеро меноманд, ки ба предметҳо барои фарқ кардан аз предметҳои ҳамҷинси худ дода шудаанд**. Исмҳои хос номи одамон, ному насаб, лақаб, тахаллус, шаҳру маҳал, хайвонот, номҳои географӣ, сайёраҳо мебошанд. Мисол: *Анӯшервон, Раҳимзода, Кӯлоб, Суғд, Рӯшон, Қорӣ Ишкамба, Сурхоб, маҷаллаи «Чашма», Телевизиони «Баҳористон».*

***290. Исмхои хос ва ҷинсро муқоиса карда, фарқи онҳоро фаҳмонед.***

| | |
|---|---|
| Саодат, Бухоризода | талаба, омӯзгор |
| Деҳлӣ, Фархор, Навобод | шаҳр, ноҳия, деҳа |
| Зарафшон, Боботоғ, Осиё | дарё, кӯҳ, қитъа |
| «Ҷавонони Тоҷикистон», «Одина» | рӯзнома, китоб |
| Рахш, Хайбар | асп, саг |

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Чаро исмҳои сутуни аввал бо ҳарфи калон ва исмҳои сутуни дуюм бо ҳарфи хурд навишта шудаанд?

2. Кадом исмҳо пасвандҳои калимасоз ва шаклсоз қабул мекунанд?

3. Муайян кунед, ки аз мисолҳои боло кадом исмҳо ҳамгуна, муродиф ва зидмаъно доранд.

***291. Исмҳои хоси ба ин гурӯҳҳо нисбатдоштаро нависед:***

А) Номи маҳал; б) номи дарё, бахр, уқёнус; в) номи сайёраҳо; г) номи кӯҳҳо; д) номи қитъаҳо.

## §74. ҲАРФИ КАЛОН ВА НОХУНАК ДАР ИСМҲОИ ХОС

***292. Ба имлои исмҳои зер зеҳн монед.***

Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қаҳрамони Тоҷикистон, Ҷанги Бузурги Ватанӣ, «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Одина», «Мактаби куҳна», Осиёи Марказӣ, Қалъаи Ҳисор, Шаҳринав, Мавҷигул, Шаҳрисабз, Конибодом.

**Исмҳои хос бо ҳарфи калон навишта мешаванд:**

**1. Ному насаб, лақаб ва тахаллуси одамон:** Бозор Собир, Зулфия Атоӣ, Ҳаким Карим, Файзулло Ансорӣ, Салими Хатлонӣ, Аҳмади Дониш.

**2. Номҳои географӣ:** Ҷумҳурии Исломии Эрон, дарёи Вахш, кӯҳи Чилдухтарон, ноҳияи Рашт, шаҳри Хуҷанд, вилояти Хатлон, укёнуси Ором.

**3. Ҳар калимаи номи мақомоти давлатӣ, мансабҳои олӣ, парчам ва нишони миллӣ:** Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олӣ.

**4. Номи сулолаҳо ва воқеаҳои таърихӣ:** Сомониён, Ғазнавиён, Ҷанги Бузурги Ватанӣ.

5. **Номи асар ва маҷаллаву рӯзномаҳо бо ҳарфи калон ва дар нохунак навишта мешавад:** повести «Дар орзуи падар», романи «Фирдавсӣ», достони «Лайлӣ ва Маҷнун», филми «Рустам ва Суҳроб», маҷаллаи «Фирӯза», барномаи «Офарин».

***293. Матнро бодиққат хонед ва ба имлои номи маҳаллу шахсиятҳои таърихӣ тавaҷҷуҳ намоед.***

**ТАФСИРИ «ГАВҲАР»**

Маънои ин ном ба маънои калимаи *«гавҳар»* мувофиқ аст, яъне *«марворид ва санги қиматбаҳо»* мебошад. *«Гавҳар»* дар арабӣ ба ҳарфи ҷ иваз карда мешавад.

Дар Эрон Гавҳар ғолибан номи занона буд. Барои ми-

сол, Гавҳар – модари Гул аз «Вис ва Ромин», Гавҳархотун духтари Султон Масъуди Салҷуқӣ, Гавҳари мулк – духтари Алоуддини Ҷаҳонсӯзи Ғӯрӣ, Гавҳаршод ном зани Шоҳрухро номбар кардан кифоя аст. Аммо номи Ҷавҳар, ки маънояш ва аслаш ҳамин Гавҳар аст, қариб тамоман ба мардон тааллуқ дошт. Ин номро аксаран ба ғуломон мениҳоданд. Ҷавҳар ном сарлашкари Фотимиён бо ғалабаҳои худ дар Миср дар асри X милодӣ худро дар олами мусулмонӣ машҳур карда буд.

Шаклҳои мураккаби номи занона Гавҳарбегим, Гавҳарбӣ ва Гавҳармоҳ буда, Гавҳарамон ҳамчун номи мардона истеъмол мешавад.

***Олим Ғафуров***

## ЛУҒАТ

**милодӣ** – солшумории масеҳӣ, солшумории ҳозираи мо
**тафсир** – шарҳ додан, баён кардан

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Оё калимаҳои ***«гавҳар» ва «ҷавҳар»*** аз ҷиҳати маъно фарқ мекунанд?
2. Маънии ифодаи ***«чун гавҳараки чашм»*** -ро шарҳ диҳед.

***294. Исмҳои зеринро ба ду гурӯҳ: мардонаву занона ҷудо намуда, роҳҳои ифодаи онҳоро шарҳ диҳед.***

Бобо, Бибираҷаб, Сафармоҳ, котиб, котиба, Мунаввар, Мунаввара, амма, хола, ҷӯра, дугона, ғуноҷин, шоҳдухтар, коргарзан, меш, Ҳабиб, Ҳабиба, Хуршед, Хуршеда.

***295. Матни эълони зеринро хонед ва нависед, ба имлои исмҳо диққат диҳед.***

### "НАШУНИДАМ", – НАГӮЕД!

Бахшида ба таҷлили Наврӯз дар «Майдони марказӣ»-и ноҳияи Дӯстӣ даври ноҳиявии озмуни гӯштини миллӣ баргузор мегардад. Барои баҳо додан ба ҳунари довталабон беҳтарин доварон аз ҳисоби варзишгарони маъруфи кишвар ҷалб гардидаанд.

Ғолибонро тухфахои калони пулӣ ва хотиравӣ интизор аст.

Замони баргузорӣ: 18.03.2019.
Макон: н. Дӯстӣ, «Майдони марказӣ»
Тел.: 000-00-00-00. 1.03.2019

**СУПОРИШ**

• Сохтори матнро муайян кунед.

***296. Эълоне нависед ва тартиби талаботи пешниҳоди матни онро риоя намоед:***

• баёни қолиби мурочиат;
• аз тарафи кӣ пешниҳод шудани эълон;
• ба кӣ нигаронда шудан;
• ҳадаф ва шартҳои иҷрои он;
• воситаи ҳавасмандгардонӣ барои ғолибон;
• замон;
• суроға ва рақами телефони тамос.

## §75. ИСМҲОИ ШАХС ВА ҒАЙРИШАХС

***297. Матнро хонед. Дар сутуни аввал исмҳоеро, ки ба саволи кӣ?, киҳо? ва дар сутуни дуюм исмҳоеро, ки ба саволҳои чӣ?, чиҳо? ҷавоб мешаванд, нависед.***

**ДИҚҚАТ! ДИҚҚАТ!**

Бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон дар ноҳия миёни мактаббачагон озмуни гӯштингирӣ баргузор мегардад. Дар озмун иштирокдорон аз тамоми мактабҳои ноҳия қувваозмоӣ менамоянд. Ғолибонро туҳфаҳои арзишманд интизор аст.

Макони баргузорӣ: майдони варзишии мактаби рақами 50-и н. Бохтар

Замон: 8.09.2018
Тел.: 000-00-00-00
**2.09.2018**

## САВОЛ

• Дар мактаби шумо озмуни гӯштингирӣ шуда буд? Аз ҳамсинфони шумо ягон кас иштирок кард?

***298. Матнро бодиққат хонед ва нависед. Дар зери исмҳои шахс як хат ва дар зери исмҳои ғайришахс ду хат кашед.***

**МЕҲНАТ КУНӢ, РОҲАТ МЕБИНӢ**

Ману додарам Ҳасан ва падару модарам ҳар сол дар замини наздиҳавлиямон сабзавоти зиёд кишт мекунем. Мо дар кашидани ҷӯйҳо ва қаторҳо, шинондани сабзавот, тоза кардани алафҳои бегона аз замин ба падару модар ёрӣ мерасонем. Дар фасли баҳор ҳамаи ҳамсояҳо ва дӯстонамон низ ба обчакорӣ машғуланд. Мақоли «Меҳнат кунӣ, роҳат мебинӣ»-ро ҳам аз устодон ва ҳам аз падару модарон пайваста мешунавем. Аммо боз ҳам мебинем, ки баъзе бачаҳо ба падару модаронашон ёрӣ намерасонанд. Мо ба мазмуни ин панд дар тирамоҳ пурра сарфаҳм меравем, чунки ҳосили меҳнатамонро дар он давра меғундорем.

***Насриддин Охунзода***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Муайян кунед, ки кадом исмҳо дар шакли ҷамъ омадаанд.
2. Шумо боре роҳати меҳнатро ҳис кардаед?

**Дар забони тоҷикӣ исмҳои шахс (коргар, шоир, бачаҳо, омӯзгорон) ба саволҳои кӣ?, киҳо?, исмҳои ғайришахс (мурғ, дарёҳо, китобҳо) ба саволҳои чӣ?, чиҳо? ҷавоб мешаванд.**

***299. Муродифҳои исмҳои шахсу ғайришахсро пайдо намуда, бо онҳо ҷумла созед.***

Духтур, завол, сарчашма, қадр, даво, аср, қаър, муштарӣ, устод.

***300. Шеърро хонда, фарқи исмҳои шахс ва ғайришахсро фаҳмонед.***

### МОДАР ВА ПАДАР

Агар бошад падар ғамхори фарзанд,
Ба ҷону дил шавад модар фараҳманд.
Агар модар биболад бо ҷигарбанд,
Падар гардад зи меҳри хеш хурсанд.

Аз ин ҳар ду бақои зиндагонист,
Аз ин ҳар ду баҳори зиндагонист.

Намояд модари дилсӯзу ҷонӣ
Ба фарзандон ҳамеша меҳрубонӣ.
Падар ҳам бо умеди ҷовидонӣ,
Кунад авлоди худро посбонӣ.

Аз ин ҳар ду бақои зиндагонист,
Аз ин ҳар ду баҳори зиндагонист.

Умеди модар аз фарзанд бисёр,
Ки дар пирӣ шавад дилҷӯву ғамхор.
Падар хоҳад, ки фарзанди вафодор
Ба таҳсини ҳама бошад сазовор.

Аз ин ҳар ду бақои зиндагонист,
Аз ин ҳар ду баҳори зиндагонист.

***Бурҳон Фаррух***

### СУПОРИШ

• Шеърро аз ёд кунед ва дар хона барои баргузории вохӯрӣ бо шоирон эълоне нависед.

## §76. ИСМҲОИ МОДДӢ ВА МАЪНӢ

***301. Матнро хонед. Исмҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кунед: исмҳое, ки ба чашм дида мешаванд ва исмҳое, ки бо ақл дарк карда мешаванд.***

### МАЪНОҲОИ ГУНОГУНИ КАЛИМА

...Баъзе калимаҳо дар забон фақат як маъно доранд, аммо бисёр калимаҳое ҳастанд, ки ҳар кадомашон на як, балки якчанд маъниро ифода мекунанд. Хусусан калимаҳои

серистеъмол бештар маъно доранд. Масалан, калимаҳое, ки номи узви бадани инсонро ифода мекунанд, дорои чандин маъно мебошанд.

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» аз калимаи «чашм» 4 маъно, аз калимаи «пой» 6 маъно, аз калимаи «сар» 8 маъно, аз калимаи «даст» 9 маъно қайд шудааст. Чаро калимаҳо сермаъно шудаанд? Сабаби ин ҳодиса бисёр аст. Дар давоми сайри таърихии ҷамъиятӣ забон ҳам дигар мешавад ва такмил меёбад...

***Муҳаммадҷон Шакурӣ***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Ибораи ***«меҳнати фикрӣ»-ро аз «меҳнати ҷисмонӣ»*** чӣ тарз фарқ карда метавонед?

2. Муродифҳои калимаи «***чашм***» ва маъноҳои гуногуни онро шарҳ диҳед.

**Исмҳое, ки номи ҷисмҳоро ифода мекунанд, исмҳои моддӣ ном доранд:** гандум, гул, қанд, шир, санг, об, орд, китоб, омӯзгор, деҳқон.

Исмҳои моддиро мо бо ёрии идроки биноӣ, ламс ва маза дарк мекунем.

**Исмҳои маънӣ мафҳуму маъниҳои сифату хислат, амалу ҳолатро ифода мекунанд:** зиндагӣ, хубӣ, далерӣ, бахт, ғаму ғусса, орзу, осоиш, хоҳиш, адлу инсоф, ирода.

Исмҳое, ки мавҷудияти онҳоро танҳо бо ақл дарк мекунем, исмҳои маънӣ ном доранд.

***302. Исмҳои маъниро ҷудо карда нависед ва бо онҳо ҷумла тартиб диҳед.***

Нафт, ҳаво, оксиген, шоҳӣ, некӣ, гандум, семент, пизишкӣ, чой, атлас, аналгин, ақл, ангиштсанг, ранг, гил, илм, шир, ҷав, адаб, алаф, карбос, нахӯд, оҳан, дониш, гӯшт, зағир, ҳидроген, зебоӣ, сурб, ҳамсоягӣ, чит, хишт.

***303. Ин порчаро хонед, исмҳои моддиро аз рӯйи ифодаи маъно маънидод кунед.***

Барои мо тамошои Неругоҳи барқиву обии Норак хеле ҷолиб буд. Аз ин рӯ тасмим гирифтем ба тамошо равем. Ману Парвиз, Шодмону Сорбон ва Хусраву Амиралӣ бо ин мақсад ба Норак рафтем. Тамошои баҳри ором, ки дар ноҳияи поёноби шаҳр туғёни аҷиб мегирад, оромбахш аст. Зери об моҳиҳои хурду калон дар ҳаракатанд. Аз он ки об кабудранг менамояд, онро баҳри Кабуд ҳам мегӯянд. Дар соҳилҳои баҳр баъзан истироҳатҷойҳо сохта шудаанд. Дар тобистон наздики оби он ба сару рӯят сардӣ медамад. Хуллас, тобистон ин ҷо макони хубест барои дамгирӣ.

**Саидҷони Умед**

**ЛУҒАТ**

**мураббаъ** – чоркунҷа

**САВОЛ**

• Шумо ба ягон неругоҳ рафтаед?

***304. Аз исмҳои моддии зерин исмҳои маънӣ созед ва бо ҳарду шакли он сетоӣ ҷумла тартиб диҳед. Намуна:*** *дӯст – дӯстӣ.*

Бародар, пахтакор, кирмакпарвар, коргар, мард, оҳангар, забондон, забоншинос, мардикор.

## §77. ИСМҲОИ КУЛ ВА ҶУЗЪ

**Исмҳое, ки номи умумии предметҳои ҳамҷинсро мефаҳмонанд, исмҳои кул ном доранд**: Масалан, номи умумии *бодиринг, сабзӣ, шалғам, лаблабуро* **сабзавот** мегӯянд. Яъне, сабзавот исми кулли калимаҳои номбаршуда аст.

**Исмҳое, ки номи яке аз ашёҳои ҳамҷинсро мефаҳмонанд, исмҳои ҷузъ ном доранд. Чунончи, *себарга, лола, сияҳгӯш, наргис, садбарг, тоҷи хурӯс*** ҷузъҳои исми гул мебошанд.

***305. Исмҳои ду сутунро муқоиса кунед ва гӯед, ки онҳо ба ҳамдигар чӣ муносибат доранд.***

1. **Инсон** мард, зан, писар, духтар, пиразан
2. **Ғалладона** гандум, ҷав, шолӣ, нахӯд лӯбиё, арзан…
3. **Пойафзол** мӯза, калӯш (кафш), масҳӣ, туфлӣ…
4. **Паранда** мусича, кабутар, гунҷишк, кабк, бедона, зоғ, акка, тӯтӣ, турна...

***306. Ба тартиби мазмуни забонхат таваҷҷуҳ намоед.***

**ЗАБОНХАТ**

Забонхат санадест, ки гирифтани пул ё чизеро тасдиқ менамояд. Забонхат мустақилона таҳия мешавад. Он аз ҷузъҳои зерин иборат аст:

1. Номи санад.
2. Ному насаб, вазифа ё маҳалли зисти муаллифи забонхат.
3. Маблағи пул ё номи чизи гирифташуда.
4. Санаи таҳияи забонхат.
5. Имзои муаллифи забонхат.

**Дар забонхат миқдори ашёи гирифташуда бо рақам ва дар қавсайн бо ҳарфҳо навишта мешавад. Дар санад ягон рақам ё калимаро хат задан мумкин нест.**

**Забонхат дар як нусха навишта мешавад. Гоҳе дар забонхат номи шахсе, ки ҳангоми омодасозии он ҳузур дошт, зикр мегардад. Дар ин сурат он шахс санади номбурдаро бояд бо имзои худ тасдиқ намояд.**

***Намуна:***

**ЗАБОНХАТ**

Ман, Назарзода Самира Беҳрӯз хонандаи синфи 5-уми «А»-и мактаби № 50-и шаҳри Кӯлоб, ба Мирзозода Сумангул Мурод – хонандаи синфи 6-уми «Б»-и ҳамин мактаб дар ин хусус забонхат медиҳам, ки дар ҳақиқат аз номбурда панҷ адад китоби дарсӣ: «Забони тоҷикӣ», «Забони русӣ», «Адабиёти тоҷик», «Ботаника», «Математика»-ро ба муҳлати як сол гирифтам.

18.09.18. (Имзо)

С. Назарзода

### САВОЛ

•Дар матни боло исмҳои кул ва ҷуз кадомҳоянд?

***307. Ба забонхати боло пайравӣ карда, дар мавзӯи дилхоҳатон забонхат нависед, дар он аз исмҳои моддӣ, маънӣ, кул ва ҷуз истифода баред.***

## §78. СОХТИ ИСМ. ИСМҲОИ СОДА

***308. Калимаҳои зерро ба ҳиссаҳои маънодор ҷудо намоед ва сохти онҳоро муайян кунед.***

Даста, гӯша, мола, нола, сабза, сиёҳӣ, сӯзанак, бандак, харак, бодбон, хӯрок, пӯшок, олуча, дастгоҳ, корхона, гулоб, гулдаста, дутор, Чоркӯҳ, Чорбед, гармсел, душанбе, китобдор, хоҳархонд.

**Исмҳо аз рӯйи сохт сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ мешаванд.**

***309. Матни зеринро хонед ва нависед. Исмҳоеро, ки як реша доранд, муайян кунед.***

**ЗАБОНХАТ**

Ман – Собирзода Акбар Шодимурод, хонандаи синфи 5-уми «Б» - и мактаби №20 ба Мирзода Ҷамолиддин Анвар – фурӯшандаи Маркази савдои ноҳияи Ашт дар ин хусус забонхат медиҳам, ки дар ҳақиқат аз номбурда як миқдор ашёи зарурӣ, аз ҷумла 2 пойафзол – туфли ва мӯза, либос – пиҷак, курта, палторо ба маблағи 900 (нуҳсад) сомонӣ ба таври насия гирифтам.

18.11.18. (Имзо) А.Собирзода

**Исмҳое, ки танҳо аз як реша иборатанд, исмҳои сода номида мешаванд. Чунончи:** *китоб, гул, дарахт, падар, модар, кӯҳ* **ва ғ. Чунин калимаҳо дар шаклу сохти дигар низ дучор мешаванд:** *хона, хонае, хонаҳо, хонача, хонаам, хонаро, хонагӣ, хонавор,* **яъне, ба калимаҳои сода ҳиссаҳои шаклсоз ҳамроҳ мешаванд.**

***310. Порчаҳои шеъриро қироат кунед ва гӯед, ки исмҳои сода чӣ гуна тағйири шакл кардаанд.***

Агар ёбад **рафиқат** сарбаландӣ,
Ҳасад бар вай мабар, гар ҳушмандӣ!

***Алишоҳи Роғиби Самарқандӣ***

**Мӯрчагон** гар бикунанд иттифоқ,
Шери жаёнро бидаронанд пӯст.

**Ҷавоне** гуфт: «Эй пири дилогоҳ,
Чӣ гум кардӣ, ки хам гаштӣ дар ин роҳ?»
**Ҷавобаш** дод пири хуштакаллум:
«Ки айёми ҷавонӣ кардаам гум».

***Саъдии Шерозӣ***

## ЛУҒАТ

**жаён** – хашмгин, зӯрманд
**хуштакаллум** – хушсухан
**ҳасад** – рашк, нотавонбинӣ

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Дар порчаи охир чаро баъзе ифодаҳо дар дохили нохунак омадаанд?
2. Мазмуни байтҳоро шарҳ диҳед.

***311. Матнро хонед. Исмҳоеро нависед, ки танҳо аз реша иборатанд.***

Дирӯз аз автобус фаромадан замон дар чорраҳаи деҳа ба Далер вохӯрдам. Ӯ маро самимона ба оғӯш кашид ва якбора ба шикоят кардан оғоз кард, ки то кай дар шаҳри калон мегардӣ, хондан бас, мӯйи сар рехт, сафед шуд, аз кампиру мӯйсафед дур будан нағз не. Ба ростӣ, зери хиҷолат мондам ва шояд барои дигар сӯ кашидани риштаи суҳбат, лаҳзаи гулчиниро ба ёдаш овардам. Ӯ даме ба хаёл рафт, сипас даст афшонда, ба як бачаи ба худаш ниҳоят монанд,

ки сумкаи ҷигарӣ дар даст тарафи мактаб равон буд, ишора карду чеҳрааш шукуфон шуд.

***Абдулҳамид Самадов***

## §79. ИСМҲОИ СОХТА. ПЕШВАНДИ «ҲАМ-»

***312. Ҷумлаҳоро хонед ва нависед. Гӯед, ки исмҳои ишоратшуда чӣ хел сохта шудаанд.***

1. Ба шарофати Малика Собирова ва **ҳамроҳу ҳамкасб** ва **ҳамсару ҳамбозаш** Музафффар Бурҳонов Тоҷикистонро бисёр оламиён шинохтанд. 2.Агар **хӯрок ва пӯшоки** яксолаи бачаатро ҳам бо танга ҳисоб кунем, ҳамагӣ ту аз ман сад танга қарздор мешавӣ. (С.Айнӣ) 3.Ман ҳамон Қудрати **самоворчиам**. (С.Айнӣ) 4. Агар ягон чизро навиштан хоҳед, ё ин ки ба навиштан маҷбур шавед, **кӯшиш** кунед, ки **ҳамсуҳбатҳ**ои шумо ин корро ҳис накунанд... (С.Айнӣ).

### СУПОРИШ

- Исмҳои бо пасванду пешвандҳо сохташударо бо калимаҳои сода муқоиса намуда, аз ҷиҳати маъно фарқи онҳоро гӯед.

| Реша | Пасванд | Исм | Пешванд | Реша | Исм |
|---|---|---|---|---|---|
| боғ | -бон | боғбон | ҳам- | сол | ҳамсол |
| кор | -гар | коргар | ҳам- | суҳбат | ҳамсуҳбат |
| сиёҳ | -ӣ | сиёҳӣ | ҳам- | роҳ | ҳамроҳ |

***Исмҳои сохта*** аз калимаҳои решагӣ ва асосҳои феъл **бо ёрии пасванду пешвандҳо сохта мешаванд:** *мисгар, коргар, беморӣ, гулзор, чашма, ҳамсуҳбат, хоҳиш, дониш, харидор, дидор.*

**Исмҳо бештар бо ёрии пасвандҳои *-чӣ, -гар, -бон, -зор, -истон, -ӣ, -иш, -гоҳ ва пешванди* «*ҳам-*» сохта мешаванд.**

***313. Исмҳои сохтаро аз рӯйи маъно ба гурӯҳҳои исми шахс, исми макон, номи предмет ва исми маънӣ ҷудо кунед.***

Оҳангар, хизматгор, чашма, хобгоҳ, хониш, кӯҳсор, гулистон, пӯстак, ғалтак, гулдон, санглох, нестӣ, равиш, дидор, мардӣ, гуфтор, сабзӣ, ҳастӣ, чарогоҳ, дӯстӣ.

**314. Порчаҳои шеъриро хонед ва исмҳои ишорашударо аз ҷиҳати сохт ва маъно шарҳ диҳед.**

Накунад ҷаврпеша **султонӣ**,
Ки наёяд зи гург **чӯпонӣ.**
***Асадии Тӯсӣ***

Ақл қувват гирад аз ақли дигар,
**Пешагар** комил шавад аз пешагар.
***Ҷалолуддини Балхӣ***

**Зиндагии** ғофилон хобу хаёле беш нест,
Ҳайфи авқоте, ки сарфи суҳбати ҷоҳил кунанд.
***Зебуннисо***

**Бетамизи**ҳои одам аз сухан пайдо шавад,
Пистаи бемағз агар лаб во кунад, расво шавад.
***Бедил***

**ЛУҒАТ**

**авқот** – ҷамъи вақт
**ғофил** – бехабар, бепарво
**пешагар** – ҳунарвар, косиб
**ҷоҳил** – нодон, беилм

**САВОЛҲО**

1. Шакли дигари калимаи ***«чӯпонӣ»*** **кадом** аст?
2. «***Пистаи бемағз***»-ро чӣ хел мефаҳмед?

***315. Аз калимаҳои зер исмҳои сода ва сохтаро ҷудо кунед.***

Сабур, китобхона, ғурур, чангол, малол, тоҷикбача,

аҳвол, инсондӯстӣ, ҷанҷол, шамол, ниҳол, Тоҷикистон, дунбол, дастур, гулоб, ганҷур.

***316. Калимаҳои ҳар ду сутунро муқоиса кунед, фарқи маъноии онҳоро фаҳмонед.***

| | |
|---|---|
| фикр | ҳамфикр |
| сарҳад | ҳамсарҳад |
| ватан | ҳамватан |
| ҷинс | ҳамҷинс |
| касб | ҳамкасб |
| сол | ҳамсол |

**Исм фақат як пешванди калимасоз дорад: *ҳам-*. Ин пешванд ба исмҳо ва асосҳои феъл ҳамроҳ шуда, бештар *исми шахс* месозад**: *ҳамфикр, ҳамнишин, ҳамсоя.*

***317. Шеърро ифоданок хонед. Исмҳои пешванддорро шарҳ диҳед.***

Тоҷикон авлоди Хайёманд, гуфтӣ, дӯстам,
Шод фарзандони айёманд, гуфтӣ, дӯстам.
**Ҳамқадаҳ** ҳастанд бо Хайём доғистониён,
Бо шумо **ҳамкасбу ҳамноманд,** гуфтӣ, дӯстам.
Хонае, ки дар диёрат чун зиёратгоҳ буд,
Аз тамоми сирру асрори сухан огоҳ буд,
Аз дили шаб то саҳар меҳмоннавозӣ менамуд,
Шоири тоҷикро, ки бо шумо **ҳамроҳ** буд.

***Мирзо Турсунзода***

## СУПОРИШ

• Ифодаи ***«дили шаб»***-ро эзоҳ диҳед.

***318. Ба калимаҳо пешванди «ҳам-» илова намуда исм созед.***

Нишин, дам, роз, дард, сабақ, кор, овоз, гап, аср, замон, қалам, тақдир, деҳа, ҳудуд, синф.

***319. Матнро хонед ва нависед. Дар зери исмҳои сохтаи пешванддор хат кашед.***

Аз он рӯзе, ки Беҳрӯз ба беморхона афтид, қариб ҳар рӯз ёру ҷӯраҳо ва ҳамсинфонаш барои аёдати вай меомаданд. Ӯро аксари хурду калони деҳа мешинохтанд, дар байни ҳамсолони худ обрӯю эътибор ва иззату ҳурмат дошт. Беҳрӯз талабаи аълохону фаъоли мактаб, бачаи чусту чолок, меҳнатдӯст, хушрафтор ва ёрирасони пирону дардмандон буд. Ҳабибаю Кабир, ки ҳамсоя ва ҳамсинфони Беҳрӯз буданд, бори дигар барои аёдати вай рафтанӣ шуданд. Саҳарии барвақт аз хоб хеста, тайёрӣ диданд…

***Бобо Ҳоҷӣ***

**СУПОРИШ**

• Ҷуфтҳои муродиф ва зидмаънои матнро муайян намоед.

## §80. ПАСВАНДҲОИ ИСМСОЗ

***320. Шеърро бодиққат хонед ва супориши онро иҷро кунед.***

**ПАСВАНДИ «–ЗОР»**

Гулзор агар шавқе диҳад,
Аз накҳати гулҳо бувад.
Гар сабза рӯяд дар баҳор
Ояд насими сабзазор.
Пасванди «*-зор*» акнун бидон:
Созад ишора бар макон.
Чанде мисол аз худ бигӯ,
Лафзи навину тоза ҷӯ!

**Азим Байзоев**

**Пасвандҳои калимасози исм аз рӯйи маъною вазифаашон ба чор гурӯҳ ҷудо мешаванд:**

1. **Пасвандҳое, ки исми шахс месозанд**: -чӣ, -гар, -гор, -бон (нақорачӣ, оҳангар, омӯзгор боғбон);

2. **Пасвандҳое, ки номи предмет месозанд**: -а, -ак, -ок, -ча, -ӣ (даста, айнак, хӯрок, олуча);

3. **Пасвандҳое, ки исми маънӣ месозанд**: -иш, -гарӣ, -ӣ (хониш, боронгарӣ, дӯстӣ);

4. **Пасвандҳое, ки исми макон месозанд**: -гоҳ, -зор, -истон (истгоҳ, гулзор, кӯҳсор, гулистон).

***321. Исмҳои пасванддорро аз рӯйи тартиби дар боло нишондодашуда ба гурӯҳҳо ҷудо намоед.***

Чашма, бародарӣ, навозиш, теға, тароша, подабон, одамгарӣ, поя, бучулак, обкашак, ҳастӣ, некӣ, айнак, зодгоҳ, тундӣ, бемористон, танҳоӣ, супориш, намоиш, шамъдон, нондон, баромадгоҳ, пӯстак, нестӣ, зебоӣ.

***322. Шарҳ диҳед, ки дар кадоме аз ин калимаҳо пасвандҳо маъноро дигар кардаанд.***

Додарон, хоҳарча, олуча, гавҳарак, дарича, ширинча, гӯшак, айнак, остинча, китобча, писарча, писарак.

**Пасвандҳои «*-ча*», «*-ча*» «*-ак*» хусусияти шаклсозӣ доранд. «*-ча*» маънои хурдиро ифода мекунад:** лаълича, дарёча, китобча, хонача, шаҳрча.

**Пасванди «*-ак*» бештар маънои навозишро ифода мекунад**: Духтарак бо шавқ ба лухтакаш менигарист.

**«*-ак*» хурдиро ҳам мефаҳмонад**: Китобаке дошт, ки онро ду сол инҷониб хонда ба поён расонида наметавонист. (Ф. Муҳаммадиев)

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Дар калимаи *«шаҳрча»* (шаҳрчаи донишҷӯён) **«-ча»**-ро кадом пасванд иваз карда метавонад?

2. Се калимае гӯед, ки маънои хурдиро ифода кунанд.

***323. Ҷумлаҳоро хонед. Исмҳоеро, ки пасвандҳои шаклсоз доранд, шарҳ диҳед.***

1. Даруни яхдони палата, бешубҳа, аз тухм пур шудааст, ки боз тахмин дусад донааш дар ҳар ҷо косаю табақу дегчаҳои табобатхонаро банд карда мехобад. 2. Ҳафтаи дигар писарчааш касал шудааст. 3. Ҳабдаҳсола духтарча аз куҷо медонад, ки нағзу бад чист? 4. Вай хам шуда, даричаро пӯшид.

**СУПОРИШ**

1. Бигӯед, ки пасванди ***«-ича»*** боз бо кадом калима омада метавонад.

2. 4 ҷумлае гӯед, ки пасвандҳои исмсоз истифода шуда бошанд.

***324. Барои ҷалби хонандагон ба иштироки фаъолона дар озмуни «Дастони моҳир» эълоне тартиб диҳед, ки дар он пасвандҳои исмсоз истифода шуда бошанд.***

## §81. ИСМҲОИ МУРАККАБ

***325. Исмҳоро бодиққат хонед ва ба сохти онҳо диққат диҳед.***

Гулдаста, зардолу, модаркалон, саркор, дорбоз, пойандоз, ҷорӯб, оҳанрабо, саргузашт, писархонд, сартарош, панҷшанбе, садбарг, ҷамъомад, коргар, ситорашинос.

**Исмҳои мураккаб аз ду ва ё зиёда реша сохта мешаванд:** сад+барг (садбарг), гул+даста (гулдаста), сар+фармон+деҳ (сарфармондеҳ), кӯр+шаб+пар+ак (кӯршабпарак).

***326. Бо истифодаи калимаҳои содаи «истеъдод», «макон», «мактаб» калимаҳои мураккаб созед.***

***327. Матнро хонед. Исмҳои мураккабро ёфта ба дафтаратон нависед ва аз кадом ҳиссаҳои нутқ сохта шудани онҳоро муайян кунед. Намуна:*** *Ҷаҳон + шоҳ= исму исм.*

Дар кӯча бачаҳо барфбозӣ доштанд. Бобои Барфӣ месохтанд. Ҳар гоҳ ки барф меборид, ман бо Ҷаҳоншоҳ ба кӯча баромада барфбозӣ ва чанасаворӣ мекардам. Ман ба чана савор мешудаму Ҷаҳоншоҳ рӯйи барф онро мекашид. Аммо ҳоло аз тирезаи хонаи хоб ба барфбозии бачаҳо, ба давутоз ва чанасаворӣ онҳо менигиристаму ба онҳо ҳасад мебурдам. Онҳо ҳама шоду хурсанд барфбозӣ мекунанд. Қивучувкунон Бобои Барфӣ месозанд. Ҳамдигарро тела дода, рӯйи ях лағжонакбозӣ ва рӯйи барф чанасаворӣ мекунанд. Ман бошам, наметавонам ақаллан кӯча бароям. Ҷаҳоншоҳ таъкид кард, ки ба кӯча набароям, касал шуданам мумкин…

***Ҳанифаи Муҳаммадохир***

***328. Аз исмҳои мураккаби зер бо ёрии пасвандҳои исмсози «-ӣ» калимаҳои нав созед.***

Оббоз, китобдор, оташпараст, масхарабоз, бутпараст, чорводор, чӯбкор, шарқшинос, шашмақомхон, қиссахон, қонунгузор, луғатсоз, моҳигир.

***329. Дар хона хабаре нависед, ки дар он исмҳои мураккаб истифода шуда бошанд.***

## §82. ИСМҲОИ ТАРКИБӢ

***330. Ба сохти исмҳои зер диққат диҳед ва гӯед, ки онҳо аз исмҳои сохта ва мураккаб чӣ фарқ доранд.***

Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тахти Ҷамшед, Қалъаи лаби об, гули тоҷи хурӯс, ангури ҷавз, гули сияҳгӯш, Исёни Муқаннаъ, Дараи Ниҳон.

**Исмҳои таркибӣ калимаҳое мебошанд, ки аз чанд ҷузъи алоҳида иборатанд:** Шӯрои Олӣ, барги зуф, Созмони Милали Муттаҳид.

***331. Матнро нависед ва ба тартиби баёни он диққат диҳед.***

Ба директори
Мактаби президентии
ш. Хоруғ Аҳмадбек Гулзода
аз хонандаи синфи 7-уми «Б»
Ш. Маҳмадназаров

**АРИЗА**

Аз Шумо хоҳиш менамоям, ба сабаби иштирок дар спартакиадаи теннисбозони ҷумҳурӣ, ки дар ш.Душанбе ба истиқболи 30-солагии Истиқлолияти миллӣ баргузор мегардад, ба муддати се рӯз (аз 1-ум то 3-юми апрели соли 2019) маро аз дарсҳо озод намоед.

Бо эҳтиром: Ш. Маҳмадназаров
31.03.2019

**СУПОРИШ**

• Имлои исмҳои таркибиро шарҳ диҳед.

***332. Ба номи директори мактаб аризае нависед ва аз ӯ дархосте кунед. Дар он аз исмҳои таркибӣ истифода баред.***

## §83. ИХТИСОРАҲО

***333. Исмҳоро бодиққат хонда, шакли кӯтоҳи калимаҳои ишорашударо нависед. Намуна: Ҷумҳурии Тоҷикистон –ҶТ.***

1. **Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон** аз канданиҳои зеризаминӣ бой аст. 2. Баҳодур бо мақсади такмили дониш ба **Иёлоти Муттаҳидаи Амрико** сафар кард.

**Ихтисораҳо калимаҳо ва ибораҳои кӯтоҳшуда буда, асосан бо ҳарфи калон навишта мешаванд.** Дар забони тоҷикӣ ихтисораҳо аз ҳарфҳои аввали калимаву ибораҳо таркиб меёбанд: ДАТ (Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон), ҶТ (Ҷумҳурии Тоҷикистон), АИ ҶТ (Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон),

Дар китобҳои дарсию асарҳои илмӣ бо мақсади сарфаҷӯӣ аз ихтисораҳо зиёд истифода мекунанд: С.А. –Садриддин Айнӣ, Ш.Р. – Шарофиддин Рустамов.

***334. Шакли пурраи ихтисораҳои зерро нависед:*** ДМТ, СММ, ИМА, ШКД, 40 кг, ш. Душанбе…

***335. Аризае нависед, ки дар он ихтисораҳо истифода шуда бошанд. Намуна:***

Ба директори
МТМУ № 2-и н.
Хуросон Б. Аминиён
аз хонандаи синфи
5-уми «А» Ф. Сайфиддинзода

**АРИЗА**

Аз Шумо хоҳиш менамоям, барои муайян кардани бемориям дар беморхонаи ш. Душанбе маро ба муддати 3 рӯз аз дарс ҷавоб диҳед.

Бо эҳтиром: /Ф. Сайфиддинзода/
15.12.2018

## САВОЛ

• Оё дар ариза навиштани МТМУ дуруст аст? Чаро?

## §84. НАМУНАИ ТАҲЛИЛИ САРФИИ (МОРФОЛОГИИ) ИСМ

***Ҳиндуҳо ҳар рӯз то соатҳои дувоздаҳ дар ҳуҷраҳояшон менишастанд, ғайр аз он рӯзе, ки амир ба сарбозони худ шоҳона медод.***

**Ҳиндуҳо –** исми шахс, моддӣ, ҷинс, ба вазифаи мубтадо омадааст. Исми ҷамъ буда, аз калимаи решагии ҳинду (номи халқ) ва пасванди шаклсози «-ҳо» сохта шудааст.

**Рӯз** исми ифодакунандаи замон, ғайришахс, маънӣ, ҷинс, сода (решагӣ), ба вазифаи ҳоли замон омадааст.

**Соатҳо** – исми замон, ченаки вақт, ғайришахс, маънӣ, ҷинс, ҷамъ. Ин калима аз ҳиссаҳои маънодори «соат» ва пасванди «-ҳо» сохта шуда, бо пешоянди «**то**» ба вазифаи ҳоли замон омадааст.

**Ҳуҷраҳояшон** – исми макон, ғайришахс, моддӣ, ҷинс, ҷамъ. Ин калима аз ҳиссаҳои маънодори «*ҳуҷра -ҳо - шон*» иборат аст: *ҳуҷра* - **реша**, *ҳо* – пасванд**и шаклсоз**, *шон (яшон)* – **бандакҷонишин**и шахси сеюми ҷамъ. Бо пешоянди аслии **дар** ба вазифаи *ҳоли макон* омадааст. Бо калимаҳои *хона, кулба, истиқоматгоҳ, манзил, ошён* хусусияти *ҳаммаъноӣ* дорад, аммо аз ҷиҳати истеъмол фарқ мекунад.

**Рӯзе – исми номуайян** аст (воситаи номуайянӣ -е).

**Амир** – исми шахс, ҷинс, моддӣ, танҳо, муайян, сода, ба вазифаи мубтадо омадааст.

**Сарбозон –** исми шахс, ҷинс, моддӣ, ҷамъ, муайян, исми мураккаб, ки аз исми «**сар**» ва асоси замони ҳозираи феъли **бохтан** (боз), пасванди ҷамъсози *-он* сохта шудааст. Бо пешоянди **аз** ба вазифаи пуркунанда омадааст.

**Шоҳона медод** – феъли таркибии номӣ: шоҳона – исми ғайришахс, ҷинс, моддӣ, сохта (аз исми *шоҳ* ва пасванди *-она* сохта шудааст), ҷузъи номии хабари таркибии номӣ шуда омадааст; **медод** – феъли ёридиҳанда, замони гузаштаи ҳикоягӣ, сиғаи хабарӣ, аз рӯйи шакл сохта аст: аз *асоси замони гузашта* бо иловаи пешванди «*ме-*» таркиб ёфтааст, шахси сеюми шумораи танҳо, ҷузъи ёвари хабари таркибии номӣ.

## §85. ТАКРОРИ БОБИ «ИСМ»

**Дониши худро аз рӯйи саволнома санҷед:**

**1. Аломатҳои пурраи сарфии исмро гӯед.**

A) Аломати номуайянӣ;
B) Шумора ва соҳибият;
C) Ҷинсият ва шумора;
D) Шумора, соҳибият, номуайянӣ;
E) Соҳибият ва номуайянӣ.

**2. Пасвандҳои (суффиксҳои) -чӣ, -гар, -бон, -анда амали шахсро аз рӯйи чӣ муайян месозанд?**

A) Касбу кор ва машғулият;
B) Макон ва фаровонии ашё;
C) Ашё ва номи амал;
D) Аломат, хислат;
E) Ҳаракат ва рафтор.

**3.Исмҳо аз рӯйи сохт чанд хел мешаванд?**

A) 2 хел;
B) 4 хел;
C) 3 хел;
D) 5 хел;
E) 6 хел.

**4.Кадоме аз ин исмҳо дар нохунак гирифта мешаванд ва чаро?**

A) Номи шаҳру ноҳия ва давлатҳо;

B) Номи ҳайвонот;

C) Номи одамон;

D) Номи китоб, асар, нашрияҳо;

E) Номи давлат.

**5. Кадом жанр ё ҳуҷҷат аст, ки барои иҷрои хоҳиш навишта мешавад?**

A) Ариза;

B) Забонхат;

C) Латифа;

D) Хабар;

E) Эълон.

**6. Хабарро кай ва барои чӣ менависанд?**

A) Барои мардумро аз навигариҳо хабар кардан;

B)Барои иҷрои хоҳиши касе;

C) Барои тасдиқи ягон ҳолат;

D) Барои хушҳол гардондан ва ислоҳи камбудиҳо;

E) Барои нутқро хушобуранг гардондан.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Вазифаи исмро дар ҷумла бо мисолҳо шарҳ диҳед.
2. Исмҳои шахс аз исмҳои ғайришахс чӣ фарқ доранд?
3. Мавридҳои истеъмоли пасвандҳои ҷамъбандии **-ҳо, -он (-ён, -вон, -гон)**-ро бо мисолҳо фаҳмонда диҳед.
4. Номуайянии исм бо кадом роҳҳо ифода меёбад?
5. Пасвандҳои исмсозро аз ҷиҳати маъно гурӯҳбандӣ кунед.
6. Пешванди исмсоз кадом аст, мисол оред.
7. Исмҳои мураккаб чӣ хел сохта мешаванд?
8. Бо исмҳои таркибӣ мисол оред.
9. Ихтисораҳо чанд хел мешаванд?

***336. Ба исмҳои зерин пасвандҳои ҷамъбандиии мувофиқ гузоред.***

| | | |
|---|---|---|
| қаср | писарбача | бозу |
| соат | ситора | оҳу |
| ҷонвар | оҳангар | себарга |
| гов | нависанда | Сосонӣ |

***337. Матнро хонед ва исмҳои мураккаби онро нависед.***

Ривоят мекунанд, ки боре Искандари Зулқарнайн баъди фатҳи рӯйи олам баҳри забт кардани Торикистон тайёрии ҳарҷониба мебинад. Мӯйсафеде аз фарзандаш илтимос мекунад, ки вайро пинҳонӣ ба сандуқе андохта, ҳамроҳи худ бибарад. Писар баъди андешаҳои зиёд насиҳату илтимоси падари куҳансолро ба назар гирифта, ӯро бо худ мегирад. Чанд шабу рӯз раҳ тай намуда, ба дарвозаи Торикистон мерасанд. Падар аз ҳолату вазъияти ба вуқӯъ пайваста воқиф гардида, ба писараш тавсия мекунад, ки ӯ як ҷуфт гову байтали тойдорро пайдо кунад. Ҷуфти говро ба тойи байтал маҳкам банданду худи байталро ҳамроҳашон гиранд. Писар ин супориши падарро иҷро менамояд, он гоҳ пас гашта, ба олами равшан баромаданӣ мешавад, вале раҳгум мезанад. Хатари талафи лашкариён пеш меояд ва мардум ба таҳлука мемонанд. Дар ин вақт мӯйсафед ба писар супориш медиҳад, ки ҳамон байталро раҳо кунанду аз қафои он асп давондан гиранд. Писар ин корро анҷом дода, овоз мебарорад, ки «Эй издиҳом, раҳи баромад ин ҷост!» Оқибат он байтал ба ҷустуҷӯи тойчааш раҳро пайдо карда, ҳамаро аз Торикистон мебарорад. Лашкариёнро, ки чанд шабонарӯз дар сафари Торикистон буданд, ташнагиву гуруснагӣ ғолиб омада буду чирку касофати дунёӣ азоб медод. Ҳама мехостанд, ки дарё, ё кӯле пайдо бикунанду ташнагиро шикаста бо шустушӯ аз чанголи чирку расвоӣ наҷот ёбанд.

***Алиқул Девонақулов***

### ЛУҒАТ

**воқиф** – огоҳ, бохабар
**вуқӯъ** – воқеъ шудан, рӯйдиҳӣ
**издиҳом** – анбуҳ, тӯдаи мардум
**талаф** – нобудшавӣ
**таҳлука** – ҳалокат, тарс, хатар

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Ҷумлаи охиринро бодиққат хонед ва мазмунашро шарҳ диҳед.
2. Байти зеринро аз ёд кунед, он ба матни боло чӣ робита дорад?

*Бе пир марав, ки дар бимонӣ,*
*Ҳарчанд Сикандари замонӣ.*

***338. Забонхате нависед, ки дар он талаботи зерин ба назар гирифта шуда бошад:***

1. Номи санад.
2. Ному насаб, вазифа ё маҳалли зисти муаллифи забонхат.
3. Маблағи пул ё номи чизи гирифташуда.
4. Санаи таҳияи забонхат.
5. Имзои муаллифи забонхат.

### СУПОРИШ

• Исмҳои як ҷумлаи забонхатро таҳлили морфологӣ кунед.

# VII. ФЕЪЛ ҲАМЧУН ҲИССАИ МУСТАҚИЛИ НУТҚ

## §86. ФЕЪЛ ВА АЛОМАТҲОИ САРФИИ (МОРФОЛОГИИ) ОН

***339. Матнро хонед. Ба калимаҳои ишорашуда савол гузоред. Гӯед, ки онҳо чиро ифода мекунанд.***

«Имрӯз шумо хуб **меҳнат кардед**! Имтиҳон **супурдед**! Панҷ **гирифтед! – мегуфт** Маҳмудҷон ба оина **нигоҳ карда** мӯяшро шонакунон ба акси худ. – Акнун комилан **ҳақ доред**, ки дам гиред, **сайругашт кунед**! Дар рӯзи истироҳат **истироҳат кардан лозим**! Ана, аз хурӯсчӯҷаҳо **ибрат гиред!** Тамоми рӯз **доминобозӣ карданд**, дар болои каравот ғел зада **хобиданд** ва боз ҳамин ки бегоҳӣ шуд, ба тамошо **рафтанд**. Магар шумо аз инҳо камед? Хӯш, ба куҷо **меравед?** Ба кино? Театр? Сирк?! Ҳамаи намоишҳои навро **дидаед**? Агар ин хел бошад, ба клуби завод **раведу ракс кунед**! Ин хел **ҳунар надоред?** Хайр, дигар ба куҷо **меравед**? Дар шаҳратон **ҷойи дигар набошад**, **чӣ кор кунам?!** Ба хонаи ошноятон Салимов? Ин ҳам фикри бад не! Кайҳо **рафтан** лозим буд!»

***Ҷумъа Одинаев***

***340. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои мувофиқи амалҳоро гузошта нависед. Намуна:*** *Китобро мехонанд.*

Радиоро …. . Калонсолонро …, . Хонаро …. . Беморро … . Гулро …. . Обро … . Меҳмононро …. .

**Феъл ҳиссаи нутқест, ки** ***амал ва ҳолати предметро*** **ифода карда, ба саволҳои** ***чӣ кор кард?, чӣ кор мекунад?, чӣ шуд?*** **ҷавоб мешавад:** ***давидан, рафтан, кор кардан, гиристан, парвоз кардан, истодан, андеша кардан, дӯст доштан, хурсанд шудан***.

***Шахсу шумора, замон, намуд, тарз ва сиға*** аломатҳои сарфӣ (морфологӣ) -и феъл мебошанд.

**341**. **Матнро хонед, феълҳои онро муайян кунед ва гӯед, ки онҳо кадом маъноҳоро (амал, ҳаракат, муносибатро) ифода мекунанд.**

**Кадомаш дуруст аст?**

Афандӣ аз кӯча дар айни гармии ҳаво ба хонааш омад. Азбаски бисёр тафсида ташна монда буд, занашро ҷеғ зада гуфт:

– Ягон коса ҷурғот биёр, хӯрам, чунки ҷурғот ҳам тафси

дили касро паст мекунад, ҳам ба меъда нафъ дорад.

Занаш гуфт:

– Як коса он тараф истад, як чумча ҳам нест!

Афандӣ гуфт:

– Хайр, набошад, боз беҳтар аст, чунки ҷурғот ба кас бисёр зарар дорад.

Занаш пурсид:

– Шумо аҷаб одамед. Аввал гуфтед, ки ҷурғот нафъ дорад, баъд мегӯед, ки зарар дорад. Охир, кадомаш дуруст аст?

Афандӣ ҷавоб дод:

– Агар дар хона ҷурғот бошад, аввалаш дуруст аст, набошад, дуюмаш.

*Аз «Латифаҳои тоҷикӣ»*

### ЛУҒАТ

**нафъ** – фоида, манфиат
**чумча** – қошуқ

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Дар кадом ҷумлаи мураккаб пайвандак дар аввал омадааст?

2. Гӯед, ки дар байни ҷумлаҳои содаи он кадом аломат гузошта шудааст.

***342. Аз рӯзномаҳо ду латифа интихоб карда нависед, дар зери феълҳои он хат кашед.***

## §87. ВАЗИФАИ ФЕЪЛ ДАР ҶУМЛА

***343. Ҷумлаҳоро хонед ва гӯед, ки калимаҳои ишорашуда дар ҷумла ба кадом савол ҷавоб мешаванд.***

1. Туҳфахон боз ба ошхона баргашту аз хӯроки дег хабар гирифт ва оби гарми сатилро барои ҷомашӯйӣ рӯйи ҳавлӣ **баровард.** (Иноят Насриддин) 2. **Овардаанд,** ки ӯ дар куҳансолӣ издивоҷ кард ва соҳиби ду фарзанд гардид. Ҳамсари

Ҳофиз пеш аз худи Ҳофиз **бо ҷаҳон падруд гуфт.** (М.Турсунзода) 3. Ёдгор ба Пӯлод чӣ қадар **майлон карда бошад,** ин ҳам бо он ҳамон қадар **моил шуда буд.** (С.Айнӣ)

### ЛУҒАТ

**издивоҷ** – оиладор шудан

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Шарҳ диҳед, ки оё феълҳои ишорашуда муродиф доранд ё не.
2. Шероз зодгоҳи кадом шоирони машҳур аст?

**Феъл дар ҷумла асосан ба вазифаи хабар меояд:** Латофат ба додарчааш як дунё бозича **харид**. (Б.Ортиқов)

***344.Матнро хонед ва нависед, дар зери хабарҳо хат кашед.***

Онҳо ба ғор даромаданд. Кӯфти роҳ, машаққати ҳезумчинӣ, борони ногаҳонӣ ин ғори нимторикро ба назарашон беҳтарин истироҳатгоҳ гардонда буд. Модар ҳезумашро ба девораи кӯҳ ҷафс кард ва нишаст. Гадо дузону зада, сарашро ба зонуи модар монд. Аз сару рӯ, аз мижгонҳои дарозаш қатра-қатра донаҳои борон мечакид.

***Ӯрун Кӯҳзод***

***345. Латифаро нависед. Гӯед, ки бандакҷонишини «-ам» ба кадом шахсу шумора тааллуқ дорад. Дар зери феълҳо хат кашед***

Мавлоно Қутбиддин ба аёдати бузурге рафт, пурсид:

– Чӣ заҳмат дорӣ?

Гуфт:

–Табам мегирад ва гарданам дард мекунад, аммо шукр, ки як-ду рӯз шуд, табам шикастааст, аммо гарданам ҳанӯз дард мекунад.

Гуфт:

– Ғам махӯр ва дил хуш дор, ки он низ дар ин ду рӯз шикаста шавад.

***Убайди Зоконӣ***

### СУПОРИШ

• Мазмуни ифодаи *«заҳмат доштан»* -ро шарҳ диҳед.

## §88. ШАКЛҲОИ ТАСРИФНАШАВАНДАИ ФЕЪЛ

***346. Шаклҳои феълии таъкидшударо муқоиса карда, муайян намоед, ки кадоми онҳо бандаки феълӣ ё хабарӣ надорад.***

1. **Менависам** ман суруди сулҳро бо хуни дил,
Бо **тапидан**ҳои беороми рӯзафзуни дил.

**М. Турсунзода**

2. Дар пеши шарикони пештар **омада**ам навбати дарсро нигарон шуда нишастам. (С.Айнӣ)

3. Сухани ӯро **табассумкунон** шунида нишаст. (С.Айнӣ)

**Шаклҳои феълиро ба ду гурӯҳи калон ҷудо мекунанд:**
**1. Шаклҳои тасрифии феъл.**
**2. Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл.**
***Масдар, сифати феълӣ ва феъли ҳол*** **шаклҳои тасрифнашавандаи феъл буда, дорои хусусиятҳои феълу исм (масдар), феълу сифат (сифати феълӣ) ва феълу зарф (феъли ҳол) мебошанд.**

## §89. МАСДАР

***347. Калимаҳои ҳар ду сутунро муқоиса намуда, фарқи онҳоро гӯед.***

| | |
|---|---|
| дидам, мебинам | дидан |
| хонам, мехонам | хондан |
| сохтам, сохтаам | сохтан |
| аз ёд кардам | аз ёд кардан |
| намефаҳмам | фаҳмидан |

***Масдар*** **шакли тасрифнашавандаи феъл буда, амалро зикр мекунад. Масдар *аз асоси замони гузаштаи феъл бо ёрии пасванди «-ан»* сохта мешавад:** *гуфтан, фуромадан, табассум кардан, шунидан, хурсанд шудан.*

**Дар луғатҳо феълҳоро дар шакли масдар меоранд.**

**Масдар ба вазифаи сараъзо ва аъзои пайрави ҷумла меояд:** Вазифаи мо **хондан аст**. Аз **омадан**аш шодам. **Давидани** гӯсола – то каҳдон. Аз дӯстон ишорат, аз мо ба сар **давидан**.

***348. Дар ҷумлаҳои зер вазифаи масдарҳоро муайян кунед.***

1. ....Маҷоли ба ҳеҷ тараф қадам мондан набуд. (С.Айнӣ) 2. Заминро тезтар шудгор карда яхоб мондан лозим. (С.Айнӣ) 3.Мақсади равшанфикрони мо ҳам осуда кардани зиндагии халқ аст. (А. Баҳорӣ) 4. Ба чор тараф давида, бо одамон баҳсу мунозира кардан, ба болои ҳамаи ин боз мағрур будан кори осон нест. (А. Шукӯҳӣ) 5.Дар ҳақиқат, фоҷиае рӯй доданаш аз эҳтимол дур набуд. (А. Баҳорӣ)

***349. Зарбулмасалҳоро нависед. Гӯед, ки масдарҳо ба вазифаи кадом аъзои ҷумла омадаанд.***

1. Аз хурдон гуноҳ кардан, аз бузургон бахшидан. 2. Аз барф манора сохтан. 3. Аз борон гурехта, ба новадон дучор гардидан. 4. Ба як тир ду сайдро задан. 5. Овози дуҳул шунидан аз дур хуш аст.

### ЛУҒАТ

**дуҳул** – даф, нақора

***350. Матнро бодиққат хонед ва масдарҳояшро ёбед.***

Калимаи *дарс* лафзи арабист ва дар ин забон тавассути се ҳарфи ҳамсадо *(дол)*, *(ре)*, *(син)* навишта мешавад ва ин беҳуда нест: ҳар як ҳарфи он маънои муайян дорад.

Ҳарфи *дол* **дарс**, ҳарфи *ре* **риёзат, азобу машаққат**, ҳарфи *син* **сиёсат, сиёсат кардан, ҳукм рондан**ро ифода мекунад. Ба ин тариқ, дар маҷмӯъ калимаи ***дарс*** инсонро ба дарс хон-

дан, сабақ омӯхтан, ки бе азобу машаққат намешавад, ҳидоят мекунад. Натиҷаи ин ҳама риёзат кашиданҳо, қомати зебои чун алиф рости худро мисли дол хам намуданҳо шарбати масрурӣ, тахти салтанат аст.

Баъди дарс хондану риёзат кашидан соҳиби ҳарфи *син,* яъне ба тахти салтанат нишастан на ба ҳар кас муяссар мешавад. Зеро тахти салтанат якею дарсхонон зиёданд. Ана бо ҳамин маънӣ, салтанат маънои васеъ дорад, яъне вақте ки шахс азоб кашида дарс мехонад ва ба қуллаи мурод мерасад, ба таври дигар бигӯем, ин ё он соҳаи илму касбро аз худ мекунад, вай дар ҳамон соҳаи худ султон аст ва дар ҳамон соҳа салтанат меронад.

***Маҳмадулло Лутфуллозода***

## ЛУҒАТ

**риёзат** – ранҷ, машаққат, заҳмат

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. ***«Султон»*** **аз** ***«салтанат»*** чӣ фарқ дорад?

2. Мазмуни ифодаи ***«ба қуллаи мурод расидан»***-ро шарҳ диҳед.

3. Ба матн ном гузоред ва хулосаатонро мухтасар нависед.

# §90. ШАХС ВА ШУМОРА ДАР ФЕЪЛ

***351. Феълҳоро хонед ва чӣ тавр муайян кардани иҷрокунандаи амалҳоро шарҳ диҳед.***

| | |
|---|---|
| **1.** ханд**ам** | 1. ханд**ем** |
| 2. ханд**ӣ** | 2. ханд**ед** |
| 3. ханд | 3. ханд**анд** |

| | |
|---|---|
| **1.рав**ам | 1. рав**ем** |
| 2. рав**ӣ** | 2. рав**ед** |
| 3. рав**ад** | 3. рав**анд** |

**Феълҳо *се шахс* ва *ду шумора* доранд. Шахси якум - гӯянда (ман), шахси дуюм – шунаванда (ту), шахси сеюм - ғоиб (ӯ, вай); шумораи танҳо ва шумораи ҷамъ: рафтам (танҳо) - рафтем (ҷамъ).**

**Шахсу шумораи феъл бо ёрии *бандакҳои феълию хабарӣ* ифода меёбанд.**

| Шахсҳо | Шумора | |
|---|---|---|
| | **Танҳо** | **Ҷамъ** |
| 1. | навиштам | навиштем |
| 2. | навиштӣ | навиштед |
| 3. | навишт | навиштанд |

***352.Матнро хонед ва нависед.Феълҳоро навишта, шахсу шумораашонро муайян кунед.***

Ба директори Литсейи
инноватсионии «Душанбе»
У. Одиназода аз
хонандаи синфи 7-уми «Б»
П.Умарзода

**АРИЗА**

Хоҳишмандам, барои иштирок кардан дар дарсҳои иловагии риёзӣ ба ман иҷозат диҳед.

Бо эҳтиром: П.Умарзода
5.09.2018

***353. Латифаҳоро хонед. Феълҳоро аз рӯйи шахсу шумораашон ба гурӯҳҳо ҷудо кунед.***

Шахсе меҳмонеро дар зерхона хобонид. Нимашаб садои хандаи вайро аз болохона шунид. Пурсид, ки: – Дар он ҷо чӣ мекунӣ?

Гуфт:

– Дар хоб ғалтидаам.

Гуфт:

– Мардум аз боло ба поин ғалтанд, ту аз поин ба боло ғалтӣ?

Гуфт:

– Ман ҳам ба ҳамин механдам.

***

Туфайлиро пурсиданд:

– Иштиҳо дорӣ?

Гуфт:

– Мани бечора дар ҷаҳон ҳамин матоъ дорам.

## САВОЛ

1. Чӣ хулоса баровардед?
2. Латифа чӣ хел матн аст?

**Баъзан ба ҷойи бандаки шахси якуми танҳо *(-ам)* бандаки шахси якуми ҷамъ *(-ем)* омада, хоксориро ифода мекунад:** Мо дар ин ҷо кӯшиш намуда<u>ем</u>, дар хусуси ҳусну қубҳи китоби нави устод андаке ҳарф зан<u>ем</u>.

***354. Дар ҷумлаҳои зер тобишҳои маънои феълҳоро муайян кунед.***

1. Мо дар ҷаласа аз ҳусну қубҳи фаъолияти Созмони ташкилоти талабагӣ дар ноҳия ҳарф задем. 2. Мехостем, назари Шуморо дар масъалаи таваҷҷуҳи хонандагон ба маҳфилҳои фаннӣ бифаҳмем. 3. Устодамон ба мо дар бораи мазмуну муҳтавои китоби Шумо маълумот дода буданд.

## ЛУҒАТ

**таваҷҷуҳ** – диққат додан, ба чизе рӯй овардан

**Шахси дуюм ва сеюми ҷамъ низ дар ифодаи эҳтиром ба ҷойи шахси дуюм ва сеюми танҳо кор фармуда мешаванд.**

*1. –Шумо ҳанӯз ҷавон ҳастед, аз дастатон корҳои бисёр меояд, – гуфт ӯ ба Ситора. (Ҷ. Икромӣ) 2. Шумо ба хона равед. 3. Модарам аз кор баргаштанд.*

***355. Дар хона аз рӯзномаҳо ду латифа нависед, шахсу шумораи феълҳоро муайян намоед.***

## §91. ТАСРИФ. БАНДАКҲОИ ФЕЪЛӢ ВА ХАБАРӢ

***356. Матни зеринро хонед, бандакҳои феъливу хабарии онро муайян намоед.***

Ба раиси хоҷагии
деҳқонии «Сабз» И.Нуриддин
аз номи коргари хоҷагӣ
Ш.Ҳотам

**АРИЗА**

Азбаски ба маблағ эҳтиёҷ дорам, хоҳишмандам, барои пардохти пешакии маош ба ман иҷозат диҳед.

Бо эҳтиром: Ш.Ҳотам
9.10.2018

**Аз рӯйи шахсу шумора тағйир ёфтани бандакҳоро *тасриф* меноманд.**

**Шахсу шумораи феъл ба воситаи бандакҳои феълию хабарӣ муайян мешаванд.**

**Бандакҳои феълӣ танҳо пас аз асосҳои феълӣ меоянд.**

**Тасрифи феъли *хондан* бо бандакҳои феълӣ:**

***Замони гузашта***

| Шахс | Шумора | |
|---|---|---|
| | танҳо | ҷамъ |
| 1. | хондам | хондем |
| 2. | хондӣ | хондед |
| 3. | хонд | хонданд |

***Замони ҳозира***

| Шахс | Шумора | |
|---|---|---|
| | танҳо | ҷамъ |
| 1. | мехонам | мехонем |
| 2. | мехонӣ | мехонед |
| 3. | мехонад | мехонанд |

**Бандакҳои хабарӣ ҳам ба шаклҳои феъли ҳоли бо пасванди- а** (хонда, рафта) **ва ҳам бо ҳиссаҳои номии нутқ** (Ман талаба + *ам*. Карим духтур *аст*. Ту усто+*ӣ*) **омада, шахсу шумораро ифода мекунанд.**

***357. Матне нависед, ки дар он бандакҳои феълӣ истифода шуда бошанд.***

**Тасрифи феъли *хондан* ва исми *коргар***
**ба воситаи бандакҳои хабарӣ**

| Шахс | Шумора | |
|---|---|---|
| | **танҳо** | **ҷамъ** |
| 1. | хондаам, корга**рам** | хондаем корга**рем** |
| 2. | хондаӣ, корга**рӣ** | хондаед корга**ред** |
| 3. | хондааст, коргар **аст** | хондаанд, корга**ранд** |

***358. Матнро хонед ва истифодаи бандакҳои феъливу хабариро шарҳ диҳед.***

**ВАҲДАТ**

Ваҳдат ба ҳам омадан, аҳлонаву осоишта зиндагӣ кардан ва дасти ҳам гирифта, Ватани маҳбуби худро обод намудан аст. Ваҳдат тоҷиконро борҳо аз вартаҳои ҳалокатбори таърих наҷот бахшидааст. Аз ин рӯ халқи тоҷик эҳтирому эътиқоди самимӣ ба ваҳдат дорад ва ҳамеша онро арҷгузорӣ мекунад.

Ҳоло Тоҷикистони азизи моро ошёни ваҳдат меноманд ва мо аз ин ифтихормандем. Ҳамагон бояд бикӯшем, ки ваҳдати миллатамон то абад пойдору устувор бимонад.

***Абдурауф Муродӣ***

**САВОЛ**

- Дар матн чанд масдар истифода шудааст?

***359. Матнро нависед, феълҳоро бо нишон додани бандакҳои феълию хабарӣ муайян кунед.***

– Эй Офтоб! Ту ба он фахр кардӣ, ки шоҳи табиат ҳастӣ? Не! Бигӯ, магар ман нурҳои туро маҷбур накардаам, ки обҳои бисёрero гарм кунӣ, воситаи хабардиҳии ман гардӣ? Ту ба он фахридӣ, ки агар хоҳӣ, зимистон ё тобистон месозӣ? Вале хабар дорӣ, ки ман дар ҷойҳои барфпӯшгардида гулу мева мепарварам? Хабар дорӣ, ки ман аз оби нимгарм хунуктар аз яхи ту ях месозам?

***Пӯлод Толис***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Андешаҳои нависанда бештар бо кадом оҳанг ифода ёфтаанд?
2. Гӯед, ки бузургии инсон дар чӣ ифода меёбад.

## §92. АСОСҲОИ ФЕЪЛ

***360. Матнро хонед ва феълҳоро нависед. Феълҳои таъкидшударо ба ҳамдигар муқоиса кунед.***

Баҳор **омад**. Ман аз мактаб рост ба боғ **меомадам,** ки ба модарам ёрӣ диҳам. Вай ҳамаи кори боғро саранҷом карда **наметавонист**. Ман ҳам аз уҳдаи токбуриву каланди боғ **намебаромадам**.

***Сорбон***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Сохти ҷумлаҳоро шарҳ диҳед.
2. Шумо боре ниҳол шинондаед?

**Феъл ду асос дорад:** ***асоси замони ҳозира ва асоси замони гузашта.***

**Асоси замони ҳозира** амали дар **замони ҳозира** иҷрошавандаро мефаҳмонад ва **ба шахси дуюми шумораи танҳо баробар аст:** *рав, хон, бин, гӯй, бар*.

**Асоси замони гузашта** амали дар замони гузашта **ба анҷом расидаро** мефаҳмонад ва **ба шахси сеюми шумораи танҳо баробар аст**: *рафт, хонд, дид, гуфт*.

**Шаклҳои гуногуни замонии феъл аз ҳамин ду асос сохта мешаванд:** *рафтам, мерафтам, рафтаам, рафта будам, равам, меравам.*

***361. Маънои феълҳои ҳар ду сутунро вобаста ба бадалшавии овозҳо муқоиса кунед.***

| | |
|---|---|
| бор - борид | афрӯз - афрӯхт |
| боф - бофт | дӯз - дӯхт |
| ист - истод | рез - рехт |
| пӯш - пӯшид | банд - баст |
| хон - хонд | гузар - гузашт |
| шукуф - шукуфт | фурӯш - фурӯхт |
| ҷӯш - ҷӯшид | гӯй - гуфт |
| хӯр - хӯрд | хоҳ - хост |

***362. Аз калимаҳои додашуда асоси замони гузашта ва ҳозираи феълҳоро ёбед.***

Шунавидан, давидан, гурехтан, ҷо ба ҷо гузоштан, фуромадан, нақл кардан, огоҳонидан, хонондан, расидан, пайвастан, боздоштан, вохӯрдан, баргаштан, омадан, ором кардан, куштан, нишастан, даромадан, парастидан, хӯрдан, нӯшидан, харидан.

***363. Аз асосҳои замонҳои ҳозира ва гузаштаи феълҳои зер бо ёрии пасвандҳои «-иш, -гор, -ор, -гоҳ, -ок» исм созед.***

***Намуна:** сӯхт: сӯзиш, сӯхтор*

Хонд, сабзид, сӯз, навоз, осуд, даромад, баромад, харид, параст, бор, ҷунб.

***364. Дар хона дар мавзӯи иштирок дар олимпиада бо дӯстатон мусоҳиба ташкил намоед. Асосҳои феълиро дар матн муайян кунед.***

## §93. ЗАМОНҲОИ ФЕЪЛ

***365. Матнро хонед, феълҳояшро муайян кунед ва замони иҷрои амали онҳоро шарҳ диҳед.***

Бисту панҷ ё сӣ сол пеш – саҳари барвақт ману падарам гӯсфандонро ба бозор бурдем. Гӯсфандро касе харид ва

падарам ресмонро аз гардани он кушода гирифт. Харидор илтимос кард, ки ресмонро ҳам фурӯшад, вале падарам бо оташинӣ гуфт:

– Ресмонро намефурӯшанд!

Харидор ноилоҷ тасмаи худро аз шимаш кушода, ба гардани гӯсфанд баст. Мо ба хона равон шудем ва ман аз падарам пурсидам, ки чаро ресмони кӯҳнаи нимпӯсидаро нафурӯхт.

– Молро бо ресмон фурӯхтан хосияти нек надорад, – гуфт падарам. – Бобоят ҳамин хел мегуфт. Ман ин васиятро даҳ сол пеш фаромӯш карда, гови дӯшоиро бо ресмонаш фурӯхта будам. То ҳол наметавонам гов харам.

Ҳар вақте ки ба сабаби беморӣ ё ягон зарурат ба шир сахт муҳтоҷ мешудам, падарам як оҳи бадард мекашид ва бо ҳасрат мегуфт: –Чаро ман говро бо ресмонаш фурӯхтам!?

Барои падарам он ресмон як рамзи хеле устувори пайванди ӯ бо гови дӯшоӣ буд. Ҳарчанд мо дар ҳавлӣ майдони алаф ва дар атрофи деҳ чарогоҳи холӣ аз зироати колхоз надоштем, бовар дорам, ки агар падарам замоне говро бо ресмонаш намефурӯхт, боз гов мехаридем ва онро бо алафу хӯроки харида мепойидем. Ба назари ман, падарам ресмони говро не, балки як чизи бебаҳоро, ки онро ҳаргиз намефурӯшанд, аз даст дода буд…

***Адаш Истад***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Гӯед, ки дар матн кадом феъл бештар такрор ё истифода шудааст ва чаро?

2. Барои чӣ баъд аз ҷумлаи «***Чаро ман говро бо ресмонаш фурӯхтам!?***» ҳам аломати хитоб ва ҳам аломати савол гузошта шудааст?

3. ***«Мепойидем»***, яъне чӣ?

***366. Ба саволҳои зер ҷавоб навишта, замони феълҳои онҳоро муайян кунед.***

1. Соли гузашта дар синфи чандум мехондед?
2. Ҳоло дар синфи чандум мехонед?
3. Дарояндаи наздик чӣ корҳоро ба сомон расониданиед?

**Замони феъл муносибати ба лаҳзаи нутқдоштаи амалро нишон медиҳад. Лаҳзаҳои нутқ: гузашта, ҳозира, оянда мебошанд. Феълҳо се замон доранд: замони гузашта (рафтам), ҳозира (рафта истодаам) ва оянда (меравам, хоҳам рафт).**

## §94. ЗАМОНИ ГУЗАШТАИ ФЕЪЛ

***367. Матнро хонда, феълҳои ба анҷомрасидаро ёфта нависед ва шахсу шумораи онҳоро шарҳ диҳед.***

Пас, чун малик шукргузорӣ ба итмом расонид, ҳакимон ва олимон бархоста, шукри Худо ба ҷо оварданд ва маликро сано гуфтанд ва дасти ӯро бӯса доданд ва ҳар яке ба хонаи хеш баргаштанд ва малик низ ба хона андар шуд ва писарро низ назди худ хост.

Кӯдакро назди вай ҳозир оварданд. Чун аз умри ӯ дувоздаҳ сол бигузашт, малик хост, ки илмҳо бар вай биомӯзад. Қасре дар миёни шаҳр бино кард ва дар он қаср сесаду шаст хона бино ниҳод ва писарро дар он қаср бурда, се тан аз ҳакимони донишманд бар вай бигумошт ва эшонро фармуд, ки шабонарӯз аз таълими ӯ ғофил нагарданд. Ва ҳар рӯз дар яке аз он хонаҳо бинишинанд ва ҳеҷ илме нагузоранд, магар ин ки ба он писар биёмӯзанд…

Чун дувоздаҳ сол тамом шуд, маликзода ҳамаи илмҳоро биёмӯхт ва аз ҳамаи ҳакимон ва олимон, ки дар он замон буданд, бартар шуд. Он гоҳ олимон, ки омӯзгорони ӯ буданд, ӯро ба назди малик оварданд.

*Аз «Ҳазору як шаб»*

### ЛУҒАТ

**андар шудан** – даромадан
**бигумошт** – таъйин кард, муқаррар намуд
**сано** – мадҳ, таҳсин, ситоиш, шукр ва сипос
**ҳаким** – олим, табиб, пизишк

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Дар феълҳои *«биёмӯзад» ва «бинишинад»* вазифаи пешванди *«би-»* -ро шарҳ диҳед.

2. Дар сархати охир феъли *«тамом шуд»* ба чӣ маъно омадааст?

**Замони гузаштаи феъл амали пеш аз лаҳзаи нутқ воқеъшударо мефаҳмонад: *навиштам, навиштаам, менавиштам, навишта будам, навишта истода будам.***

***368. Аз феълҳои** хостан, гуфтан, дидан, бурдан **шаклҳои замони гузашта сохта, онҳоро дар ҷумлаҳо истифода баред.***

***Намуна:** хостан: хостам, мехостам, хоста будам; Хостам, ки ҳарчи зудтар бародарамро бинам.*

## §95. ЗАМОНИ ҲОЗИРАИ ФЕЪЛ

***369. Нависед. Гӯед, ки феълҳои таъкидшуда кадом замонро ифода мекунанд.***

1. Аз рӯйи хабарҳои пухтае, ки ҳаррӯза ба ман **расида истодаанд**, кори мо он қадар хуб нест. (С.Айнӣ) 2. Ман ба мобайни одамон даромада, ба ҳар ош қатиқ шуданро **бад мебинам**. (Ф. Муҳаммадиев) 3. Пахта дар ҷойҳои гарму сероб **мерӯяд.** 4. Боғи бахил **сабз намешавад.**

**Феъли замони ҳозира амали давомдорро мефаҳмонад:** Бахти ту акнун **гул карда истодааст**, аз хазон ёд макун. (Ҷ.Икромӣ)

***370. Феълҳои замони ҳозираро ёфта, бо онҳо ҷумла созед.***

Кор мекунам, рафтам, хонда будам, хонда истода будам, меоям, пурсидам, рафта истодааст, зиндагӣ мекунам, хоҳам хонд, гул мекунад, саёҳат мекунам.

## §96. ЗАМОНИ ОЯНДАИ ФЕЪЛ

***371. Матни эълонро хонед, феълҳо ва замони онҳоро муайян намоед.***

**ЭЪЛОН**

Муассисаи давлатии Литсей-интернати Президентии шаҳри Душанбе барои қабули хонандагони синфи 5 озмун эълон менамояд. Дар озмун хонандагон аз тамоми минтақаҳои кишвар қабул карда мешаванд. Дониши хонандагон аз рӯйи шартҳои зерин санҷида мешавад:

А) диктант

Б) тест (фанҳои асосии таълим)

Дар литсей беҳтарин омӯзгорон ва донишмандони соҳа ба таълиму тарбияи шогирдон вобаста гардидаанд. Хонандагони шаҳру навоҳии дур бо ҷойи хоб таъмин мешаванд. Барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зеринро супоридан лозим аст:

1) Ариза ба номи роҳбари муассиса.

2) Тарҷумаи ҳол.

3) Варақаи аттестатсионӣ.

4) 2 сурати 3х4 см.

Суроға: ш. Душанбе, н. Сино, к.Шерализода, 17-а.

Телефонҳо барои маълумот: 235-48-44.

***372. Ҷумлаҳоро нависед. Замони амалҳои таъкидшударо муайян кунед.***

1. **Биё,** додарам ҳар ду як гӯштин **бигирем. (Ф. Муҳаммадиев)** 2. Имсол бинокорон бояд корҳои зиёдеро **анҷом диҳанд.** 3. Пас аз масофае **мебинӣ**, ки наҳре аз дарё баромада, ба Панҷ **мерезад.** (Ф.Муҳаммадиев) 4. Худи ҳамин қайд нишон медод, ки ҳеҷ кор **нахоҳад шуд.**

**Замони ояндаи феъл амалеро мефаҳмонад, ки он баъд аз замони сухани гӯянда воқеъ мешавад.**

*1. Хайр, акнун ман ба ҳавлӣ медароям. (Ҷ.Икромӣ)*
*2. То зиндаем, аз шумо миннатдор хоҳем буд. (Р.Ҷалил)*

***373. Шеърро ифоданок хонед ва феълҳоро аз ҷиҳати замон шарҳ диҳед.***

Арзандаи номи хеш бошед,
Қоим ба мақоми хеш бошед.
Сарсон зи пайи касон нагардед,
Дар даст зимоми хеш бошед.
Аз пушти баландҳо манозед,
Худ зинаи боми хеш бошед.

***Низом Қосим***

**ЛУҒАТ**

**қоим** – устувор
**зимом** – лаҷом, инон

**СУПОРИШ**

1. Мазмуни шеърро шарҳ диҳед.
2. Замони ояндаи феълҳои ***«сохтан, омӯхтан»*** ва ***«навохтан»***-ро муайян карда, бо онҳо ҷумла созед.

## §97. ФЕЪЛҲОИ МУСТАҚИЛ ВА ЁРИДИҲАНДА

***374. Ҷумлаҳои зеринро муқоиса намуда, муайян кунед, ки феъл дар кадом ҷумла мустақилмаъност.***

Ман хонача сохтам. Мо барои шумо тамоми шароитҳоро муҳайё сохтем. Мошин дар ҷойи камодам истод. Ӯ китоб хонда истодааст. Китобамро гирифтам. Камтар дам гиред. Маро ба хона оварданд. Писарак хоҳиши ӯро ба ҷо овард.

**Феълҳоро аз рӯйи вазифа, истифода ва хусусияти маъноияшон ба ду гурӯҳи калон ҷудо мекунанд:** ***мустақил ва ёридиҳанда (ёвар)*****. Феълҳои** ***мустақил*** **вазифаи грамматикиашонро бевосита, бе ёрии ҳиссаҳои дигар анҷом медиҳанд:** *рафтан, дидан, шунидан, ёфтан…*

**Феълҳои** ***ёридиҳанда*** **дар сохтани шаклу таркибҳои феълӣ иштирок мекунанд:** *омада* ***истодааст,*** *рафта* ***истода*** *буд, азоб* ***кашидан,*** *дӯст* ***доштан…***

***375. Ба калима ва таркибҳои зер феълҳои ёридиҳанда ҳамроҳ карда, феълҳои таркибӣ созед. Намуна:*** *аз назар – аз назар гузаронидан, назар – назар кардан.*

Ташкил, гап, сайругашт, назар, ҷо ба ҷо, ҷуръат, шинос, гуфта, тараддуд, дӯст, навишта, гуфтугӯ, қафо, аз назар…

***376. Нависед. Ба зери феълҳои мустақил як хат ва ба зери феълҳои ёридиҳанда ду хат кашед.***

Киштӣ бо як паҳлу ба занҷир наздик расид. Даричаи киштӣ кушода гардид, дасти пурзӯри Темурмалик бо табарзин, ки монанди моҳи 4-5-рӯза бар рӯйи оби зулол дар ҳавои соф бо акси нури офтоби шаъшаапоши нимрӯзӣ медурахшанд, намоён шуд. Табарзин дар ҳаво баланд баромад ва бо тезии барқе, ки аз ҳаво меҷаҳад, поин фуромад...

Темурмалик, азбаски дар дарбори Султон Муҳаммад ҳеҷ ҷойи умедворӣ надид, аз он ҷо бо бори гарони андӯҳу алам ва ҳасрату ғам ба роҳ даромад. Ба ҳар ҷо ки мерасид, медид, ки султон ба он ҷо мактуб фиристода, ба душман муқобилат накардан, агар қудрат ва фурсат ёбанд, гурехтан, вагарна бе ҳеҷ муқобилат ва ҷанг таслим шуданро ба аҳолӣ амр кардааст.

***Садриддин Айнӣ***

### ЛУҒАТ

**табарзин**– аслиҳаи табаршакл, ки онро сипоҳиён дар пеши зини асп овезон мекарданд.

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. ***«Андуҳу алам»*** ва ***«ҳасрату дард»*** чӣ гуна ифодаҳоянд?

2. Таркиби калимаи ***«медурахшиданд»***- ро муайян кунед.

3. Чӣ гуна обро ***«оби зулол»*** мегӯянд?

4. Дар бораи Темурмалик боз чӣ медонед?

***377. Эълони зеринро нависед, феълҳои мустақилмаъно ва ёридиҳандаро муайян намоед.***

**ДИҚҚАТ! ДИҚҚАТ!**

Шумо тамошои филмро announcement меписандед?

Аз вохӯрӣ бо ҳунармандон хушҳол мешавед?

Пас, шитобед, то ҳаловат бубаред!

Дар толори кинотеатри «Тоҷикистон» филми «Ватандор» рӯнамоӣ мегардад.

Иштирок дар намоиш ройгон аст.

Замони намоиш: 15.04.2019.

Тел.: 235 - 09 - 90

### САВОЛ

• Шумо дар толори кино ягон филмро тамошо кардаед?

## §98. ФЕЪЛҲОИ МУТЛАҚ ВА ДАВОМДОР

***378. Ҷумлаҳоро хонед ва гӯед, ки феълҳо амали ба охиррасидаро ифода мекунанд ё давомдорро.***

1. Мошин ба сӯйи суфакӯҳи Данғара баромад. (Ф.Муҳаммадиев) 2. Суханҳои хуб мегуфт, зарбулмасал ва мақолҳои бисёре медонист. (Ҷ.Икромӣ)

**Феълҳои мутлақ амали ба анҷомрасидаро ифода мекунанд**: *гирифтам, дидам, хондааст, суҳбат кардем, хонда шудам.*

**Феълҳои давомдор амали бардавом ва баанҷомнарасидаро ифода мекунанд:** *мехондам, хонда истода будам, хонда истодаам, мехонад, мегӯяд, меравад.*

***379. Феълҳои сутуни якум амали мутлақро ифода намудаанд. Дар сутуни дуюм аз онҳо феълҳои давомдор созед.***

| | |
|---|---|
| 1.Падарам омаданд. | 1. Падарам меоянд. |
| 2.Замира китобро хондааст. | 2. |
| 3.Гулҳо шукуфта буданд. | 3. |
| 4.Вазифаро иҷро карда шудам. | 4. |
| 5.Ба китобхона рафтам. | 5. |

### СУПОРИШ

• Аз китоб ё маҷаллаву рӯзномаҳо чанд ҷумла дар бораи мақоми забони давлатӣ нависед, ки феълҳои мутлақ ва давомдор дошта бошанд.

## §99. ТАРЗҲОИ МОНДА ВА ГУЗАРАНДАИ ФЕЪЛ

**Феълҳо *монда* ва *гузаранда* мешаванд.**

**Таъсири амали феълҳои гузаранда бевосита ба предмет мегузарад:** (китобро) *хондан,* (калонсолонро) *ҳурмат кардан*, (ватанро) *дӯст доштан.* Феълҳои гузаранда саволҳои **киро? чиро**? талаб карда, **пуркунандаи бевоситаро** ба худ тобеъ мекунанд.

**Таъсири амали феълҳои монда ба предмети дигар намегузарад ва дар худи иҷрокунандаи амал мемонад:** *нишастан, давидан, омадан, хиҷолат кашидан, ларзидан.* Феълҳои монда ба вазифаи хабар омада, **пуркунандаи бавосита ва ҳолро** ба худ тобеъ мекунанд: ба хона *рафтан* **(ба куҷо?),** бо устод *суҳбат кардан* **(бо кӣ?).**

**Аз асоси замони ҳозираи феълҳои монда бо ёрии пасванди «*-он*» феълҳои гузаранда сохта мешавад:** хобидан – хобондан, афтодан – афтондан, гузаштан – гузарондан.

***380. Ба феълҳои зерин савол гузошта, мондаю гузаранда будани онҳоро муайян кунед.***

Бархостан, шинохтан, омадан, дидан, истироҳат кардан, такрор кардан, ғундоштан, шикастан, баромадан, баровардан, давидан, ларзидан, ларзондан, тафсидан, сохтан, сӯхтан, созондан, монда шудан, пешвоз гирифтан.

***381. Матнро хонда, феълҳои монда ва гузарандаро ёбед ва шарҳ диҳед.***

Марди безабон аз пайи рӯзӣ тӯлонӣ гашта, шалпар шуда омад ва ба занаш ишора кард, ки рӯ ба рӯйи оинаи нилгун кӯрпача андозад, то вай фароғат кунад. Занак хоҳиши ӯро ба ҷо овард ва мардак каҷпаҳлу зада, чашм ба оинаи нилгун дӯхт. Чанд намоиш гузашт ва ӯро хоб пахш кард. Ба назараш телевизор равшан шуд ва хоби ӯро дур кард. Ӯ боз ба телевизор дида дӯхт, намоиши нав сар шуд ва ӯ худро даруни телевизор дид. Нишаст, ҳайрон буд, ки мардум беҳуда ин чизро оинаи ҷаҳоннамо намегуфтаанд. Дар хонааш нишастаасту дар телевизор метобад. Ангорааш бошад? Ӯ нишаста ва ангораи даруни телевизор хеста мегардад, андеша мекунад…

***Сорбон***

**ЛУҒАТ**

**ангора** – фикру хаёл, тасаввур, пиндор

**СУПОРИШ**

•Муродифҳои ***"фароғат кардан" ва "дида дӯхтан"***-ро пайдо намоед.

***382. Феълҳоро вобаста ба маънӣ ва муносибати ба аъзоҳои ҷумла доштаашон ба мондаю гузаранда ҷудо кунед.***

1. Коса афтоду шикаст. 2. Вай косаро шикаст. 3. Гелос пухт. 4. Ширбиринҷро ҳама дӯст медоранд. 5. Ҳодисаи ҳайратангезе рӯй дод. Даря мехост барои Давлат шуда худро ором, хотирҷамъ нишон диҳад. (Р.Ҷ.) 6. Пагоҳ суҳбат мекунем. (Ф.М.) 7. Онҳо… аз пеши полизи Саидпаҳлавон гузашта истода ӯро табрик мекарданд.

## §100. СОХТИ ФЕЪЛ. ФЕЪЛҲОИ СОДА

***383. Ба мисолҳо таваҷҷуҳ намоед ва фарқи онҳоро шарҳ диҳед.***

| | | |
|---|---|---|
| гашт | баргашт | омада истод |
| омад | баромад | ном гузошт |

**Феълҳо ду роҳи калимасозӣ доранд:** ***бо ёрии пешванду пасвандҳо ва таркиббандӣ (бо ёрии феълҳои ёридиҳанда).***

**Вобаста ба ин феълҳои забони тоҷикиро аз ҷиҳати сохти сарфӣ (морфологӣ) ба се гурӯҳ ҷудо мекунем: сода, сохта ва таркибӣ.**

***384. Матнро хонед ва нависед, асосҳои феълиро муайян кунед.***

1. Шайх Маҳамшод ҳам баромад, Майвандӣ бо шоҳ монд. 2. Шухрати «Шоҳнома» торафт меафзуд. 3. Вазир аз дарбор ба девони худ баргашта, ба Фирдавсӣ кас фиристод. 4….Баҳромро ҳамин гуна мебинам. Марде на танҳо диловар ва дар ҷанг пурҳунар, балки соҳибандеша ва бохирад ҳам. 5. Ман як сари қадам ба зиёраташон омадам, зиёд намеистам.

**Феълҳои сода аз ҷиҳати сохти сарфӣ (морфологӣ) ба шакли холис (бе пешванду пасвандҳои калимасоз) воқеъ мешаванд. Феълҳое, ки танҳо аз як асос иборатанд, феълҳои сода ном доранд**: *хонд, бурд, сӯхт, кӯфт, хон, бар, сӯз, гӯй, бин, омад.*

***385. Порчаҳои шеърро ифоданок хонед ва феълҳои содаро муайян карда нависед.***

Ҳар ки айби дигаре дар пеши ту омаду гуфт,
Дон, ки айби туро низ бар дигарон хоҳад гуфт.

***Саъдӣ***

Торе, ки туро Ватан нахонад, назанам,
Он дил, ки ғами Ватан надонад, шиканам.

Шамъе, ки бари Ватан насӯзад, бикушам,
Чашме, ки туро, Ватан, набинад, биканам.

***Гулрухсор***

**САВОЛ ВА СУПОРИШ**

1. Шеърҳоро ба наср баргардонед ва мазмуни онҳоро шарҳ диҳед.
2. *«Назанам»* калимаи сода аст ё сохта, барои чӣ?
3. Воқеаи охирини шунидаатонро нависед ва дар зери феълҳои содаи он хат кашед.

## §101. ФЕЪЛҲОИ СОХТА

***386. Феълҳоро нависед, асос ва пешванду пасвандҳоро бо аломат ишора кунед.***

Баргаштан, бардоштан, баровардан, баркашидан, даромадан, даргирифтан, боздоштан, вохӯрдан, фуровардан, номидан, хушконидан, талабидан, сабзидан, фаҳмидан.

**Феълҳои сохта аз асос ва пешванду пасвандҳои калимасоз таркиб мееёбанд**: *фуровардан, бархостан, хушкидан, ҷангидан, даргузаштан, даромадан.*

**387. Ҷумлаҳоро нависед ва феълҳои сохтаро шарҳ диҳед.**

1. Баъди як моҳ Аҳмадбек аз сафар баргашт. Мард ба тарафи духтарак хам шуда, аз қуттие, ки дар поёни кабина, дар муқобили ӯ воқеъ буд, сачоқеро баровард. (Ф.Муҳаммадиев) 2. Кампир баромада рафту пас аз дақиқае Насимҷон ба хона даромад. (Ҷ.Икромӣ) 3. Қодирову соҳибхона пасу пеш фуромада ба ҳавлӣ даромаданд. (Р.Ҷалил)

## §102. ФЕЪЛҲОИ ТАРКИБӢ. ФЕЪЛҲОИ ТАРКИБИИ ФЕЪЛӢ

**Феълҳои таркибӣ аз рӯйи ифода ду хел мешаванд:** ***феълҳои таркибии номӣ (пешвоз гирифтан, сурх шудан, кор кардан) ва феълҳои таркибии феълӣ (рафта буд, рафта истода буд, навишта гирифтан).***

***388. Дар ҷумлаҳои зерин ба сохту таркиб ва маънои феълҳо диққат диҳед.***

1. Гӯё ин масъала ба онҳо ҳеҷ дахл надорад, гап дар бораи корхонаи худашон не, балки кадом як муассисаи бегона рафта истодааст. 2. Магар сухан ҷойи холии модарро дар дил пур мекунад? Ҳаргиз не. Бузургии модарро фақат бо андешаҳои амиқ метавон дарёфт. 3. Ӯ ҳанӯз ба тангнои охирини дара, ки дар пушти тахтасанги калоне воқеъ буд, нарасида, аз ғояти ҳайрат карахт шуда монд.

***Барот Абдураҳмонов***

***Феълҳои таркибии феълӣ*** **аз як феъли асосӣ ва як ё якчанд феъли ёридиҳанда иборат буда, ҳамчун як таркиб ба ҳисоб гирифта мешаванд**: **хон**дан гирифт, *хоҳад* ***хонд***, ***хон****да истодааст,* ***хонда*** *гирифт,* ***хонда*** *истода буд.*

**Феъли асосӣ (хонда) маънои луғавӣ ва феъли пас аз он омада маънохои грамматикӣ дорад: истода** ба амали бардавом ва **буд** ба замони гузашта далолат мекунанд.

***389. Феълҳои таркибии ҷумлаҳоро муайян кунед.***

1. Яке аз ҷавонҳои мо аз китфаш сахт лат хӯрда маъюб шуд, чанд моҳ дар табобатхона хоб карда баромад. (Ф.Муҳаммадиев) 2. Духтарча овози ӯро шунида, аз гиря бозистод ва хӯсида-хӯсида ба Давлат нигоҳ кардан гирифт. (Р.Ҷалил) 3. Ҳа, табиати мамлакати мо ба ҳадде зебо шудааст, ки кас аз тамошои он чашм канда наметавонад. (А.

Деҳотӣ) 4. Саид Паҳлавон яке аз ҳамин хел деҳқонҳои ҳунарманд ва пурдон ба шумор мерафт. (Ҷ.Икромӣ) 5. Саид Амон медонист, ки мутриб имрӯз ҳам, фардо ҳам дар «боми деҳа» нишаста, он асбоби сеҳрноки худро хоҳад навохт. (Ф. Муҳаммадиев) 6. Ӯ ин ин гуна ҳикояҳоро бо боварии тамом нақл мекард ва мепиндошт, ки ман ҳам тамоман бовар карда истодаам. (С.Айнӣ)

## §103. ФЕЪЛҲОИ ТАРКИБИИ НОМӢ

***390. Хонед. Феълҳои ишоратшударо нависед ва сохту таркиби онҳоро шарҳ диҳед.***

Кабӯтар номи парандаест. Номи ин паранда ба ранги кабуд доштани он **ишора дорад**. **Дарк намудани** этимологияи ин калимаи сохта чандон душвор набошад ҳам, касро ба андеша **водор менамояд**. Чунки кабӯтарони ҳозира (ман кабутарони хонагиро **дар назар дорам**) гуногунранганд. Дар ин маврид бояд **ба ҳисоб гирифт**, ки қисме аз кабутарон баъд аз хонагӣ ва дастпарвару **ром гардиданашон** шаклу хислатҳои рангоранг **пайдо кардаанд**. Кабӯтарони ваҳшӣ кабудранганд.

Парандаи мазкурро дар забони тоҷикӣ, махсусан дар лаҳҷаҳои ҷудогонаи он, *кафтар* ҳам меноманд. *Кафтар* инкишофи фонетикӣ ва мухаффафи ҳамон *кабӯтар* аст.

***Абдураҳмон Бухоризода***

**ЛУҒАТ**

**мухаффаф** – сабук кардашуда, кӯтоҳ кардашуда

**этимология** – як соҳаи илми забон буда, таърихи баромади калимаҳоро барқарор мекунад.

***Феълҳои таркибии номӣ*** **аз ҳиссаҳои номии нутқ ва феъл- ҳои ёридиҳанда сохта мешаванд**.

Ҷузъи номии чунин феълҳо **исм, сифат, ибораҳои номӣ, шумора, зарф** ва ҷузъи дуюми феълҳои таркибии феълӣ аз **феълҳои ёридиҳанда** (***кардан, шудан, намудан, гардондан, сохтан, хӯрдан, кашидан***...) иборатанд: *кор кардан, шод шудан,дуои нек кардан...*

***391. Матнро хонед, феълҳои таркибии номиро нависед ва гӯед, ки маъноҳои шахсу шумора, сиға ва замонро кадом ҷузъҳо ифода кардаанд.***

Чистон маҳсули ақлу заковат, ҷаҳонбинӣ, донишу фазилат ва завқу салиқаи халқ аст. Ин жанри қадимӣ ва машҳури фолклор аз нутқи маҷозӣ ва мафҳуми иҷтимоӣ то ба як навъи дилкаш ва шавқангези санъати сухан роҳи дуру дарози тараққиётро тай кардааст. Чунончи, шахси хушзавқе фармудааст:

**Таҳ санг, рӯ санг,**
**Миёна уқоби тезчанг.**

Ва ё:

**Об дар об чӣ бошад?**
**Ҳавзи гулоб чӣ бошад?**
**Оташ расад, ях кунад,**
**Ӯро ҷавоб чӣ бошад?**

Ин чистонҳо зоҳиран сода ва осон намоянд ҳам, кашфи асрори ниҳони онҳо донишу маҳорат ва зеҳну таҷрибаи муайянеро тақозо менамояд. Ташбеҳоти мувофиқ ва муносиб сифату хосиятҳои сангпушт ва тухмро равшану диққатангез сохтаанд. Шунаванда ба фикр фурӯ меравад, аломат ва сифатҳои гуногуни сангпушт ва тухмро ба ҳам муқоиса мекунад, дониш ва мушоҳидаи худро ба кор мебарад ва монандии баъзе узвҳои сангпушт ва уқобро ба хотир меорад.

***Асадулло Сӯфиев***

## СУПОРИШ

• Калимаи «***чистон***»-ро ба ҳиссаҳои маънодор ҷудо карда, сохти онро муайян кунед.

***392. Ба ҷойи нуқтаҳо феълҳои ёридиҳандаи мувофиқро гузоред ва бо истифодаи онҳо чанд ҷумла тартиб диҳед***

Озод..., тамошо..., анҷом..., гап..., нигоҳ..., шурӯъ..., расм..., умед..., азоб..., тир..., дил...

## §104. СИҒАҲОИ ФЕЪЛ. СИҒАИ ХАБАРӢ

***393. Мисолҳоро муқоиса кунед ва гӯед, ки амалҳои онҳо аз якдигар чӣ фарқ доранд.***

1. Рӯзи истироҳат соатҳои нуҳ аз хоб **бархостам.** (Ф. Муҳаммадиев) 2. Акнун роҳи шумо он қадар танг ва бадвоҳима нест, ба боло **нигоҳ кунед**, осмони паҳноварӣ кушодаро **мебинед.** (С.Айнӣ) 3. Ҳамшираи меҳрубон, **биё**, одамон, **биёед,** дар паҳлуи ӯ **бишинед**, вай нақл **кунад**, шумо **бишнавед!** (Ҳ. Карим) 4. Акнун дигар одам **намеомадагист**.

**(Ф.Муҳаммадиев)**

**Бо тағйир ёфтани шакли феъл тобиши нав гирифтани амалро *сига* мегӯянд. Сиға ба тарзи *хабар, эҳтимол, шарту хоҳиш ва ё амр* ифода гардидани амал мебошад:** *рафт, рафтагист, равад, бирав.*

**Феъл чор сиға дорад: *хабарӣ, шартӣ -хоҳишмандӣ, амрӣ ва эҳтимолӣ.***

***394. Ҷумлаҳоро хонед. Гӯед, ки феълҳои ишорашуда кадом маъноҳоро ифода намудаанд.***

Аз муаллими хеш он қадар қарздорам, ки аз падари худ; аз падар ҳаёт **гирифтам**, вале аз Арасту ба чизе **доро гаштам**, ки **метавонам** ҳаётамро неку гузаронам.

***Искандари Мақдунӣ***

Он муаллим **бузург аст**, ки ҳар чиро ки **таълим медиҳад**, дар амал **татбиқ мекунад**.

***Катони Меҳтар***

**Сиғаи хабарӣ ба вуқӯъ омадан ва ё наомадани амалро дар ҳамаи замонҳо ифода мекунад:** *омад, наомад, меояд, хоҳад омад, омадааст, омада истодааст.* **Ба ин сиға шаклҳои замони гузашта** (гуфтам, мегуфтам, гуфта будам...), **баъзе шаклҳои замони ҳозира** (гуфта истодаам) ва **ояндаи феъл** (хоҳам гуфт) мансубанд.

***395.Порчаҳои шеърро нависед ва сиғаи хабариро дар онҳо муайян кунед.***

Омад баҳори хуррам бо рангу бӯйи тиб,
Бо сад ҳазор нузҳату ороиши аҷиб.

***Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ***

Бас нуру хирад давлати Сомон овард,
Фарҳанги ҷаҳонро ба Хуросон овард.
Бар беҳунарон, бебасарон, бехабарон
Илму ҳунару оину имон овард.

***Сафар Маҳмуд***

**ЛУҒАТ**

**тиб** – бӯйи хуш, форам

**САВОЛ ВА СУПОРИШ**

1. Калимаи ***«бехабарон»***-ро аз ҷиҳати сохт ва таркиб шарҳ диҳед.
2. Хабари ҷумлаҳои ҳикоягӣ бо кадом сиғаи феъл ифода меёбад?
3. Дар хона хабаре нависед, ки дар он амали ҷумлаҳо дар шакли сиғаи хабарӣ ифода ёфта бошад.

## §105. СИҒАИ АМРӢ

***396. Байтҳоро ба оҳанги даъвату хитоб хонед ва феълҳоро нависед.***

Ба гуфтори донандагон роҳ ҷӯй,
Ба гетӣ бипӯю ба ҳар кас бигӯй.

Забону дилат бо хирад рост кун,
Ҳамерон аз он сон ки хоҳӣ сухун.

Зи Фирдавсӣ акнун сухан ёд гир,
Суханҳои покизаву дилпазир.

Нигар, то чӣ корӣ, ҳамон бидравӣ
Сухан ҳар чӣ гӯйӣ, ҳамон бишнавӣ.

Хирадманд бошу беозор бош,
Ҳамеша забонро нигаҳдор бош.

*Абулқосим Фирдавсӣ*

## ЛУҒАТ

**бипӯй (пӯидан)** – бирав, бидав (рафтан, давидан)

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Шакли пурра ва дурусти калимаҳои ***«бидравӣ» ва «бишнавӣ»***-ро ёбед ва шарҳ диҳед.

2. Мисраи якуми байти чорум кадом пандро ба хотир меорад?

**Сиғаи амрӣ шакли феълиест, ки ба иҷрои амал водор карда, маъноҳои амру фармон, даъвату хоҳишро ифода мекунад.** Сиғаи амрӣ ҳамеша ба воситаи шахси дуюми танҳою ҷамъ ифода меёбад: *хон, хонед, хонетон.*

**Бингар,** зи сабо домани гул чок шуда,
Булбул зи ҷамоли гул тарабнок шуда.
Дар сояи гул **нишин**, ки бисёр ин гул
Аз хок баромадасту дар хок шуда.

***Умари Хайём***

***397. Аз масдарҳо сиғаи амрӣ созед.***

Баромадан, дидан, бархостан, фурӯхтан, хостан, чидан, гирифтан, донистан, навиштан, шунидан, тохтан, ҷустан, дӯхтан, нишастан, доштан, сохтан, савганд хӯрдан, хӯрдан.

***398. Байтҳоро хонед ва гӯед, ки пешванди шаклсози «ме-» бо асоси феъл омада, ба кадом сиға далолат мекунад.***

**Мекӯш** ба ҳар варақ, ки хонӣ,
То маънии он тамом донӣ.
**Мебош** табиби исавиҳуш,
Аммо на табиби одамикуш!

***Низомии Ганҷавӣ***

Чӣ хуш гуфтаст як донои асрор,
Ба гуфтори хуши ӯ гӯш **медор!**

***Садриддин Айнӣ***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Калимаи «*гуфтор*» чӣ хел сохта шудааст?
2. Муродифи калимаи «*хасм*»-ро ёбед.

***399. Эълоне нависед ва феълҳои онро аз рӯйи сиға муайян кунед.***

***400. Ҷумлаҳоро бодиққат хонед. Шаклу сохти феълҳои фармоиширо муайян кунед.***

### ҚОИДАҲОИ МУОШИРАТ БО ДИГАРОН

1. Ба устодон, падару модарон ва калонсолон салом додан ва хайрухуш карданро фаромӯш накун.
2. Хоҳиши худро равшану фаҳмо изҳор намо.
3. Барои ёрию дастгирӣ «***Ташаккур!***» гуфтанро аз хотир набарор.
4. Ба пурсишҳои калонсолон пурра ҷавоб бидеҳ.
5. Ба калонсолону ҳамсолон таваҷҷуҳ ва дилсӯзӣ бикун.
6. Бо дағалию дуруштӣ ва хасисӣ муросокор мабош.
7. Ба дигарон шахсони аз худат калон «***Шумо***» гуфта муроҷиат карданро ёд гир.
8. Ба калонсолон ҷой бидеҳ, меҳмони ба хона омадаро ба нишастан даъват намо.
9. Ба гуфтугӯйи калонсолон ҳамроҳ нашав.
10. Ҳамеша ҳақгӯй, накукор, ғамхор ва поквиҷдон бош.

***401. Шеърро нависед ва муайян кунед, ки шаклҳои феълии он мансуби кадом сиғаҳоянд.***

Эй дӯст, биё, дар қадамат зор бигирям,
Ту ханда куну гӯ, ки чӣ миқдор бигирям.
Кас нест, ки тимори маро бар ту расонад,
Бар бекасии хешу ба тимор бигирям.

***Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ***

### ЛУҒАТ

**тимор** – ғам, андуҳ

## §106. СИҒАИ ЭҲТИМОЛӢ

***402. Ҷумлаҳоро хонед ва ба тобиши маънoии феълҳои ишорашуда диққат диҳед.***

1. Бечора, балки ин модар **доштагист**, ки вай ҳам ман барин муштипар ва барҷомонда **будагист.** (Ҳ. Карим) 2. Ягон моҳ **шудагист.** (Ҷ.Икромӣ) 3. Акнун дигар одам **намеомадагист**-а, рафиқ Баротов? (С. Улуғзода)

**Сиғаи эҳтимолӣ амалеро ифода мекунад, ки гӯянда аз ичро шуданаш тахмин, гумон ва шубҳа дорад. Муқоиса кунед:**

| **Сиғаи хабарӣ** | **Сиғаи эҳтимолӣ** |
|---|---|
| 1. Фардо бародарам меояд. | Фардо бародарам **меомадагист.** |
| 2. Имрӯз ҳаво гарм мешавад. | Имрӯз ҳаво гарм **мешудагист.** |

Ин шакли феълӣ аз **сифати феълии замони гузашта** (хонда) бо пасванди **«-гӣ»** (хондагӣ), ихтисори феъли **ҳаст** (-ст) ва бандакҳои хабарӣ сохта мешавад: **хонда+-гӣ+аст+ам (хондагистаии).**

**Тасрифи феъли *хондан* дар сиғаи эҳтимолӣ**

| Шахс | Шумора | |
|---|---|---|
| | Танҳо | Ҷамъ |
| 1. | хондагистам | хондагистем |
| 2. | хондагистӣ | хондагистед |
| 3. | хондагист | хондагистанд |

***403. Аз масдарҳои зер сиғаи эҳтимолӣ созед.***

***Намуна:****гуфтан–гуфтагистам, мегуфтагистам, гуфта истодагистам.*

Чидан, хонда шудан, шитоб кардан, мондан, номидан, рафтан, кашидан, хондан, донистан.

***404. Порчаҳоро нависед, сиғаи эҳтимолиро ёбед ва шарҳ диҳед.***

1. –Ба ҳама чиз қаҳтӣ биёяд ҳам, ба ҳезум қаҳтӣ намеомадагист?

– Мумкин.

– Мумкин ки бошад, ҳамроҳ ҳезум бурдан чӣ даркор?

*(У. Кӯҳзод)*

2. Гуфтам, дар хона шишта чӣ кор мекунам, биё ҳамроҳаш равам, ҳавои саҳро мехӯрам. Аз дастам биёяд, ягон ёрдам ҳам мерасидагист. Ҳеҷ набошад, даҳони халтаҳоро мебандемку.

**(С. Турсун)**

## §107. СИҒАИ ШАРТӢ – ХОҲИШМАНДӢ

***405. Гӯед, ки иҷрои амали дар ҷумлаҳои ифодашуда ба чӣ гуна шарту шароитҳо вобаста аст.***

Чу дахлат нест, харҷ оҳистатар кун,
Ки мегӯянд маллоҳон суруде:
«Агар борон ба кӯҳистон наборад,
Ба соле Даҷла гардад хушкрӯде».

*Саъдӣ*

**«Агар бемор дуруст шуданӣ бошад, табиб ба дари хона меояд», –**гуфтаанд.

### ЛУҒАТ

**маллоҳ** –киштирон, киштибон

**Сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ амалеро ифода мекунад, ки воқеъ шудани он ба майлу хоҳиш ва ё шарте вобаста аст.**

Муқоиса кунед:

**Сиғаи хабарӣ:** Ман низ аълохон шуда метавонам.

**Сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ:** Ман низ аълохон шуда метавонам, агар мунтазам **хонам.**

Кори аз ҳад вазнин маро бемадор кард, бояд **дам гирам**.

**Ин сиға ба воситаи ба асоси замони ҳозираи феъл ҳамроҳ кардани бандакҳои феълӣ сохта мешавад:** *хонам, хонда бошам; нависам, навишта бошам.*

***406. Шеърро хонда, шаклҳои замонии сиғаи шартӣ-хоҳишмандиро муайян кунед.***

Чашми ман серӣ надорад аз тамошои замин,
Хоҳам, аз мадди назар н-афтад ягон ҷойи замин.
Чашми ман хоҳад, ки бинад навбаҳорон бешумор,
Борҳо бинад шукуфтанҳои гулҳои замин.
Чашми ман маҳви ҷамолу ҳусни зан бошад мудом,
Беҳ зи ҳусни зан набошад ҳусни зебои замин.
Аз азал зан бо замин як гашт чун ду модарон,
Бӯйи зан ояд машомамро аз ақсои замин.
Гар намешуд дасти зан, ҳусни замин пайдо набуд,
З-ин сабаб гӯем занро маҳфилорои замин.
Ҳокимият гар ба дасти зан саросар мегузашт,
Мардҳоро бештар буд кайфи дунёи замин.

***Мирзо Турсунзода***

## ЛУҒАТ

**азал** – ҷовидон будан дар гузашта, ҳамеша
**маҳв** – нест кардан, аз байн рафтан

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Дар бораи модар ҷумлае тартиб диҳед, ки он сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ дошта бошад.

2. Чаро шоир занро бештар васф кардааст? Барои чӣ занро зеби ҳаёт мегӯянд?

3. 5 ҷумла нависед, ки сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ дошта бошанд.

## §108. ТАҲЛИЛИ САРФИИ (МОРФОЛОГИИ) ФЕЪЛ

***Ман дар ҷавоб бо диққат ба андоми ӯ нигаристам: зоҳиран дар муддати ин се рӯз вай худро хеле гиронда буд.***

***(Ҷ. Акобиров).***

**Нигаристам** – феъли шахси якуми танҳо, замони гузаштаи наздик, сиғаи хабарӣ, намуди мутлақ, феъли сода, ба вазифаи хабар омадааст, таркиби сарфӣ (морфологӣ)-яш: нигарист (асоси замони гузашта), -ам (бандаки феълии шахси якуми танҳо). Муродифҳояш: *нигоҳ кардан, назар кардан, чашм дӯхтан, дида дӯхтан; дар ҷумла ба вазифаи хабар омадааст.*

**Гиронда буд** – шахси сеюми танҳо, замони гузаштаи дури сиғаи хабарӣ, тарзи фоилии бевосита, намуди мутлақ, феъли таркибии феълӣ, дар ҷумла ба вазифаи хабар омадааст.

## §109. ТАКРОРИ БОБИ «ФЕЪЛ»

**Дониши худро аз рӯйи саволнома санҷед.**

**1. Феъл чиро ифода мекунад?**

A) Амал ва ҳолати предмет;
B) Аломати амал;
C) Замони амал;
D) Шарти иҷрои амал;
E) Тарзи иҷрои амал.

**2.Феъл чанд асос ва чанд замон дорад?**

A) Се асос ва ду замон;
B) Ду асос ва як замон;
C) Се замон ва чор асос;

D) Ду асос ва се замон;
E) Як асос ва ду замон дорад.

**3. Феълҳо аз ҷиҳати сохт чанд хел мешаванд?**
A) 3 хел;
B) 4 хел;
C) 2 хел;
D) 5 хел;
E) 6 хел.

**4.Кадоме аз инҳо феълҳои таркибии феълиянд?**
A) Рафта буд;
B) Омӯзгорӣ карданд.
C) Хушбахт ҳастанд;
D) Хурсанд шуд;
E) Сухан кард.

**5. Феъл чанд сиға дорад?**
A) 3;
B) 4;
C) 2;
D) 5;
E) 6.

**6. Феъл чанд шахсу чанд шумора дорад?**
A) 3;
B) 4;
C) 2;
D) 5;
E) 6.

**7. Кадом жанр аст, ки ба кас хушҳолӣ мебахшад?**
A) Ариза;
B) Забонхат;
C) Латифа;
D) Хабар;
E) Эълон.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Асоси замони ҳозираи феъл ба чӣ баробар аст?

2. Асоси замони гузаштаи феъл чӣ тарз ифода меёбад?

3. Фарқи бандакҳои феълиро аз хабарӣ шарҳ диҳед.

4. Мисолҳое оред, ки дар онҳо феъли ***«ҳаст»*** ва бандаки хабарии ***«аст»*** истифода шуда бошанд.

5. Тасриф чист? Шаклҳои ғайритасрифии феълро номбар кунед.

6. Масдар чист?

7. Феълҳои монда ва гузарандаро шарҳ диҳед.

8. Намудҳои феълро чӣ тарз муайян мекунанд?

9. Воситаҳои ифодаи намуди мутлақ ва давомдори феълро фаҳмонед.

10. Сиға чист?

11. Шаклҳои замонии сиғаи хабариро шарҳ диҳед.

12. Сиғаи амрӣ ба кадом шахс тааллуқ дорад?

13. Сиғаи шартӣ-хоҳишандиро шарҳ диҳед.

14. Сиғаи эҳтимолӣ чист?

15. Феълҳо дар ҷумла ба вазифаи кадом аъзои ҷумла меоянд?

***407. Порчаҳои шеъриро ифоданок хонда, ба зери масдарҳояш хат кашед ва сохти онҳоро муайян кунед.***

Кохи бе устод хоҳӣ сохтан,
Ҷоҳилона ҷон бихоҳӣ бохтан.

***Ҷалолиддини Балхӣ***

Айёми зиндагонист нақше бар об рафтан,
Чашме пуроб кардан ҳамчун ҳубоб рафтан.
Таҳқиқи бесуботӣ дигар масал надорад,
Ҳамчун шарар дамидан бо изтироб рафтан.
Аз қомати хамида меояд ин ишора,
Бигзаштааст ҷавонӣ бояд шитоб рафтан.

***Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ***

## ЛУҒАТ

**изтироб** – ҳаяҷони сахт, беқарорӣ
**ҳубоб** – қуббачаи рӯйи об

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Калимаи ***«бесуботӣ»*** кадом ҳиссаи нутқ аст ва он чӣ тавр сохта шудааст?
2. Маънои калимаи ***«таҳқиқ»***-ро ба ёд оред.

# §110. ТАКРОРИ СОЛОНА

**Дониши худро аз рӯйи саволнома санҷед:**

**1. Дар кадоме аз ин калимаву ибораҳо ҳарфи «и» чун бандаки изофӣ ба кор бурда шудааст?**

A) Омадӣ, гирифтӣ, коргарӣ;
B) Пир, сир, тир, мир, дид, шир, сим, шиша;
C) Гули бодом, насими кӯҳсор, бародари ман, марди фозил;
D) Ибо, идора, иншо, гирифтан, давидан;
E) Синфӣ, Шаҳринав, ҳамсинфӣ.

**2. Дар калимаҳои «шодӣ, мардӣ, баландӣ» ҳиссаи «ӣ» ба кадом қисми калима дахл дорад?**

A) Пасванд;
B) Пешванд;
C) Асос;
D) Реша;
E) Бандак.

**3. Дар кадоме аз ин калимаҳо ташдид дуруст навишта шудааст?**

A) Зиннат;
B) Парранда;
C) Наззира;
D) Заррин;
E) Гоҳҳо.

**4. Кадом ҳамсадоҳо дар охири баъзе калимаҳо навишта, вале талаффуз намешаванд?**

A) Б, в, з;
Б) Ғ, ч, л;
В) Д, т, ҳ;
С) Ф, н, ш;
D) Г, Х, Ч;
Е) П, р, с.

**5. Калимаҳои ИМА, СММ, ВКД аз ҷиҳати сохт ба кадом гурӯҳи исмҳо мансубанд?**

A) Сода;
B) Мураккаб;
C) Ихтисора;
D) Таркибӣ;
E) Такрор.

**6. Замони ҳозираи феълҳоро муайян намоед.**

A) Аҳмад китобро хонд. Барот пахта мечинад. Комил мактуб менависад.

B) Об омад. Асп медавад. Ориф нишастааст.

C) Ҳар ду хомӯш монданд. Дар кӯча касе дида намешуд.

D) Ҳар яке аз инҳо дӯст буд. Як қисми онҳо ба чойхона рафтанд.

E) Шаҳноз нон мепазад. Ёсуман расм мекашад. Шоҳсанам китоб мехонад.

**7. Аз рӯи шахс ва шумора тағйир ёфтани шакли феълро чӣ меноманд?**

A) Таҳлил;
B) Тасриф;
C) Замон;
D) Сиға;
E) Асос.

**8. Дар ҷумлаи «Нигора пухтани тортро дӯст медорад» феъл аз рӯйи сохт чӣ гуна аст?**

A) Таркибии номӣ;
B) Сода;
C) Таркибӣ;

D) Таркибии феълӣ;

E) Сохта.

**9. Ин порча ба кадом намуди ҳуҷҷатҳои расмӣ мансуб аст?**

Ман, Шамсия Муродзода-хонандаи синфи 5-уми «А», гимназияи рақами 2-и ноҳияи Хуросон, дар ҳақиқат, рӯзи 18-уми апрели соли 2018 аз ҳамсинфам - Рухсора Шарифзода ба муҳлати 3 (се) моҳ китоби «Мактаби кӯҳна» -и Садриддин Айнӣ ва «Об аз куҷо меояд?»-и Аминҷон Шукӯҳиро гирифтам.

/ Имзо / Ш.Муродзода

18 -уми апрели соли 2018.

A) Ариза;

B) Тарҷумаи ҳол;

C) Забонхат;

D)Маълумотнома;

E) Баёнот.

**10. Калимаҳои шаклан яксон, мазмунан гуногунро чӣ ном мебаранд?**

A) Муродиф;

B) Ҳамгуна;

C) Зидмаъно;

D) Сермаъно;

E) Маҷозӣ.

**11. Ин матн чӣ ном дорад?**

Диққат, диққат!

Дар толори Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1, ноҳияи Нуробод конфронси илмӣ-адабӣ ба шарафи Рӯзи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ баргузор мегардад. Дар он намояндагони илму адаб аз пойтахт ширкат меварзанд. Иштирок озод аст.

Замон: 15.09.2018

Макон: шаҳраки Нуробод.

Тел.: 3-00-40.

Кумитаи тадорукот.

A) Даъватнома;

B) Мактуб;
C) Эълон;
D) Табрикнома;
E) Забонхат.

**12. Калимаҳои ишорашуда: «Шашсола, чормоҳа, чорҳафта, чоррӯза» -ро аз ҷиҳати сохт муайян кунед.**

A) Сода;
B) Сохта;
C) Мураккаб;
D) Таркибӣ;
E) Такрор.

**13. Аслан тоҷикӣ будан ва ё аз ягон забони дигар ба забони мо дохил шудани калимаҳоро аз рӯйи кадом намуди фарҳангҳо (луғатҳо) муайян мекунанд?**

A) Фарҳанги тафсирӣ;
B) Фарҳанги имло;
C) Луғатҳои соҳавӣ;
D) Луғати дузабона;
E) Фарҳанги мактабӣ.

**14. Ду ва зиёда калимаҳои мустақил, ки яке ба дигаре тобеъ буда, мафҳуми мураккабро ифода мекунанд, чӣ ном дорад?**

A)Калима;
B) Ибора;
C) Ҷумла;
D) Таъбир;
E) Таркиб.

**408. Аз калимаҳои зерин ибораҳо созед.**

Кӯҳ, ин, хона, омӯзгор, хонанда, гуфтан, равшан, баланд, беҳтарин, сурх, дил, китоб, шавқовар.

***409. Аз матни зер ибораҳоро навишта, калимаҳои тобеъкунанда ва тобеъшавандаро бо аломатҳо ишорат кунед.***

Сафедорон аз ду тараф мисли сарбозони баландболои таҳамтан саф кашидаанд. Абдувоҳид-амак гоҳ-гоҳ аз роҳ бозмонда, ба сафи рости дарахтони мавзун, ба танаи сафеди

онон, ки ба атроф гӯё нур мепошанд, чашм медӯзад ва аз назми ин раста, аз ҳусни он ҳаловат мебарад.

Баъзан мисли он ки бо ошноҳои худ суҳбат мекарда бошад, зери лаб мегӯяд:

– Хушрӯед, сафедорон...Чаро ки сарбаландед...боғуруред.

Пас, чашмонашро нимкоф карда, ба осмон менигарад, боз ба дарахтон мурочиат мекунад:

– Офарин, сафедорон...

Аз саргаҳи водӣ– аз он сӯе, ки қуллаҳои барфин воқеъ гаштаанд, насиме мевазад ва баргҳои сабзи чилодор ва пахтасон сафеди дарахтон аҳлона қарсак мезананд ва ин дам ба гӯши пирамард гӯё чавоби онҳо мерасад, ки пичирросзанон мегӯянд:

– Фахри мо, амак, аз ростиамон, – арз мекунад яке.

– Баланд шудаем, ки ҳар чӣ дуртар назар андозем, – мегӯяд дигаре. – Бингаред, амак, ҳо, ана, дарё равон аст. Ҳатто мавчҳои нуқрагунаш намудоранд.

***Фазлиддин Муҳаммадиев***

## ЛУҒАТ

**мавзун** – хушқадду қомат
**назм** – тартиб

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Кадом калимаҳо ташдид доранд?
2. Гӯед, ки ин ифода чӣ маъно дорад: «***Фахри мо аз ростиамон***».

***410. Чумлаҳоро хонед. Мубтадову хабарро ёбед. Бигӯед, ки кадом аъзоҳои чумла чида шуда омадаанд.***

1. Ачоиб фасл аст фасли баҳор! Олами табиат на ин ки фақат зинда шуда, аз нав чон мегирад, тароват, балки нур ва чавонӣ пайдо мекунад. Замин бо сабзаи тару тоза пӯшида мегардад, дарахтон гулпӯш мешаванд, дар ҳаво як бӯйи муаттар, бӯйи сармасткунанда, бӯйи дилбозандае пайдо мешавад, ки аз он ҳам одамон, ҳам чонварон ва ҳам мурғон ба хурӯш меоянд, маст мешаванд. (Ч.Икромӣ) 2. Дар ин роҳ

бисёр Одинаҳо, бисёр Шарифҳо, бисёр Шоҳмирзоҳо, бисёр Сангинҳо, бисёр Гулбибиҳо ва бисёр Гуландомҳо фидо ва қурбон гардидаанд. (С.Айнӣ)

### ЛУҒАТ

**муаттар** – атргин, хушбӯ
**хурӯш** – бонгу садо, ғурриш, ғавғо

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Ҷумлаи аввал бо чӣ гуна оҳанг ифода ёфтааст?
2. Бигӯед, ки дар ҷумлаи дуюм исмҳои хос (номи қаҳрамонони асарҳои устод Айнӣ) бо пасванди **«-ҳо»** омада, чӣ гуна хусусият пайдо намудаанд.

***411. Шеърро ифоданок хонед ва аз ёд кунед. Бигӯед, ки такрори ҳамсадои р ба калимаҳои*** *«буррандатар, ғуррандатар»* ***чӣ гуна оҳанг бахшидааст.***

Вақти он аст,
　　　　　　эй қалам!
Буррандатар гардӣ зи теғ!
Вақти он аст,
　　　　　　эй сухан!
Ғуррандатар гардӣ зи барқ1
То ба душман ҳамла орам,
Решааш бурӣ зи бех,
То расӣ,
Манҳус анчарро кунӣ бешоху барг.

***Ҳабиб Юсуфӣ***

### ЛУҒАТ

**анчар** – як навъ дарахти меваааш заҳрнок
**манҳус** – шум, бадбахт

***412. Калимаҳои зерро ба ҳиҷоҳо ҷудо намуда, задаро дар онҳо муайян кунед.***

***Намуна: паҳ-ла-вон.***

Паҳлавон, дидам, нохост, фардо, берун, майлаш, хондан, ҳамин, китобхона, омадам, намеравам.

***413. Муродифҳои калимаҳои зеринро ёбед.***

***Намуна:*** *дӯст – рафиқ, ёр.*

Офтоб, муҳаббат, инсон, моҳ, бахт, дунё, омӯзгор, дилдода, шӯрапушт, ғазаб, ҳавас, дӯст, раҳм, хурсанд, ресмон, ситам, мусибат, хирад, чашм, ахлоқ, сиришк, асбоб, лашкар, супориш, айб, мақсад.

***414. Матнро бодиққат хонед. Калимаҳои ишорашударо ба ҳиссаҳои маънодор (асос, реша, бандак, пасванду пешванд) ҷудо кунед.***

Созу суруди дилошӯб бори савум дар **чорбоғи** торик танин андохт. Ин бор муғаннии сеҳрсоз **шунавандагонашро** бо **сабздарсабз** ном мақоме сеҳру афсун мекард. Шоҳ аз ғояти шавқ ба по бархоста, ба **саломатии** сари мутриби нопайдо аз ҷоми гулшанорой як ҷом шаробро дам кашид ва гуфт: Ромишгар агар фаришта мебуд, **сиришташ** аз бӯйи мушку анбар ки ҳаст, барбат намедошт ва агар дев мебуд, наменавохт ва намесуруд. Бегумон, вай одамизод аст, боғро чапу рост ҷӯед ва **ёбедаш**. Ман ӯро меҳтари ромишгарони даргоҳ мекунам...

Борбад ин овози шоҳро шунида, аз шохи сарв фуруд омад ва дар пешгоҳи ӯ ҳозир гардид.

– Ту кистӣ? – пурсид шоҳ.

– Яке **бандаам**. Борбади ромишгарам, – ҷавоб дод муғаннӣ ва сипас ба чӣ сабаб ва чӣ гуна ба чорбоғи шоҳ **омаданашро** баён кард.

Хусрав аз Саркаш хашмгин шуда ба вай гуфт:

– Эй бадҳунар. Чаро ту ӯро аз ман дур кардӣ? Ту ҳанзалӣ, Борбад шакар, ту **зоғӣ** ва ӯ булбул:

Бад-ин гуна то сар сӯйи хоб кард,
**Даҳонаш** пур аз дурри хушоб кард.
Бишуд Борбад шоҳи ромишгарон,
Яке **номдоре** шуд аз меҳтарон.

***Мазмун аз «Шоҳнома»***

## ЛУҒАТ

**муғаннӣ** – сароянда, навозанда

**ҳанзал** – як навъ кадуи ёбоӣ, кадуи талх

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Дар калимаи ***«ёбедаш»*** бандакҷонишини **«-аш»** чиро ифода мекунад?

2. Киро ромишгар мегӯянд?

3. Номи Борбади ромишгар ба асбоби мусиқии ***барбат*** чӣ робитае дорад?

4. Аз луғатҳои тафсирӣ маънии калимаҳои ***«танинандоз, мутриб, ромишгар, сиришт»***-ро пайдо намуда, ба дафтари луғататон нависед.

***415. Шеърро хонед. Бандакҳоро ба тартиби зайл оварда, вазифа ва ба чӣ далолат кардани онҳоро шарҳ диҳед: бандаки изофӣ, бандакҳои феълию хабарӣ, бандакҷонишинҳо.***

Эй Ватан, аз сад ҷаҳон бар ман фақат рӯят хуш аст,
Чун гули зебо ба чашми ман туӣ, бӯят хуш аст.
Шаб расад дар кӯи ту ҳастам чароғи посбон,
Соҳили гулгунқабою сабзи Омӯят хуш аст.
Лаҳзае дурат шавам, гардӣ ба дил наздиктар,
Дил кашад сӯят маро, оғӯши дилҷӯят хуш аст.
Чун садоят бишнавам, афтам ба ваҷду изтироб,
Ҳарфи ҷонбахши лаби лаъли сухангӯят хуш аст.
Оби ширинат барорад талхкомии маро,
Обҳои чашмаву дарёчаю ҷӯят хуш аст.
Кам набошад рӯйи олам мулки зебоманзаре,
Мисли ту хуштар надидам, ҳусни дилҷӯят хуш аст.
Мекунам эҳсос дар ту рӯҳи поки модарам,
Бар дили ман гармиҳои рӯйи некуят хуш аст.

***Маҳмадалишоҳ Ҳайдаршо***

## СУПОРИШ

1. Ба талаффузи калимаҳое, ки "***ӯ***" доранд, диққат диҳед.
2. Шеърро аз лиҳози мазмун шарҳ диҳед.

***416. Панду ҳикматҳоро нависед. Калимаҳои таъкидшударо аз ҷиҳати сохти сарфӣ (морфологӣ)-яшон ба сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ ҷудо намоед.***

1. **Дарахти бесамар** беҳ аз фарзанди **носолеҳ.**
2. Ақл аз **калонӣ** ва **майдагӣ** нест.
3. Одами **бесавод** мисли кӯр аст.
4. Ба **некномӣ** мурдан беҳ аз ба **бадномӣ** зистан.

5. Шохи **бемева** кашад сар ба қиём,
Шохи **пурмева** шавад сар ба **салом.**

6. **Хирадро кору боре** чун **хирад** нест,
**Ҷаҳон**ро ёдгоре чун хирад нест.

7. **Тоҷи сари** ҷумла ҳунарҳост илм,
**Қулфкушо**и ҳама дарҳост илм.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

## ЛУҒАТ

**қиём –** рост истодан

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Калимаҳои ишорашуда ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд?
2. *«Қуфлкушо»*-ро ба ҷойи *«қулфкушо»* талаффуз кунед. Бигӯед, ки кадоме аз онҳо осон талаффуз мешаванд.
3. Мазмуни ҳикматҳоро шарҳ диҳед.

***417. Хонед. Исмҳои шахсу ғайришахс, моддиву маъниро ҷудо карда шарҳ диҳед.***

### ДАР СОҲИЛИ КӮЛ

Бачаҳои бисёре дар кӯл оббозӣ мекарданд. Садоҳои хандаву бозӣ ва ҷастухези шодиомези онҳо дар фазои дараи кӯҳистон ғулғулае андохтааст.

Марди солхӯрдае дуртар аз соҳил дар рӯйи алафи сабз нишаста, тани то миён бараҳнаи худро офтоб медиҳад. Дар

паҳлуяш як ҷуфт бағаласо. Вай оҳиста як пойи шими худро боло карда, соқи пойи чӯбинашро мемолад ва ба оби зулоли кӯл бо ҳасрат менигарад.

Дар осмон чанд ҳавопайпои реактивӣ раҳҳои сафед мекашанд. Раҳҳои каҷ, рост, мудаввар. Акси он раҳҳо ба оби соф афтода морсон мелаппанд ва мехазанд.

Мард ба осмон муддате чашм медӯзад. Нуқтаи дурахшонеро, ки аз паси он рахи тозаи сафед пайдо мешавад, дида табассум мекунад. Баъд назараш боз ба бачаҳои саргарми бозӣ афтода, лабханд аз чеҳрааш дур мешавад. Рӯйи чашмонашро пардаи хаёл мепӯшад.

***Фазлиддин Муҳаммадиев***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Фарқи феъли «***менигарад***»-ро аз «***чашм медӯзад***» ва исми ***«табассум»-ро*** аз «***лабханд***» аз ҷиҳати тобишу ҷилои маъноияшон шарҳ диҳед.

2. Маънии «***чашм дӯхтан***»-ро боз бо кадом феълҳо ифода кардан мумкин аст?

***418. Матнро хонед. Шахсу шумораи феълҳоро муайян кунед ва гӯед, ки онҳо ба кадом замон далолат мекунанд.***

Духтарак ба ҳар хонае, ки медаромад, ба бачаҳои соҳибхона ҳасад мебурд. Норҷон маҷбур буд, ки ин шартро қабул кунад, зеро ба ғайр аз Чинӣ мутаккое надошт. Ақлам ба бисёр чизҳо намерасид, ақлам намерасид, ки одами беҳуқуқи беватан ҳеҷ чизро ҳимоя карда наметавонад. Ҳамин табақро пур кунӣ, бас… Дилшикаста ва ятимона нигоҳ мекард, вале Худойқул ба бойҳои давраи қадим монанд буд, ки боз барои ин тавр якравиҳо Ятимро сахттар ҷазо медод. Вале ягон рӯзе набуд, ки бе таънаю маломат баргарданд…

***Сорбон***

## ЛУҒАТ

**мутакко** – такягоҳ

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1.Чаро дар ин ҷо ***Ятим*** бо ҳарфи калон навишта шудааст?

2.Шарҳ диҳед, ки чаро одами беватан беҳуқуқ аст.

***419. Матнро хонед. Ба мавқеи истифодаи бандаки хабарии «-аст» ва феъли «ҳаст» диққат диҳед.***

Калимаи «ҳаст» унсури луғавии забон, калимаи мустақилмаъно, шакли замони ҳозираи феъли **будан** аст. Аммо **аст** унсури луғавӣ нест, балки унсури грамматикӣ – бандаки хабариест, ки бо ёрии он шакли нақлии феъл (шахси сеюми шумораи танҳо: хондааст, кор накардааст) сохта мешавад. Инчунин хабарҳои номӣ ҳам бо ёрии ин бандак шакл мегиранд: *Имрӯз ҳаво гарм аст. Роҳи он ҷо хеле дур аст. Вазифаи мо хондан аст. Ҷамшед донишҷӯ аст.* Дар ин мавридҳо бандаки **аст**-ро феъли **мебошад** иваз карда метавонад: *Ҷамшед донишҷӯ мебошад.* Аммо тарзи ифода сохта ва сунъӣ мебарояд. Бинобар ин устодони каломи малеҳ аз истифодаи он худдорӣ мекунанд. Агар исм, ҷонишинҳои предметӣ ва масдар ба вазифаи хабар омада, аз он бандаки **аст** афтад, байни мубтадою хабар аломати тире мегузоранд: *Ин – дард; Ин ҳама – афсона. Вазифаи мо –хондан.* Сифат, сифати феълӣ, шумораҳои тартибӣ дар ҳамин вазифа омада бошанд, аломати тире гузошта намешавад: *Ишқ ширин; Ҳаво гарм; Зиндагӣ мушкил; Замин сахт, осмон баланд; Абр гирёну лолаҳо хандон; Либос зебанда.*

Феъли **будан** (шакли замони ҳозира: ***ҳаст***, гузашта: ***буд***) мафҳуми воқеият ва ҳастию нестиро ифода мекунад.

– Ҳазрати Мавлоно дар хона ***ҳастанд***?

– То ин дам дар хона ***буданд***.

Дар ин мисолҳо феъли **будан** дорои маънои мустақил аст. Он бо феълҳои ***вуҷуд дорад*** ё ***надорад***, ***ҳузур дорад*** ё ***надорад*** ҳаммаъност.

***Баҳриддин Камолиддинов***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Дар ифодаҳои «**Ӯ омада буд. Вай дар хона буд**» феъли «**будан**» кадом вазифаҳоро иҷро намудааст?

2. Дар хона дар бораи имтиҳонҳо ва тайёрӣ ба онҳо иншо нависед, ки дар онҳо феъли «**ҳаст**» ва бандаки хабарии «**аст**» истифода шавад.

***420. Шеърро маънидод кунед. Калимаҳои мураккаби онро муайян намоед.***

**ЗАБОНГУМКАРДА**

Ҳар кӣ дорад дар ҷаҳон гумкардае,
Дар замину дар замон гумкардае.
Ин нишон гум кардаеву дигаре
Хештанро бенишон гумкардае.
Аз тамоми ину он гумкардагон
Зиштрӯтар нест дар рӯйи ҷаҳон.
З-он ки гумкарда забони модарӣ,
Ҳарф гӯяд бо ту бо чандин забон.
Бок не, гар доварӣ гум кардааст
Ё умеди сарварӣ гум кардааст.
Захр бодо шири модар бар касе,
К-ӯ забони модарӣ гум кардааст.

***Лоиқ Шералӣ***

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

1. Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро кай ҷашн мегиранд?

2. Шеърро ифоданок қироат ва аз ёд кунед.

## МУНДАРИҶА

Муроҷиат ба хонанда....................................................................3
Забон ва сухан...........................................................................4
**I. ТАКРОРИ МАВЗӮЪҲОИ СИНФҲОИ I-IV**........................6
§1. Калима. Ҳиссаҳои нутқ.......................................................6
§2. Ибора. Ҷумла. Мубтадо ва хабар....................................13
**II. ОВОШИНОСӢ (ФОНЕТИКА), ИМЛО ВА ТАЛАФФУЗ** .........................................................................16
§3. Маълумот дар бораи овошиносӣ (фонетика)...................16
§4. Дастгоҳи гуфтор ва вазифаҳои он. Овоз ва ҳарф............18
§5. Алифбо. Овозҳои садонок ва ҳамсадо.............................22
§6. Ҳамсадоҳои ҷарангдор ва беҷаранг.................................29
§7. Йотбарсарҳо ва имлои онҳо..............................................30
§8. Имлои "у" ва "ӯ"..................................................................32
§9. Имлои "и" ва "ӣ"..................................................................34
§10. Имлои "э" ва "е"................................................................39
§11. Имлои ҳарфи "ъ"..............................................................40
§12. Ҳодисаҳои фонетикӣ.........................................................42
§13. Имлои ҳамсадоҳои "д, т, ҳ"...........................................43
§14 Имлои ҳамсадоҳои шадда (такрор) дар калима.............44
15. Ҳиҷо ва хелҳои он..............................................................47
§16. Ба сатри дигар кӯчонидани ҳиссаи калима..................50
§17. Зада ва мавқеи он дар калима.........................................52
§18. Намунаи таҳлили фонетикӣ.............................................54
§19. Такрори боби «Овошиносӣ (фонетика), Имло ва талаффуз»................................................55
**III. НАҲВ (СИНТАКСИС) ВА АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ**.................................................................................60
§20. Мавзӯи баҳси наҳв (синтаксис). Ибора..........................60
§21. Ҷумла....................................................................................63
§22. Ҷумлаи сода ва навъҳои он аз рӯйи оҳанг.Ҷумлаи хабарӣ...............................................................63
§23. Ҷумлаи саволӣ...................................................................69
§24. Ҷумлаи амрӣ...................................................................... 73
§25. Ҷумлаи хитобӣ...................................................................75
§26. Аъзоҳои ҷумла...................................................................78
§27. Сараъзоҳои ҷумла.............................................................79
§28.Хабар....................................................................................82
§29. Мубтадо...............................................................................84

§30. Аъзоҳои пайрави ҷумла..........................................87
§31. Пуркунанда...........................................................89
§32. Муайянкунанда......................................................92
§33. Ҳол......................................................................94
§34. Ҷумлаҳои хуллас ва тафсилӣ....................................97
§35. Ҷумлаҳои чидааъзо ва мавқеи
вергул дар онҳо.........................................................99
§36. Ҷумлаҳои дутаркиба ва яктаркиба........................ 101
§37. Мухотаб ва аломатҳои китобат дар он....................104
§38. Тарзи таҳлили ҷумлаи сода...................................106
§39. Ҷумлаҳои мураккаб...............................................108
§40. Пайвандакҳо дар ҷумлаҳои мураккаб......................110
§41. Тарзи таҳлили ҷумлаи мураккаб.............................112
§42. Нутқи айнан нақлшуда...........................................113
§43. Муколама..............................................................116
§44. Такрори боби «Наҳв (синтакис)
ва аломатҳои китобат»...............................................119
**IV. КАЛИМА**............................................................128
§45. Маънои луғавӣ ва грамматикии калима..................128
§46. Маънои аслӣ ва маҷозии калима............................131
§47. Калимаҳои якмаъно ва сермаъно.............................132
§48. Муродиф (синоним)...............................................134
§49. Зидмаъно (антоним)...............................................137
§50. Ҳамгуна (омоним)..................................................139
§51. Луғатҳои тафсирӣ (якзабона) ва дузабона...............140
§52. Намунаи таҳлили луғавӣ.........................................141
§53. Такрори боби «Калима».........................................142

**V. ТАРКИБИ КАЛИМА. КАЛИМАСОЗӢ ВА ИМЛО**.....145
§54. Калимасозӣ ва имло...............................................145
§55. Реша ва калимаҳои ҳамреша...................................146
§56. Пасванд (суффикс).................................................148
§57. Пешванд (префикс)................................................150
§58. Асос ва бандак......................................................152
§59. Бандаки изофӣ......................................................154
§60. Бандакҷонишинҳо..................................................155
§61. Бандакҳои феълӣ..................................................157
§62. Бандакҳои хабарӣ..................................................159
§63. Сохти калима. Калимаҳои сода...............................161

§64. Калимаҳои сохта....................................................162
§65. Калимаҳои мураккаб..............................................163
§66. Калимаҳои таркибӣ ...............................................165
§67. Таҳлили таркиби калима.........................................166
§68. Такрори боби «Таркиби калима,
калимасозӣ ва имло»...................................................167
**VI. САРФ (МОРФОЛОГИЯ) ВА ИМЛО**...........................170
§69. Маълумоти умумӣ дар бораи ҳиссаи нутқ...................170
§70. Исм ва аломатҳои сарфӣ (морфологӣ)-и он..................171
§71. Вазифаи исм дар ҷумла............................................173
§72. Шумора дар исм.....................................................175
§73. Исмҳои ҷинс ва хос.................................................178
§74. Ҳарфи калон ва нохунак дар исмҳои хос......................180
§75. Исмҳои шахс ва ғайришахс........................................182
§76. Исмҳои моддӣ ва маънӣ............................................184
§77. Исмҳои кул ва ҷузъ.................................................186
§78. Сохти исм. Исмҳои сода............................................188
§79. Исмҳои сохта. Пешванди «ҳам-»...................................190
§80. Пасвандҳои исмсоз..................................................193
§81. Исмҳои мураккаб....................................................195
§82. Исмҳои таркибӣ.......................................................196
§83. Ихтисораҳо.............................................................197
§84. Намунаи таҳлили сарфӣ (морфологӣ) - и исм...............199
§85. Такрори боби «Исм»...................................................200
**VII. ФЕЪЛ ҲАМЧУН ҲИССАИ МУСТАҚИЛИ НУТҚ**...203
§86. Феъл ва аломатҳои сарфӣ ..........................................203
(морфологӣ) -и он..........................................................204
§87. Вазифаи феъл дар ҷумла............................................205
§88. Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл...............................207
§89. Масдар...................................................................207
§90. Шахс ва шумора дар феъл..........................................209
§91. Тасриф. Бандакҳои феълӣ ва хабарӣ.............................212
§92. Асосҳои феъл..........................................................214
§93. Замонҳои феъл........................................................215
§94. Замони гузаштаи феъл...............................................217
§95. Замони ҳозираи феъл.................................................218
§96. Замони ояндаи феъл..................................................219
§97. Феълҳои мустақил ва ёридиҳанда...................................220
§98. Феълҳои мутлақ ва давомдор.......................................222

§99. Тарзҳои монда ва гузарандаи феъл..............................223
§100. Сохти феъл. Феълҳои сода.......................................225
§101. Феълҳои сохта..........................................................226
§102. Феълҳои таркибӣ. Феълҳои таркибии феълӣ.............227
§103. Феълҳои таркибии номӣ.............................................228
§104. Сиғаҳои феъл. Сиғаи хабарӣ.......................................230
§105. Сиғаи амрӣ.................................................................231
§106. Сиғаи эҳтимолӣ..........................................................234
§107. Сиғаи шартӣ – хоҳишмандӣ.......................................235
§108. Таҳлили сарфӣ (морфологӣ) - и феъл.........................237
§109. Такрори боби «Феъл»..................................................237
§110. Такрори солона...........................................................240

**БОБОМУРОДОВ ШАКАР, САБЗАЕВ САИДҚУЛ, НАБИЗОДА САИДА**

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 5-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

| | |
|---|---|
| Муҳаррирон | Б. Камолиддинов |
| | Ю. Шерматов |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Н. Салоҳиддинзода |
| Тарроҳ | Қ. Назаров |

Ба чоп 15.02.2018 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Чопи офсет. Андоза 60х90 1/16. Ҷузъи чопӣ 16,0.
Адади нашр 180000 нусха.
Супориши № 87/2018

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.
Тел: 222-14-66,
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДДМ "Мега принт" ба табъ расидааст
ш.Душанбе, кӯчаи Борбад, 36
Тел.: 378802273